АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ

# КУЛЛИЁТИ ОСОР

ҶИЛДИ 4

**АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРӢ**

# КУЛЛИЁТИ ОСОР

## ҶИЛДИ 4

*Шеърҳо, ғазалҳо, чаҳорпораҳо, дубайтиҳо*

ТОШКЕНТ
«YOSH AVLOD MATBAA»
2022

УЎК: 001(092)(575. 151)
КБК 796.799
796.799

**Бухорӣ, Асад Гулзода.**
Куллиёти осор. Ҷилди 4. Шеърҳо, ғазалҳо, дубайтиҳо ва чаҳорпораҳо. – Т.: “Yosh avlod matbaa”, 2022. – 432 саҳ.

**Бо таҳрир, танзим ва муқаддимаи**

**ҶАЪФАР ХОЛМӮЪМИНОВ**
**(ҶАЪФАР МУҲАММАДИ ТИРМИЗӢ)**
*доктори илмҳои фалсафа (DSc)*

**Тақриздиҳанда:**
**Нарзулло ҶӮРАЕВ,**
*профессор, мудири кафедраи “Улуми иҷтимоӣ”-и Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон*

Аз замоне, ки ошиқони шеъру адаби порсӣ-тоҷикӣ бо ашъори шоири муъосири тоҷик Асад Гулзодаи Бухорӣ ошноӣ пайдо карданд, 65 сол сипарӣ мешавад. Дар тӯли ин солҳо шоири маҳбуби мардум ба унвони як адиби заҳматкаш ва пурталош шинохта шуд, ашъори обдору тобдораш вирди забони пиру ҷавон гашт, маҷмӯъаҳои шеъраш дастраси муҳиббони адабиёти порсӣ дар Ўзбекистону Тоҷикистон ва Эрон гардид, намунаҳои ашъораш дар гузинаҳои мухталифи шеър ҷой гирифт.

Ҷилди чаҳоруми “Куллиёти осор”-и ӯ шеърҳо, ғазалҳо, чаҳорпораҳо ва дубайтиҳои дар солҳои гуногун сурудаи шоири зиндадилро дарбар мегирад.

Умедворем, ки ашъори дар ин ҷилд фароҳамомадаи Асад Гулзодаи Бухорӣ писанди табъи шумо – дӯстдорони шеъри форсӣ-тоҷикӣ мегардад.

ISBN-978-9943-22-214-4

© «Yosh avlod matbaa», 2022 й.

# САБАҚИ САБКИ ХУРОСОНӢ

Асад Гулзодаи Бухороӣ дар як шеъри кӯтоҳи худ бо номи “Чир-чирак”, ки ба шоирони булҳавасу ҷаълӣ, яъне, сохта бахшидааст, қиёфаи аслии ҳуққабозони шеър – нозимони белаёқат ва безарфиятро фош менамояд. Шеъри мазкур зоҳиран барои кӯдакон суруда шудааст: қолаб ва сабки забону шеваи баёни шоир моро ба ин андеша водор мекунад. Вале дар асл, ин шеър барои кӯдакон нест, зеро мухотаб бузургсолон аст...

“Чир-чирак”-и шоир ҳамон ҳашароти замбӯрмонандест, ки дар фасли тобистон ба баргу шохаҳои дарахтони зардолуву себ часпида, бо садои баланди чирросии худ аз субҳ то шом хомӯш намешавад ва оромии ҳастиро халалдор месозад.

Чунон ки дар таърихи тасаввуфу ирфон “мустасвифон”, яъне, сӯфишабеҳон ба хотири ба даст овардани обрӯву мақом дар ҷомеъа бо тинати пучу холӣ худро сӯфимашрабу орифпеша ҷилва медоданд, нозимон ба касб кардани номи “шоир” беандоза ҳарис мешаванд ва бо чоплусӣ, кулоҳбардорӣ, макру ҳила ва ниҳоятан, сарфи симу зар ва суиистифода аз  вазифаву мансаб, худро ба унвони шоир муъаррифӣ мекунанд. Инҳо то ҷое, ки метавонанд, ба “тан”-и як шоири ҳақиқӣ сахт часпида, ҳамроҳи ӯ дар ҳама ҷо – маросимҳо, маҳфилҳо, нишастҳо ва ҷашну сурҳо ширкат мекунанд ва бо истифода аз ин фурсат, чирту пиртҳои худро ба унвони шеър ба мардум мехонанд, то ба унвони шоир шинохта шаванд. Баъзе аз мардуми авом, бо ин мулоҳиза, ки ин “Чир-чирак” дар паҳлуи Шоир нишастааст, гумон мекунанд, ки вай ҳам шоир аст.

Асад Гулзода бо ташбеҳи ғайримунтазирае портрети ин гуна ашхосро дар зеҳни мо тарсим мекунад. Зимни як хитоби кӯтоҳ ба “чир-чирак”, ки бо танзи бисёр латифе баён шудааст, ба моҳияти аслии ин гуна “шоирон” ишора карда мегӯяд:

Чир-чирак, эй чир-чирак!
Биё, биё, пир-пирак!
Тобистон пайдо шавӣ,
Зимистон куҷо шавӣ?
Дар шохаҳо нишаста,
Мехонӣ ту пайваста.
Суруди кӯҳнаатро,
Ҳарфи деринаатро.
Аз ту дорам илтимос,
Бо ман бигир ту тамос.
Шеъраки тоза дорам,
Ба назди ту меорам.
Ҳамонро азёд бикун,
Бихону фарёд бикун.
Ба гӯши ҳама форад,
Ба сарат гулҳо борад.
Ман ҳастам интизорат,
То бароял хуморат.
Биё, биё, пир-пирак,
Чир-чирако, чир-чирак!

То ҷое, ки шоир аз "Чир-чирак" хоҳиш мекунад, ки бо ӯ тамос бигирад, яъне, дуруст то нисфи шеър, гумон мекунем, ки он барои кӯдакон суруда шудааст. Вале аз ин ҷо масъала комилан ранги дигар мегирад ва мо пас аз дарки ин ҳақиқат, ки ғофилгир шудаем, ба ҳадафи аслии гӯянда пай мебарем: эй Чир-чирак, аз субҳ то шом дар шохаҳои дарахт бо садои чирросӣ ҳамвора суруди кӯҳнаатро ба такрор мехонӣ, вале чӣ кори беҳудае мекунӣ, беҳтар ин ки ба ман муроҷиат кунӣ, то ман шеъри тозаамро бидиҳаму ту онро бихонӣ, шояд манзури мардум гардӣ...

Чӣ посухи муносибе ба "Чир-чирак", ки истиъорае аз ҳамин гуна ашхос – шоирони ҷаълӣ аст. Ин гуна "шоирон" – савдогарони шеър, ки обрӯ ва қимати дурри дариро мебаранд, ҳазор сол пеш ҳам буданд, имрӯз ҳам ҳастанд, фардо ҳам хоҳанд буд...

Ҳамин як бозёфти кӯчак кофист, ки Асад Гулзодаи Бухороиро Шоир бихонем. Зеро ҳуҷҷати Шоир на ифтихори узвият ба иттиҳодияҳои бообрӯи адабӣ ва конунҳои боимтиёзи адабиёт, балки ҳамон Шеъри зинда, гӯё, мутаҳаррик, андешаманд, дардангез ва хаёлангез аст. Ҳуҷҷати Шоирии Асад Гулзодаи Бухороӣ низ шеъри ӯст: шеъри зинда, гӯё, гуфтугӯкунанда, таҳаррукдиҳанда, сода, равон, самимӣ, рост, дилнишин, хотирнишин, андешаомез, дардошно ва хаёлангез.

Мунтақидоне, ки фикр мекунанд ҳастии шеър мубтанӣ бар вазну қофия аст, зоҳирро мебинад, вале ба дунёи ботинии шеър сар фурӯ намебаранд. Дар баҳси зоҳир ва ботин ва алалхусус, дар масъалаи пӯсту мағзи шеър Мавлавӣ чӣ дар "Маснавии маънавӣ" ва чӣ дар ғазалиёти "Девони кабир"-и шӯрангезаш андешаҳои ҷолиби диққат дорад. Аз ҷумла, мегӯяд:

Қофияву мағлатаро гӯ, ҳама селоб бубар,
Мағз бувад, мағз бувад дархури дарди шуъаро.

Асад Гулзодаи Бухороӣ шоири мағзгарост, на пӯстгаро. Ба моҳият ва дарунмояи шеър менигарад, на ба маҳосини зоҳирии он. Аз ин ҷо, шеъри ӯ арӯси ороста нест, аз орояҳои ҳунарӣ орист, аз хаёлпардозиву ҳисомезӣ дур аст, ҳатто дар аксари ҳолот бо сактаҳо ва ҳашвҳои нохушоянд "музайян" шудааст. Ҳатто дар баъзе аз маворид ба тахриби қофия ҳам роҳ медиҳад. Таваҷҷӯҳ кунед: ҳатто ба қофия, ки шарти аввалияи шеър аст, чандон эътиборе ро қоил нест. Пас, рози дилписандии сурудаҳои ӯ дар чист? Содагӣ ва равонӣ? Самимият ва отифа? Таносуби калом ва оҳанг? Тасвирпардозӣ ва сужасозӣ? Оре, ҳамаи инҳо ҳаст. Вале боз ба замми инҳо Асад Гулзода ҳамонанди шоирони суннатгарои муъосир, ки чӣ муваффақ бошанд ва чӣ набошанд, одатан ё ба Мавлавӣ, ё ба Ҳофиз, ё ба Бедил татаббӯъ мекунанд (Асад Гулзодаро ҳам метавон ба унвони шоири муъосири суннатгаро қаламдод кард), ба сӯйи ҳеҷ

кадоме аз ин бузургворон гом намебардорад ва барои ин кор норохат хам намешавад. Чаро? Барои ин ки ӯ Бухоро – меҳаншаҳрашро хеле ва хеле дӯст медорад, ошиқона ва содиқона, бе ҳеҷ ғараз, бе ҳеҷ тамаллуқе. Поку беолойиш, содаву самимона. Ва Бухоро барои ӯ гаҳворашаҳри шеъри форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ, модаршаҳри мадойини Машриқзамин, абаршаҳри дунёст. Ва вақте, ки Бухоро маҳди шеъри порсӣ, хостгоҳи забон ва адабу фарҳанги тоҷикист, Одамушшуъаро Рӯдакӣ Исмоили Сомонии ин қаламрав аст. Пас, ӯ худро вориси ҳақиқии Рӯдакӣ эълом мекунад ва ворисро, табъан ва шартан, идомадиҳандаи суннатҳои ниёи худ медонад. Оре, тору пуди ҷаҳонбинии ин пири жандапили шеъри порсии Бухорои имрӯз ба ин андешаи ормонгароёна маҳкам танида шудааст ва аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки ӯ дар ин бобат то ҳадде таъассуботе аз худ зоҳир мекунад...

Асад Гулзода, бо ин ки иродати тамоме ба ҳамаи абармардони шеъру адаби мо дошта, муҳаббати бекаронааш ба Бухорои аҳди Сомониён ва ҷавҳари Оли Сомон – Рӯдакӣ иҷоза надода, ки ба кӯйи онон гузаре кунад. Мисли Робияи Басрӣ, ки чиҳил сол орзӯи хӯрдани хурморо доштааст, вале ба хотири ишқи қавӣ ба Пардардигораш, аз ин амр шарм кардааст...

Аз ин ҷо, Асад Гулзода муқаллиди Рӯдакӣ буданро барои худ шараф ва саъодат медонад ва бидуни ҳеҷ тараддуде ба коргоҳи шоирии устоди шоирон сар мезанад ва сабку сиёқи ӯ сабақандӯзӣ мекунад. Сабақандӯзиҳои ӯ аз Сабки Рӯдакӣ – Сабки хуросонӣ яксон нест. Шоири мо дар гиру дор баъзан муваффақ буда ва баъзан аслан муваффақ набудааст. Аммо, гумон мекунед барои шоири ошиқ ба Сабки хуросонӣ ин муҳим аст? Аслан. Барои Ошиқ, ҳамин, ки аз дур ҷамоли Ёрашро мушоҳида мекунад, кофист. Ошиқони воқеъӣ бисёр шикастанафс мешаванд. Бисёр чиз намехоҳанд. Барои онҳо як ламъа нури ҷамоли Ёр кофист, ки худро хушбахттарин фарди гетӣ бидонанд. Ба ин таъриф, ки шуд, Асад Гулзода гоҳ

палангвору гоҳ гурбавор, дараҳои Сабки хуросониро дарменавардад, гоҳ чун Рӯдакӣ ба мадҳи Оли Сомону Бухоро мепардозад, гоҳ ҳусни табиати меҳанро ба риштаи назм мекашад. Гоҳ ба гуфтани панду андарз лаб боз мекунад, гоҳ аз висолу фироқи Ёр мегӯяд.

Аз ҷумла, дар шеъри “Омад баҳорон” манзараи фаро расидани баҳорро дар рӯбарӯйи хонандаву шунаванда бо содатарин ва шевотарин забон тасвир ва тарсим менамояд:

Шабона борид
Борони гулкор,
Насиме вазид
Аз сӯйи кӯҳсор.

Чашми рӯз кафид,
Баромад офтоб.
Замину осмон
Бигардид пуртоб.

Омад баҳорон
Бо боду борон.
Дилро навозад
Хуршеди тобон.

Чашмаҳо дар ҷӯш,
Рӯдҳо пурхурӯш.
Суруди обшор
Мерасад бар гӯш.

Ҳаво мусаффо
Чун обаки соф.
Шохи дарахтон
Чун мӯйи навбоф.

Ба чашм намудор
Олами зинда.

Чӣ шоду масрур
Одами зинда.

Ғунчаи орзӯ
Кушода гардид.
Қалби асирам
Озода гардид.

Бар кӯҳу кӯтал
Сабза дамида.
Мавсими коштан
Фаро расида.

Наврӯзи олам
Меҳмони мо шуд.
Ҷашни соли нав
Дармони мо шуд.

Вақте, ки ин шеъри содаву самимиро мехонем, бидуни ихтиёр ин абёти Одамушшуъаро Рӯдакӣ дар зеҳн мутаҷаллӣ мешавад:

Гули баҳорӣ,
Бути таторӣ,
Набид дорӣ,
Чаро наёрӣ?

Набиди равшан
Чу абри баҳман
Ба гӯши гулшан
Чаро наборӣ?

Вале... боз чизи дигари муҳимтаре ҳам ҳаст. Дард. Дардҳои ҷонгудоз, ки дар деворҳои ҳофизаи таърихии зеҳни шоир нақшбандиву ҳаккокӣ шудааст ва бо боду борони осмону ҷафоҳои рӯзгор ҳаргиз сутурда намешаванд. Чӣ қадар сахт аст зистан бо ин дардҳои дилгудоз,

ки аз бемеҳриҳо ва белутфиҳои таърихи қаттол ба қалби ӯ ворид шудаанд. Шоир дар шеъри “Яъс ва умед” вақоеъи суқути Сомониёнро ба ин минвол баён мекунад:

Гузашта аз сараш ҷангу ҷадалҳо,
Ба хун оғушта шуд шаҳру маҳалҳо.
Намонда байни мардон
Аҳду паймон,
Аз ин ҷо кӯч баста адлу иймон,
Бимонд, оре, фақат зиллат,
Фақат кулфат,
Фақат офат.
Ба золимҳо замину ҳам замон доданд,
Ба қотилҳо ҷаҳон доданд,
Файзи хонадон доданд.
Намуда қасд бар ҷони Сиёвуш,
Амирони падаркуш,
Ба бор оварда фикри ботили худро,
Ба шаҳ доданд заҳри қотили худро,
Зи ҳадди хеш бигзаштанд,
Яъне, аз Худо гаштанд.
Пас аз марги падар,
он нохалафҳо байни худ ҷанҷол сар карданд,
Барои тахти Сомонӣ
талошу қатл чун Даҷҷол сар карданд.
Пас аз он тоҷу тахти Оли Сомон рафт,
Пас аз он авҷи бахти Оли Сомон рафт...

Хеле кӯтоҳ, вале ҷомеъ...

Чунон ба назар мерасад, ки Асад Гулзода дар Бухоро, Бухоро дар Асад Гулзода маҳлул шудааст. Дигар ӯ дар байни худ ва Бухоро садде, тафовуте, ҳиҷобе, пардаеро намебинад. Чунон ки Ҳофиз мегӯяд:

Миёни ошиқу маъшуқ ҳеҷ ҳоил нест,
Ту худ ҳиҷоби худӣ, Ҳофиз, аз миён бархез!

Ба ин минвол, Асад Гулзодаи Бухорӣ гумшудае дар Бухорост. Ба сони он вакил дар “Маснавӣ”-и Мавлавӣ, ки бинобар ҷурме ба қаҳри Садри Бухоро гирифтор шуда ва тарки Бухоро мекунад, вале бо вуҷуди таҳдиди дору куштори Садри шаҳр, дубора ишқу муҳаббати Бухоро ӯро ба ин шаҳр меоварад, Асад Гулзода ошиқи гумшудаи ин афсонашаҳр аст. Ва ӯ Мансурвор ба ҳар дару девор, гарду хок, гумбазу манор, арку кӯшк, ҳавзу рӯдҳои ин шаҳр девонаосо ишқ меварзад. Ба ҳар кӯчае, ки нигоҳ мекунад, ҷуз Бухоро чизи дигареро намебинад. Фақат Бухороро мебинад, фақат онро мешунавад, фақат бо он гуфтугӯ мекунад. Магар мешавад, ки ошиқи ҳақиқӣ ҷуз маъшуқи худ каси дигареро бубинад, ҷуз ҳавои ӯ ҳавои дигареро дар сар бипарварад, ҷуз садои ӯ садои дигареро бишнавад, ҷуз ӯ бо дигаре гуфтугӯ кунад? Имконпазир нест, ки чунин бошад. Танҳо ин нест, ҳам Ишқ, ҳам маъшуқ ва ҳам ошиқи Асад Гулзода Бухорост. Ин ҳарфҳоро барои муболиға намегӯям, балки ашъори се ҷилди қаблии “Куллиёт”-и Асад Гулзодаи Бухорӣ далели қотеъи ин гуфтаҳост. Ва инак, ҷилди чаҳоруми “Куллиёт”-и Асад Гулзодаи Бухорӣ, ки дар пешгуфтори ҷилди севвум ҳадс зада шуда буд, дар дасти шумо, хонандагони адабпарвари азиз аст ва худи шумо дар ин ҷилд низ бори дигар гувоҳи ин қазия хоҳед шуд.


**Ҷаъфар ХОЛМӮЪМИНОВ**
**(Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ),**
доктори улуми фалсафа (DSc),
устоди Донишгоҳи давлатии ховаршиносии Тошканд,
узви Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон,
узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон,
узви Анҷумани илмии накди адабии Эрон

# ХОКИ НИЁГОН

*Шеърҳо*



*Эй Бухоро, шаҳри беҳамтои ман,*
*Эй Бухоро, шаҳри ирфонзои ман.*
*Бо ту фахрам, бо ту нозам, мавтанам,*
*Эй Бухоро, шаҳри беҳамтои ман!*

## ВАТАН

Муҳаббату садоқатам,
Ватан,
Ватан,
Ватан,
Ватан!
Сиёдату саъодатам,
Ватан,
Ватан,
Ватан,
Ватан!
Туӣ, ки модари ману
туӣ, ки
хоҳари
манӣ,
Имомату ибодатам,
Ватан,
Ватан,
Ватан,
Ватан!

## ӮЗБЕКИСТОН

Зи иқболат манам шод, Ӯзбекистон,
Аз ободият обод, Ӯзбекистон!
Ҳумои бахтат Истиқлол овард,
Ҳаёти тозабунёд, Ӯзбекистон!

Хушо, фарзанди дилсӯзи диёрам,
Зи Истиқлоли кишвар бахтёрам.
Қасам бар номи поки дилпазираш,
Ки тайёрам, ба ҳифзаш ҷон супорам.

Ватан, эй сарпаноҳи зиндагонӣ,
Ту маъвои ҳаёти ҷовидонӣ.
Чу модар рӯзу шаб ғамхори моӣ,
Аз ин рӯ доимо вирди забонӣ.

Азизо, соҳиби иқбол бошӣ,
Агар фарзанди Истиқлол бошӣ.
Ҳамеша баҳри фардои Ватан кӯш,
Ки некӯному некаъмол бошӣ.

Маро номи Ватан дармони ҷон бод,
Азизу мӯътабар андар забон бод.
Дилу ҷонам фидои хоки покаш,
Ки то умри ҷавонаш бехазон бод.

## САДОҚАТ БА ВАТАН

Ҳоло, ки мо наврасем,
Чун хамири норасем,

Роҳи касе напӯем,
Роҳи худро биҷӯем.

Илму ҳунар омӯзем,
Аз нодонӣ парҳезем.

Олиму доно шавем,
Марди тавоно шавем.

Хидмати халқу Ватан,
Қарзи ҳар як марду зан.

Моро Ватан интизор,
То ки шавем ба ӯ ёр.

Фармонаш ба гӯш гирем,
Бори ӯ ба дӯш гирем.

Марзу бумаш пос дорем,
Тухми садоқат корем.

Ватан ба мо модар аст,
Оғӯшаш ҷонпарвар аст.

Хидматаш аз ҷон кунем,
Боғу гулистон кунем.

## ҲУСНИ ҶАҲОН БУХОРО

Ҳусни ҷаҳон Бухоро,
Чу кони оҳанрабо.

Қабул намо ту дуъо:
“Дилу ҷон туро фидо!”

Марҳабо, эй марҳабо:
Шаҳри азим Бухоро!

Бар сари дидаи мо
Боғу роғи Дилкушо.

Аҷаб ҷойи тамошо
Дидаи худро кушо:

Як тараф Регистон аст,
Дар бараш Шаҳристон аст.

Дуртар аз он Лаби Ҳавз,
Биё, чу кардаӣ лафз.

Дилкашу дилситон аст,
Роҳати ҷисму ҷон аст.

Арк бар сари Регистон,
Дар он ҷо тахти равон.

Қароргоҳи амирон,
Кишварро тақдирҷунбон.

Сар шавад аз Шаҳристон,
Таърихи шаҳри бостон.

Мири Араб дар он ҷо,
Манора ҳаст дурнамо.

Масҷиди Калон дилрабо,
Шӯҳрати рӯйи дунё.

Чорманораш мӯъҷиза,
Чор пое дар як мӯза.

Ситора Моҳи Хоса,
Ҷойи нишасти хоса.

Ҷаннати рӯйи Замин,
Худат биёву бубин.

Дуртар аст Баҳоуддин,
Хобида пешвои дин.

Ба мо башорат кунад,
Ба дин ишорат кунад.

Овозаи Чор Бакр,
Кайҳо шуда оламгир.

Ҷойи зиёрат аст он
Дар як бари гӯристон.

Файзободу Намозгоҳ
Манзили халқи огоҳ.

Қатор-қатор биноҳо,
Масҷиду ҳам саройҳо

Чӣ гуна зебо ҳастанд,
Дидаи бино ҳастанд.

Дида ту шайдо шавӣ,
Дониста доно шавӣ.

Чунин бошад Бухоро,
Ҷаҳонро дода оро...

Гар ту ой ба шаҳрам,
Куҷо хоҳӣ, мебарам.

Мешавам ман раҳбалад,
Монда набошӣ аз ҳад.

*Шаҳри Бухоро, 5 майи соли 1988*

## СОҲИБИ ДАВЛАТ ШУДЕМ

Душманони молу ҷони тоҷикон
Кӯчиёни бенишону бемакон,

Ташнагони хуну ҷони одамон
Гашта буданд соҳиби тахти замон.

Баъди даҳ қарн аз пайи ваҳдат шудем,
Бори дигар соҳиби давлат шудем.

Шукри он ки соҳиби мулкем боз,
Хурраму озодаему сарфароз.

Дода аз таърих бар насли ҷавон
Дарсҳо, огоҳ созем аз бадон.

Дар гузашта он чӣ буд, эҳё кунем,
Бо умеде рӯ суи фардо кунем.

*Шаҳри Бухоро, 1 феврали соли 1990*

## НАСЛИ СОМОНӢ

*(Суруди навҷавонон)*

Мо насли номдорем,
Хушбахти рӯзгорем.
Тухми ваҳдат бикорем,
Дар кори худ ҳушёрем.
Мо – авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

Мо ёру дӯсту ҳамдам,
Бар ҳамдигар чу марҳам.
Мо – фарзанди як Одам.
Ҳаргиз наем мо кам,
Мо – авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

Ҳамоҳанги замонем,
Қадам дониста монем.
Ҳаргиз қафо намонем,
Қаҳрамони замонем.
Мо – авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

Тоҷикистон меҳанам,
Қуввати ҷону танам.
Гулистону гулшанам,
Нури чашми равшанам.
Мо – авлоди Сомонӣ,
Бо шӯҳрати ҷаҳонӣ.

*Шаҳри Бухоро, 14 июли соли 2005*

## МУЛКИ НОЗАНИНАМ

Эй мулки нозанинам,
Эй хоки дилнишинам!

Ягона сарзаминам,
Дар ёди ту нишинам.

Чанде, ки аз ту дурам,
Ноҷуру носабурам.

Ташнаи дидорат ман,
Як ошиқи зорат ман.

Ман туро пазмон шудам,
Харидор аз ҷон шудам.

Охир ту модар астӣ,
Аз назарам дур астӣ.

Фарзанди гирёнат ман,
Фарзанди бирёнат ман.

Маро ба оғӯшат гир,
Дар ғаму андӯҳ асир.

Моро ҷудо кардаанд,
Кори хато кардаанд.

Сарҳадат дар банду банд,
Дар дасти ҳар як каманд:

- Раводидат дар куҷо?
Ва гарна, ёрат Худо!

- Гуфта талаб гузоранд,
Мағзи сарат фишоранд.

Дар арафот бимонӣ,
Қадри худ бад бидонӣ.

Чӣ гуна ин замон шуд?
Зиндагӣ дар гумон шуд.

*Сурхондарё, Сариосиё, соли 2010*

## БО НОМИ ТУ САР МЕКУНАМ

Ҳар субҳ кори хешро
Бо номи ту сар мекунам.

Илҳом н-ояд гар шабе,
Афсона дигар мекунам.

Аз дур, бо фарёди худ
Гӯши фалак кар мекунам.

Бедор то гардӣ зи хоб,
Фарёди дигар мекунам.

Ҳар нақшу хаттатро ба ҷон,
Чун шеър азбар мекунам.

*Ню-Йорк, 1 сентябри соли 2010*

## ЭЙ БУХОРО, ШОД БОШ!

Эй Бухоро, доимо obод бош,
Эй Бухоро, доимо озод бош!
Бо ту озодам зи ғамҳои ҷаҳон,
Беғаму осудаву дилшод бош!

Эй Бухоро, шаҳри беҳамтои ман,
Эй Бухоро, шаҳри ирфонзои ман.
Бо ту фахрам, бо ту нозам, мавтанам,
Эй Бухоро, дар ҷаҳон яктои ман!

Эй Бухоро, шаҳри яктои манӣ,
Эй Бухоро, боғи зебои манӣ!
Мисли ту шаҳре надидам дар ҷаҳон,
Эй Бухоро, шаҳри барнои манӣ!

Эй Бухоро, мулки суғдиёни ман,
Эй Бухоро, ҷисми манро ҷони ман!
Қиблагоҳу қиблаву меҳроби ман,
Эй Бухоро, мазҳабу иймони ман!

*Бухоро – Ню-Йорк, 10 октябри соли 2015*

## НИЁИШЕ БАРОИ МАРДУМИ ВАТАН

Мардумаш заҳматкаш аст,
Касбу кораш дилкаш аст.
Коргар асту бинокор,
Меҳрубону беғаш аст.

Хокро гирад, зар гардад,
Еврою доллар гардад.
Зиндагияш фаровон,
Рӯзгораш беҳтар гардад.

Шаҳру деҳ обод шавад,
Сокинаш дилшод шавад.
Дашту даман гулистон,
Аз ғамҳо озод шавад.

Манзилаш тӯйхона бод,
Насибаш тӯёна бод.
Ба давраш ёру ошно,
Ҳамдаму ҳамхона бод.

Гул Асад хурсанд шавад,
Ба халқаш пайванд шавад.
Ҳамаро табрик кунад,
Ба эҳод побанд шавад.

*Ню-Йорк, 20 ноябри соли 2015*

## ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ

Хушо, Истиқлоли мо,
Хуршеди иқболи мо.

Озодии кишвар аст,
Ободии кишвар аст.

Хуршеди иқболи мо,
Яъне, Истиқлоли мо –

Бахти баланди миллат,
Шӯҳрату шони давлат.

Озодиҳои инсон,
Покизагии виҷдон,

Неъмати Истиқлол аст,
Сарвати Истиқлол аст.

Ояндаи Истиқлол –
Меҳнати хубу ҳалол.

Бо меҳнати фаровон,
Бо муҳаббати моён

Ватан обод мешавад,
Мардумаш шод мешавад.

*Шаҳри Бухоро, 23 январи соли 2017*

## ЗАБОНАМ – ДАВЛАТАМ

Забонам аҳли ҷаннатро забон аст,
Забони ман забони қудсиён аст.
Куҷо бошад чунин як лафзи зебо?
Чӣ гӯям, ҳусни онро сад ҷаҳон аст.

Кӣ мегӯяд чунин лафзе шунидам?
Ба дунё инчунин лафзе надидам!
Равон асту фасеҳу дилнишин аст,
Зи модар зодаму таъмаш чашидам.

Забонам зинда дорад миллатамро,
Забонам зинда дорад давлатамро.
Бақои зиндагии тоҷикон аст,
Намоям ҳифз дар дил сарватамро.

*Шаҳри Бухоро, 20 октябри соли 2017*

## ЛАЪЛИ БАДАХШОН

– Лаъл чист, медонӣ?
Доноӣ, агар донӣ!

– На, бехабарам аз он,
Васфашро бикун баён.

Чун аз мулки дигарам,
Ошиқи молу зарам!

– Пас, шунав, эй мусофир,
Нақли маро ба гӯш гир:

Тоҷикам, аз Бадахшон,
Мекунам васфаш баён:

Ҳарфи маро гӯш бимон,
Ҷинси он гардад аён.

Он санги пурҳикмат аст,
Поракӯҳи қимат аст.

Ёқут асту каҳрабо,
Ҷонрабову дилрабо.

Хеле гарон аз зар аст,
Гаронтар аз гавҳар аст.

Ба чашм ояд дилрабо,
Гӯё ки оҳанрабо.

Қурби тилло дорад он,
Нархи аъло дорад он.

Сарвати мулки ман аст,
Давлати халқи ман аст.

Зеби тоҷи тоҷикон,
Шӯҳрати Сомониён.

Мулки мо карда ато
Ганҷи ноби бебаҳо.

Чун лабони дилбарон,
Ҷонситону дилситон.

Шӯълавар чун чашми ёр,
Лола аз он шӯълабор.

Ҳар кӣ дид, лолу гаранг,
Харидор Чину Фаранг.

Бадахшон онро макон,
Номаш – Лаъли Бадахшон!

*Шаҳри Бухоро, 3 январи соли 2020*

## МАДҲИ ВАТАН

Эй кишвари озодам,
Эй кишвари ободам.
Манзили ман ту ҳастӣ,
Бо ту ҳамеша шодам.

Меҳри ту дар қалби ман,
Дар оғӯшат зодаам.
Дар муҳити ҷонпарвар,
Дидаро бикшодаам.

Чу модар ғамхор астӣ,
Бар ту дилам бастаам.
Амри ту карда адо,
Аз қайди ғам растаам.

Аз дидори ширинат
Баҳраҳо ман бурдаам.
Аз ҳасади душманон
Ҳамеша ғам хӯрдаам.

Дар ҷашну сури Ватан,
Шоду мамнун гаштаам.
Дар рӯзи сахти Ватан,
Басо маҳзун гаштаам.

Эй кишвари озодам,
Эй кишвари ободам.
Манзили ман ту ҳастӣ,
Бо ту ҳамеша шодам.

*Шаҳри Бухоро, 27 феврали соли 2020*

## БУХОРОИ ШАРИФ

Ту охир шаҳри пиру навҷавонӣ,
Ту таърихи ҷаҳонро як нишонӣ.
Ҳама қасру биноҳои ту зебост,
Чунин бошу чунин бояд бимонӣ.

Замонҳо будаӣ пойтахти давлат,
Ту ҳастӣ ифтихори халқу миллат.
Чӣ бисёр буда дӯсту душмани ту,
Ҳама ташна ба ҷону молу мулкат.

Ба бахтат омада Сомониёнат,
Шуда соҳиб ба авранги каёнат.
Зи хокат душманонро дур карда,
Бубахшид умр, умри ҷовидонат.

Бидонӣ, исми ту машҳур гардид,
Ҷамолат оламеро нур гардид.
"Бухорои шариф" шуд номи покат,
Насибат иду ҷашну сур гардид.

*Шаҳри Бухоро, 4 марти соли 2020*

## ШАВГОН

Деҳаи Шавгони ман,
Ҳам тану ҳам ҷони ман.

Маскани зебои ман,
Шеъри дилорои ман.

Ба ман ту нон додаӣ,
Шӯҳрату шон додаӣ.

То кунам мадҳат баён,
То шавад шеърам равон,

Ба ман забон додаӣ,
Ҳусни баён додаӣ.

Дар домани Қизилқум,
Дар боғу роғ шуда гум,

Кони нозу неъматӣ,
Серу баландҳимматӣ.

Саргарми меҳнат мардум,
Гузаштӣ аз чанд озмун.

Деҳқону чорводоранд,
Пахтаву гандум коранд.

Зиндагии хуб доранд,
Мақсади матлуб доранд.

Саросар босаводанд,
Дилшоду бонишотанд.

Мактабу кулуб доранд,
Ҳусни хати хуб доранд.

Ман инҷо зода шудам,
Инҷо дилдода шудам.

## МУҲОҶИР

Чанде муҳоҷир будам,
Аз Ватанам дур будам.

Ба диданаш зор будам,
Дар ғаму озор будам.

Онҷо мусофир будам,
Ғамгину дилгир будам.

Доимо бемор будам,
Аз худам безор будам.

Нофорам буд ҳавояш,
Дилгиркунанда ҷояш.

Хобу хӯрдам ҳаром буд,
Рӯзам ба сони шом буд.

Меҳнаташ ҳам вазнин буд,
Заҳматаш ҳам сангин буд.

Аз худ норозӣ будам,
Ба маргам розӣ будам.

Чӣ рӯзҳое надидам,
Чӣ гапҳое шунидам.

Қадри Ватан донистам,
Донистам, бе ӯ нестам.

Акнун бигзошта ҷоям,
Сӯйи Ватан меоям.

Дидаи худ кушоям,
Дида равшан намоям.

Чӣ гуна гарм оғӯшаш,
Бигардам ман мадҳушаш.

Хоки Ватан муқаддас,
Ба қадри он ту ҳам рас!

*Шаҳри Бухоро, 21 феврали соли 2020*

## СУҒДЗОД

Суғдзодам ман, забонам тоҷикист,
Лафзи чун дарё равонам тоҷикист.

Дафтару осори ман гӯяд сухан,
Қиссаи пайдоиши Шарқи куҳан.

Хоки ин Суғди маро кобӣ агар,
Сангу оҳанпораҳо ёбӣ агар,

Оҳанаш гӯяд, ки ханҷар будаам,
Марг бар ҷони Сикандар будаам.

Аз сафолаш рамз хоҳу роз ҷӯ,
Бо забони Суғд созад гуфтугӯ.

Будаам зарфи нафису пуршароб,
Мекашид аз ман майе чун офтоб.

Ҳеҷ миллатро хату нақше набуд,
Савти тору шеъри ҷонбахше набуд.

Буд Суғдам кишвари илму ҳунар,
Кишвари бофандагони пурҳунар.

Сарзамини атру мушку ғозаҳо,
Кишвари абрешиму шерозаҳо.

Қарнҳо чун корвон бигзашту рафт,
Гоҳ шоду бо фиғон бигзашту рафт.

Аҳди тиллоии Сомонӣ расид,
Даври фарҳангу ғазалхонӣ расид.

Рӯдакӣ бо лафзи ман ашъор кард,
Хусравони салтанат гуфтор кард.

Бӯалӣ “Қонун”-и тибро гуфту рафт,
Сӯзанӣ ашъори ширин суфту рафт.

Ҳар кафи хоки Бухороям, писар,
Гар ба чашми заррабин созӣ назар,

Зарраҳо гӯяд, ки донишвар будам,
Дар самои Маърифат шаҳпар будам.

Зар, ки сурх асту мисоли оташ аст,
Суғдиёнро рамзи оташ дилкаш аст.

Шоҳи суғдӣ тоҷ чун бар сар гузошт,
Номи “Тоҷик” аз ҳамон зевар гузошт.

Тухми гулро бар замин корӣ агар,
Гул ба сар гардад замин рӯзи дигар.

Ҳар чӣ пайдо мешавад аз решааш,
Асли худро зинда дорад пешааш.

Тоҷикам ман, тоҷики даврони нек,
Асли наслам аз ҳамон суғдони нек.

Мо давоми суғдиёни бошараф,
Доимо парчам ба дасту пешсаф.

Соҳиби як давлати пурифтихор,
Сулҳу Ваҳдат гашта бар мо хуш шиъор.

*Шаҳри Бухоро, 27 майи соли 2020*

## ДИЁРАМ ТОҶИКИСТОН

Гулшани зебои ман,
Дар ҷаҳон яктои ман!
Манзилу маъвои ман,
Дар саховат бои ман!

Баҳорам Тоҷикистон,
Диёрам Тоҷикистон!

Қиблагоҳи ман туӣ,
Саҷдагоҳи ман туӣ.
Такягоҳи ман туӣ,
Сарпаноҳи ман туӣ!

Баҳорам Тоҷикистон,
Диёрам Тоҷикистон!

Машҳури олам шудӣ,
Уммеди одам шудӣ.
Ташнаи меҳри ёрӣ,
Озоду беғам шудӣ.

Баҳорам Тоҷикистон,
Диёрам Тоҷикистон!

Кишвари озодӣ ту,
Кишвари ободӣ ту.
Аз толеъат шодӣ ту,
Гул карда дилшодӣ шуд.

Баҳорам Тоҷикистон,
Диёрам Тоҷикистон!

Хуш бувад иқболи ту,
Ҷашни Истиқлоли ту!
Кушода аст роҳи ту,
Шаҳпару ҳам боли ту,

Баҳорам Тоҷикистон,
Диёрам Тоҷикистон!

## ТОҶИКИСТОН

Дарраву кӯҳсорат,
Шаршари бешуморат,

Чашмаву дарёҳоят,
Оғӯши хушҳавоят,

Қуллаҳои баландат,
Намуди дилписандат,

Азбаски бебаҳоянд,
Ба дарди ман давоянд.

Водию боғу роғат –
Манзили бофароғат!

Пирони дар дуъоят,
Мардони босахоят,

Занони бовафоят,
Атфоли хушсадоят,

Азбаски бебаҳоянд,
Ба дарди ман давоянд.

Шоиру олимонат,
Ҳофизи яккахонат,

Писарони баорат,
Духтарони баҳорат,

Замини ҳосилхезат,
Дарёи гуҳаррезат,

Азбаски бебаҳоянд,
Ба дарди ман давоянд.

Эй мулки дилрабоям,
Эй мулки дилкушоям!

Ифтихори ман астӣ,
Иқтидори ман астӣ!

## ШАҲРИ ШАРИФ

Дилрабоӣ, Бухоро,
Дилкушоӣ, Бухоро.

Ту шаҳри шарқонаӣ,
Хуршеди барқонаӣ.

Таърифат дар забон аст,
Таърихат як ҷаҳон аст.

Як шаҳри бостонӣ,
Ифтихори ҷаҳонӣ.

Ҷои тамошоӣ ту,
Дар қалби мо ҷоӣ ту.

Ту шаҳри пуршукӯҳӣ,
Соҳиби обрӯӣ.

Ту шаҳри шарқонаӣ,
Дар ҷаҳон афсонаӣ.

Макони сайёҳонӣ,
Манзили дӯстонӣ.

Дар ҳар қадам авлиё,
Маскани нуру зиё.

Зиёратгоҳи муслим,
Гар дорад ақли солим.

Мухлисонат чӣ бисёр,
Биёянд бо чашми чор.

Шаҳри шариф Бухоро,
Оламро дода оро.

Масҷиду мадрасаҳо,
Наққошӣ, ҳандасаҳо,

Хонақоҳу саройҳо,
Арку кӯшки дилрабо

Ҳусни Бухоро ҳастанд,
Басо дилоро ҳастанд.

Чашмаи илму ирфон,
Бухоро аст бегумон.

То ҷаҳон ҳаст, бимонӣ,
Ҳамқадами замонӣ.

*Шаҳри Бухоро, 14 октябри соли 2020*

## ЗАРАФШОН

Зарафшоно, Зарафшоно, Зарафшон,
Ту мондӣ ёди хубе аз Хуросон.
Туро ёрони мо дар ёд доранд,
Зи хотир ёди ту бурдан на осон.

Зи тифлӣ оби ту дармони мо буд,
Ҳаловатбахши ҷисму ҷони мо буд.
Агар обат бихушкад, сӯзад олам,
Ки обат файзи дастаронхони мо буд.

Зарафшон, роҳи ту дигар нагаштаст
Зи умрат соли бисёре гузаштаст.
Ту ҳоло навҷавониву ҷавонӣ
Сари роҳат харидорон нишастаст.

Зи обат баҳраҳо гирад Самарқанд,
Томоми боғу роғаш бо ту пайванд.
Ту ҳастӣ ҳавзаи оби равонаш,
Ки тамъи мевааш авлотар аз қанд.

Замоне мегузаштӣ аз Бухоро,
Бидода шаҳру деҳашро ту оро.
Кунун монда зи ту ному нишоне,
Бихушкад оби ту дар коми кӯлҳо.

## ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

Мақбараи Сомонӣ
Ёдгории ҷаҳонӣ,

Аз шоҳи одили мо
Аз шоҳи фозили мо.

Қадамҷои мӯҳташам,
Зиёратгоҳи олам.

Набошад дар ҳеҷ куҷо,
Дар гӯшаҳои дунё.

Чунин қасри меъморӣ
Аз ниёкон ёдгорӣ.

Дар феҳристи ҷаҳонӣ
Сабти ном аст, бидонӣ.

Бо чашми худ ту ҳам хон,
Гар намедонӣ, бидон.

Худ таърихи давлат аст,
Ифтихори миллат аст.

Тоҷу тахти мо аз он
Ифтихори тоҷикон.

Таърихи тоҷикон аст,
Ойинаи ҷаҳон аст.

Мо авлоди Сомонӣ,
Бояд ту ҳам бидонӣ.

*Шаҳри Бухоро, 14 декабри соли 2021*

## ДИЛУ ҶОНАМ, БУХОРО!

Ту шаҳри бостони ман, Бухоро,
Ту шаҳри бӯстони ман, Бухоро!

Чӣ зебову гулистонам, Бухоро,
Дилу ҷонам, дилу ҷонам, Бухоро!

Ба дида навҷавон ҳастӣ, бухоро,
Ту фахри ин ҷаҳон ҳастӣ, Бухоро!

Ту шаҳри тоҷикон ҳастӣ, бухоро,
Ту баҳри ман макон ҳастӣ, Бухоро!

Дар ин ҷо зодаву барқад расидам,
Дар ин ҷо рӯшноиҳо бидидам.

Бухоро, баҳри ман зебо Ватан ту,
Бухоро, баҳри ман гӯру кафан ту!

Набахшам бар касе як зарра хокат,
Ҳамеша дар забонам исми покат.

Агар бахшам, бисӯзам зери оташ,
Шавад бе номи ту хотир мушавваш.

Ба халқаш меҳри беандоза дорам,
Ба дидораш тамоми умр зорам.

Асад бо ишқи ту умрест зинда,
Ту шоҳиву ба фармони ту банда.

*Шаҳри Бухоро, 15 декабри соли 2021*

## ЯЪС ВА УМЕД

*Илҳом аз "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров*

Гузашта аз сараш ҷангу ҷадалҳо,
Ба хун оғушта шуд шаҳру маҳалҳо.
Намонда байни мардон
Аҳду паймон,
Аз ин ҷо кӯч баста адлу иймон,
Бимонд, оре, фақат зиллат,
Фақат кулфат,
Фақат офат.
Ба золимҳо замину ҳам замон доданд,
Ба қотилҳо ҷаҳон доданд,
Файзи хонадон доданд.
Намуда қасд бар ҷони Сиёвуш,
Амирони падаркуш,
Ба бор оварда фикри ботили худро,
Ба шаҳ доданд заҳри қотили худро,
Зи ҳадди хеш бигзаштанд,
Яъне, аз Худо гаштанд.
Пас аз марги падар,
он нохалафҳо байни худ ҷанҷол сар карданд,
Барои тахти Сомонӣ
талошу қатл чун Даҷҷол сар карданд.
Пас аз он тоҷу тахти Оли Сомон рафт,
Пас аз он авҷи бахти Оли Сомон рафт...

Расида қарни бистум, бахти ту баргашт,
Ва бахше, қисмате аз кишварат гардид гулгашт.
Муборак боду фархунда, ало, ганҷи парешонам,
Туро ин бахти поянда, ало, эй Оли Сомонам!

*Шаҳри Бухоро, 23 декабри соли 2021*

## ЁДИ БУХОРО

Пояи бахтӣ,
Давлати Сомон.
Шаҳри қадиму
Мероси эшон.

Гузашта чанде
Давру замонҳо
Рафта ба бодҳо,
Рафта зи ёдҳо.

Даврони онҳо
Даврони мо буд,
Забони онҳо
Забони мо буд.

Шиъори онҳо
Буд илму ирфон.
Фарҳанги онҳо
Ба нафъи инсон.

Давлати онҳо
Зӯру тавоно,
Кашида доман
То Каҳкашонҳо.

Шӯҳрати эшон
Гирифта олам,
Чун гул шукуфта
Тақдири одам.

Номи накӯяш
Дар ёди мо бод.
То ҳаст олам,
Бунёди мо бод.

*Шаҳри Бухоро, соли 2021*

## ДУРУД АЗ БУХОРО

*Ба муносибати 80 солагии пойтахт*

Қасрҳои бошукӯҳ,
Буда собит мисли кӯҳ.
Бо ту мехоҳад дилам
Аз дил кардан гуфтугӯ.
Пойтахти тоҷикон.

Қатраи обат маро
Гашта дармону даво.
Манзили уммеди мо,
Хонаи хуршеди мо.
Пойтахти тоҷикон.

Боз бинам навҷавон,
Ба роҳи фардо равон.
То абад фархунда бош,
Бо ту менозад замон.
Пойтахти тоҷикон.

Дар канори кӯҳсор,
Ифтихори беканор,
Хонаи уммеди мо,
Эй канорат файзбор!
Пойтахти тоҷикон!

## ДАВЛАТИ СОМОНИЯМ

I

Давлати Сомониям,
Шавкати осмониям,

Шӯраташ олам гирифт,
Душманашро ғам гирифт.

Душман ба фитна пардохт,
Ба хоки ӯ тохту тохӣ.

Соҳиби тахти ӯ шуд,
Зомини бахти ӯ шуд.

Ман мадад аз кӣ ҷӯям?
Дарди худ бар кӣ гӯям?

Алвидоъ, эй шоҳи ман!
Шоҳи дилогоҳи ман!

Номи ту дар ёди ман,
Рӯҳи ту имдоди ман.

II

Давру замонҳо гузашт,
Давраи хонҳо гузашт.

Ба мо ҳам навбат расид,
Неъмату давлат расид.

Зинда шуд Сомониям
Бо давлати сониям.

Давлатам бунёд шуд,
Кишварам обод шуд.

Соҳиби давлат шудем,
Ягона миллат шудем.

Тоҷикистон ном гирифт,
Мардумаш илҳом гирифт.

Парчами Кова ба даст,
Аз ғуломӣ ҳам бираст.

Эътибораш шуд баланд,
Бахти ӯ шуд бегазанд.

Роҳи фардо пеш гирифт,
Шод шуду дур аз шигифт.

Миллатам шуд сарфароз,
Умри ӯ бодо дароз.

Тоҷикистон зинда бод,
Халқи он фархунда бод!

*Шаҳри Бухоро, 2 январи соли 2022*

# БУЗУРГОНИ БУХОРО



*Падар-модар таҳҷоӣ,*
*Бешубҳа, бухороӣ.*
*Исми хосаш Муҳаммад,*
*Бо меҳру бо муҳаббат.*

## ИМОМ АЛ-БУХОРӢ

I

Дар Бухоро зода аст,
Ба олам чашм кушодаст.

Аҷдоди поки моён,
Аз чеҳрааш намоён.

Падар-модар таҳҷоӣ,
Бешубҳа, бухороӣ.

Исми хосаш Муҳаммад,
Бо меҳру бо муҳаббат.

Дар мадорис хондааст,
Касби камол кардааст.

Чанде таълим додааст,
Ба толиб илм додааст.

Аз кору бораш шод буд,
Аз дарду ғам озод буд.

Замона дигар шудаст,
Аз будаш бадтар шудаст.

Бо замона насохтаст,
Худро накӯ шинохтаст.

Ба ҳикмат меҳр монда буд,
Рӯзу шабҳо хонда буд.

Ҷону дилаш Ҳадис буд,
Худаш ҳадиснавис буд.

Ҳаҷҷи Макка пеш омад,
Пеш омаду хуш омад.

Бар нияташ ҳам расид,
Каъбатуллоҳро бидид.

Ҳоҷӣ шуду боз омад,
Ба шаҳри худ даромад.

Ба илм камарбаста шуд,
Ба таҳқиқ пайваста шуд.

II

Боз аз Ватан канда гашт,
Ба душман банда нагашт.

Амирони бесавод,
Ҳокимони дур аз дод

Ба қадраш кай расиданд?
Бузургияш надиданд.

Ӯро овора карданд,
Хору бечора карданд.

Ба Самарқанд кӯч баст ӯ,
Боз ба таҳқиқ пайваст ӯ.

Рӯзгораш обод гардид,
Аз кори худ шод гардид.

Ҳаёти ӯ дигар шуд,
Эҷодаш пурсамар шуд.

“Тафсири Қуръон” сабаб,
Ба муслим дод ӯ адаб.

“Таърихи калон” навишт,
Огоҳӣ дод аз биҳишт.

Бист китоб мерос гузошт,
Тухми маърифат бикошт.

Хеле Ҳадис ҷамъ намуд,
Ба эҷодаш зам намуд.

Ҳама китобат шуданд,
Боби қироъат шуданд.

Осори ӯ бебаҳо,
Бар дарди инсон даво.

Дар Ҳадис ӯ Сино аст,
Олими беҳамто аст.

Номаш монад ҷовидон,
Дар ҳар давру ҳар замон.

*Шаҳри Бухоро, 21 феврали соли 2020*

## ИМОМИ АЛЛОМА

Зи нурат оламе гашта чароғон,
Ба ҷунбиш омада аҳли Хуросон.
Ба ту ихлос карданд, эй Имомам,
Расида дар замони Оли Сомон.

Ту будӣ раҳкушои бахти Сомон,
Ту будӣ фоли неки бахти Сомон.
Замон дар ҳукми мо гардид тамоман
Муяссар шуд ба тоҷик нақди Сомон.

На мансаб хостӣ, не шӯҳрату ном,
Арабҳо карда буданд он чӣ инъом.
Бирафтӣ аз пайи дини мубинат,
Шудӣ дар аҳди худ аллома Имом.

## ШОИРИ ОШИҚ: АБДУРАҲМОНИ МУШФИҚӢ

*Абдураҳмони Мушфиқӣ дар соли 1538 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Аз ӯ мероси арзишманде чун ду девони ғазалиёт, девони “Қасоид”, достони “Гулзори Ирам” иборат аз ду маснавии “Соқинома” ва “Ҷаҳоннамо” боқӣ мондааст.*

*Шоир дар соли 1588 дар Бухоро вафот кардааст. Дар бораи маҳалли  дафни ӯ ду фараз мавҷуд аст: 1. Дар мазористони Хоҷа Исмати Бухорӣ.*

*2. Дар зери айвони ҳавлии тангу тори назди ҳамин мазористон.*

*Дуввумин фараз ба ҳақиқат наздиктар аст. Дар ин бора устод Айнӣ низ ишора кардааст.*

Шоире буд тавоно,
Зираку хеле доно.

Шеъру ғазал менавишт,
Гоҳе масал менавишт.

Дар маснавӣ устод буд,
Фикру зикраш эҷод буд.

Ҳаҷвияҳо менавишт,
Тухми адолат мекишт.

Шеърҳояш пурмаъно буд,
Ба ҳар дарде даво буд.

Пур аз панду ҳикмат буд,
Сазовори диққат буд.

Ишқро ситоиш мекард,
Беишқро коҳиш мекард.

Муҳаббатро дӯст медошт,
Қиматашро мебардошт.

Ғазалҳо ишқӣ буданд,
Ёрро ҳамесутуданд.

Ба мухлисон писанд буд,
Ба ошиқон чун панд буд.

Ҳамаи ин сабаб шуд,
Ба беадаб адаб шуд.

Мақоми шоир афзуд,
Обрӯяш оламгир шуд.

Зиндагӣ ҳам саромад,
Фурсати рафтан омад.

Кори худ мухтасар кард,
Ба он дунё сафар кард.

*Шаҳри Бухоро, 14 феврали соли 2020*

## ШАВКАТИ БУХОРӢ

Эй шоири шӯҳратёр,
Машҳуру хеле номдор.

Дар Бухоро зодаӣ,
Ба шаҳрат дил додаӣ.

Хостӣ, ки зукко шавӣ,
Олиму доно шавӣ,

Дар мадраса бихондӣ,
Меҳрат ба хондан мондӣ.

Хаёлат дар китоб буд,
Гӯё китоб офтоб буд.

Чашми ту равшан намуд,
Дӯсти қарини ту буд.

Заҳматат зоеъ нарафт,
Иқбол ба рӯят битофт.

Соҳиби дониш гаштӣ,
Аз санҷишҳо гузаштӣ.

Дар байни ҳамкасбонат,
Дар миёни ёронат,

Ёфтӣ ҳурмату иззат,
Обрӯву шону шӯҳрат.

Ба шеър рӯ овардӣ,
Машқи зиёд кардӣ.

Ба мақсад ҳам расидӣ,
Офаринҳо шунидӣ.

Замон, ки ноором буд,
Хобу хӯрат ҳаром буд.

Ватанро ту тарк кардӣ,
Ба Ҳирот рӯ овардӣ.

Онҷо макон гузидӣ,
Дӯсту душман бидидӣ.

Онҷо ҳам ноором буд,
Ҳеҷ шароите набуд.

Азми Ҳиндустон кардӣ,
Бо адибон вохӯрдӣ.

Донишро такмил додӣ,
Ба сабкашон дил додӣ.

Сабки форсӣ иваз шуд,
Эҷоди шоирон нағз шуд,

Пайрави Бедил шудӣ,
Шоири фозил шудӣ.

Соҳиби “девон” шудӣ,
Ба чашм намоён шудӣ.

Ҳар кӣ китобатро хонд,
Дар фикру андеша монд.

Ашъорат орифона,
Ҳақиқат на, афсона.

Кони панду ҳикматӣ,
Дар маркази диққатӣ.

Навҷӯву ҳам тозагӯ,
Доимо дар ҷустуҷӯ.

Шӯҳратат ҳам баланд буд,
Мақомат дилписанд буд.

Эй шоири шӯҳратманд,
Ғазалҳоят дилписанд!

Ба худ эътимод доштӣ,
Номи неке гузоштӣ.

Рӯ ба Эрон овардӣ,
Азми Исфаҳон кардӣ.

Бемор шудӣ, бемаром,
Онҷо биёфтӣ ором.

Гӯянд, қабрат ҳамон ҷост,
Ободу зебо барҷост.

*Шаҳри Бухоро, 15 феврали соли 2020*

## САЙИДОИ НАСАФӢ

*Сайидо, баски ҷаҳон дар назарам танг шудаст,*
*Ҷой дар кунҷи қафас кардаам аз беватанӣ.*
*Сайидои Насафӣ*

Шоири маҳбуби мо,
Ҳаммаслаки хуби мо,

Мӯнису меҳрубон буд,
Фозилу хушзабон буд.

Ҷавони зираку шод,
Аз ғаму ғусса озод

Аз Насаф меҳмон омад,
Ба назди дӯстон омад.

Мақсади худ кард баён
Бо қалби пок ин ҷавон:

Мехоҳам мулло шавам,
Як фарди доно шавам.

Нияташ, ки холис буд,
Ба мадраса дохил шуд.

Аз сафи навҷавонон,
Аз сафи донишҷӯён

Ҷои муносиб гирифт,
Ҳама монданд дар шигифт.

Ба дониш, ки ошиқ буд,
Ба аҳди худ содиқ буд.

Пешсафи дигарон гашт,
Сарвари орифон гашт.

Китоб, ки бисёр мехонд,
Ҳаргиз аз дарс намемонд.

Шеъру ғазал асар кард,
Ба машқи шеър сар кард.

Девони Саъдӣ, Ҳофиз,
Доим будаш сари миз.

Хондаву азёд мекард,
Ба онҳо тақлид мекард.

Як муддат ӯ шогирд буд,
Аз шогирдӣ устод шуд.

Бо шоирӣ ном бардошт,
Алами қалам афрошт.

Шеъру ғазал менавишт,
"Баҳориёт"-ро навишт.

"Шаҳрошӯб" ҳам пайдо шуд,
Ҳар касе хонд, шайдо шуд.

"Маснавиёт", "Қитъаъот",
Ҳар ду ду шохи набот.

Охир китобат шуданд,
Ба халқ ҳидоят шуданд.

"Куллиёт"-аш баромад,
Ба ҷисмаш ҷон даромад.

Кореро бар ӯҳда дошт,
Бухороро дӯст медошт.

Касбаш, ки бофанда буд,
Ризқи ӯ зоянда буд.

Дар ин ҷо зиндагӣ кард,
Дар ин ҷо бандагӣ кард.

Мардум дӯсташ медоштанд,
Ба сарҳо мебардоштанд.

Бисёр ҳурмат мекарданд,
Басо иззат мекарданд.

Умраш ҳамин ҷо гузашт,
Ба Насаф ӯ барнагашт.

Ӯ ҳам бухороӣ шуд,
Шоири таҳҷоӣ шуд.

*Шаҳри Бухоро, 23 феврали соли 2020*

## ИМЛОИ БУХОРОӢ

*Имло тахаллуси шоир буда, номи аслии ӯ Мулло Охунд Муҳаммад Имло ибн Алоуддин ибн Азиз ибн Шайх Юсуфиддин Ҳорунхоҷа Араб мебошад. Вай дар соли 1687 дар деҳаи Сангораки Афғонистони имрӯза таваллуд ёфтааст. Дар давраи ҷавонӣ ба шаҳри Бухоро омада дар гузари Харротони мавзеъи Регистон муқим мешавад. Дар ин гузар асосан дуредгарон истиқомат мекарданд.*

*Имло дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм намуда соҳиби фазлу дониш мешавад. Аввал ба омӯзиши улуми динӣ машғул мешавад ва дар соҳа ба муваффақият ноил мегардад. Сипас, таълимоти чаҳор тариқати ирфонӣ – Нақшбандия, Ишқия, Яссавия ва Кубровияро меомӯзад ва дар ҳар чаҳор тариқат соҳиби иршод мегардад. Баъд аз он ба ӯ "Эшон" – "Эшони Имло" хитоб мекунанд. Аз ӯ пештар танҳо Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор соҳиби чунин унвон гардида буд.*

*Имло ба унвони як шоир ва олими забардаст ҳамчун Шавкати Бухороӣ дар муҳити илмӣ ва адабии Бухоро аз ҷойгоҳи вижае бархурдор буд.*

*Имло, ки дар ғазалсароӣ дасти тавоно дошт, аз худ мероси арзишманди адабӣ боқӣ гузошт. Аз ӯ ду девони комил боқӣ мондааст.*

*Шоир тақрибан дар соли 1749 дар Бухоро бо ҷаҳон падруд гуфт. Зиёратгоҳи шоир, ки дар Бухоро буд, аз тарафи шӯравиён ба замин яксон гардид. Ба ҷои марқади ӯ бинои мактаб сохтанд. Дар натиҷа, ҳамагӣ қабри шоир ва як сардоба боқӣ монд.*

*Арши муҳити аъзам парвонаи дили мо,*
*Ҳурони поксират фарроши манзили мо.*

*Имлои Бухороӣ*

Шоири ҳамадон буд,
Алломаи замон буд.

Бухороро дӯст медошт,
Обрӯи онро бардошт.

Ба дин ҳам эътиқод дошт,
Тухми накӯӣ мекошт.

Ҳосил аз он мебардошт,
Уммеди оянда дошт.

Пешвои дин гашта буд,
Ба Қуръон дил баста буд.

Саросар азбар намуд,
Соҳиби эътибор шуд.

Унвони “Эшон”-ро дошт,
Ливои динро бардошт.

Он рутбаи баланд буд,
Дигар чунин шахс набуд.

Як зина боз боло шуд,
Обрӯяш ҳам аъло шуд.

Ҳама ӯро мешинохт,
Шахсияте буд хушбахт.

Шоири касбӣ, ки буд,
Аз эҷод ҳам дур набуд.

Шеъру ғазал менавишт,
Осуда кай менишаст.

Шеърҳояш олӣ буданд,
Аз нуқсон холӣ буданд.

Равону содда буданд,
Ба ҳама манзур шуданд.

Ҷамъ шуда “Девон” шуданд,
Ба чашм намоён шуданд.

Шоири сермаҳсул буд,
Касбаш ба худ маъқул буд.

Ба ҳама дастрас гардид,
Умри дуборае дид.

*Шаҳри Бухоро, 11 декабри соли 2020*

# ЁДИ ШОҲИН

*Шамсиддин Шоҳин дар соли 1859 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Падари шоир – Мулло Амон аслан кӯлобӣ буда ба мақсади таҳсил ба Самарқанд омада будааст. Пас аз муддате Самарқандро тарк карда ба Бухоро меояд. Дар мадрасаҳои Бухоро камол меёбад. Чанд вақт дар яке аз мадрасаҳои Бухоро мударрисӣ мекунад. Зиндагии фақиронае мегузаронад.*

*Падар зеҳни қавии Шамсиддинро пай бурда ӯро ба мадраса мебарад. Шамсиддин таҳсилоти мадрасаро бо муваффақият ба поён мерасонад. Вале барои худ коре пайдо карда наметавонад. Баъд аз чанд муддат бо парвоначии амири Бухоро Абдуқодир ошноӣ пайдо мекунад. Парвоначӣ Шоҳинро ба мирзогӣ қабул мекунад. Шоҳин ба назари амир мефтад. Амир ӯро ба сафарҳои худ ҳамроҳ мегирад. Ин ба вазиру амалдорони аморат хуш намеояд. Онҳо ба Шамсиддини ҷавон ҳар гуна тӯҳматҳо мекунанд. Шоҳин аз фисқу фасоди дарбориён дилгир мешавад. Хушбахтона, амир парвоначиро ҳокими Шеробод таъйин мекунад. Дӯст ва пуштибони Шамсиддин ҳокими Шеробод – Абдуқодир шоирро ба духтараш ба домодӣ мепазирад. Афсӯс, ки ин бахти худодод дер давом намекунад. Завҷаи шоир ҳангоми таваллуди фарзанд вафот мекунад.*

*Шамсиддин, ҳамсарашро хеле дӯст медошт, баъди ин мусибат ба ғаму ғусса гирифтор мешавад ва ба навиштани достони “Лайлӣ ва Маҷнун” мепардозад. Асарҳои “Тӯҳфаи дӯстон” ва “Бадоеъ ус-саноеъ” маҳсули қалами шоиранд.*

*Шоҳин дар вақти яке аз сафарҳои амир ба шаҳри Қаршӣ ҳамроҳӣ мекард, дар ҳамон ҷо вафот мекунад. Шоирро дар ҳамон шаҳр ба хок месупоранд.*

Ин Бухоро ёди Шоҳин мекунад,
Ёди ӯ ҳам қалби ғамгин мекунад.

Бар ҷаҳони фонӣ нафрин мекунад,
Аҳли динро дон, ки бедин мекунад.

Бар ҷамоли меҳанаш дил баста буд,
Дар ҳамин ҷо зиста, вораста буд.

Дар Бухоро хондаву мулло бишуд,
Аҳли фазлу оқилу доно бишуд.

Шеър гуфту дарди дил иншо намуд,
Мухлисонро бар адаб шайдо намуд.

Бо ғазал бахшид лутфе маънавӣ,
Роз гуфт ӯ бо забони маснавӣ.

Ишқи ёр ангезаи эҷод шуд,
Ёр шуд Ширину ӯ Фарҳод шуд.

Шикваҳо кард аз ҳаёти бемаром,
Хобу хӯрдаш гашт дар даврон ҳаром.

Наварӯсаш дар ҷавонӣ даргузашт,
Эй басо тӯфон варо аз сар гузашт.

Як ғамаш сад ғам шуду оташ гирифт,
Дар фироқаш ҷисму ҷонаш даргирифт.

Достони "Лайливу Маҷнун" навишт,
Бо қалам не, бо дили пурхун навишт.

Эй писар, ин маснавӣ хонӣ агар,
Ҳолу авзоъат шавад куллан дигар.

"Тӯҳфаи дӯстон"-и ӯ аз баҳри мо,
Тӯҳфае аз ӯст ҳамчун раҳнамо.

Дар “Бадоеъ ус-саноеъ” ганҷҳост,
Аз ҳаёту ишқ яъне ранҷҳост.

Шоиро, дар зеҳни мо ёди ту бод,
Дар мазори қалби мо ҷои ту бод.

Гарчи хокат аз Бухоро ҳаст дур,
Бар дили мо ёди ту бахшида нур.

*Шаҳри Бухоро, 13 декабри соли 2020*

# ҒАМИ ШОИР

*Ба гиромидошти Шавкати Бухорӣ*

Бар китобу дафтарат шайдо шудам,
Хонда ман шеъри туро, бино шудам.

Мактаби одамгарӣ шуд баҳри ман,
Мактаби шеъру ғазал, ҳарфу сухан.

Имтиҳони зиндагӣ шуд шеъри ту,
Ҳам нишони зиндагӣ шуд шеъри ту.

Дар замонат зиндагонӣ сахт буд,
Ҳар касе буд аҳли дил, бадбахт буд.

Зиндагӣ пур аз ғаму аз ғусса буд,
Зиндагӣ ғамнок худ як қисса буд.

Дар замона як каси беғам набуд,
Ҳар кӣ беғам буд, ӯ одам набуд.

Баҳри мардум мадраса дар баста буд,
Мардуми оддӣ аз ин дилхаста буд.

Ҳам амирон, ҳам вазирон бесавод,
Мардумаш омода буд бар арзу дод.

Арзи онҳо кай ба гӯши кар расид,
Дарди онҳо кай ба гӯши хар расид?

Ман ғаматро мекунам ҳис ин замон,
Шоиро, эй дардманди беамон!

Шоиро, ҳамдард бо дарди туам,
Зардрӯ бо чеҳраи зарди туам.

Тарки шаҳри хеш кардӣ аз алам,
Рози худ гуфтӣ ба шабҳо бо қалам.

*Шаҳри Бухоро, 24 декабри соли 2020*

# ШЕЪРИ ШОИР УМРИ ӮСТ: МУҲАММАДСИДДИҚИ ҲАЙРАТ

*Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, ки дар соли 1878 дар гузари Арӯсони шаҳри Бухоро ба дунё омадааст, аз хурдсолӣ аз падару модар ятим мемонад. Бародари ягонааш, ки аз ӯ 2-3 сол бузургтар буд, бори рӯзгорро ба дӯши худ мегирад. Ҳарду ба сахтӣ рӯз мегузаронанд. Ҳайрати ҷавон, ки зеҳну ҳуши хуб дошт, ба донишомӯзӣ рағбат пайдо мекунад. Аз падарашон як ҳавлии кӯчак ва ду ҳуҷраи якхонагӣ дар мадрасаҳои Муҳаммад Алихлҷа ва Сӯзангарон мерос монда буд. Бародарон он ду ҳуҷраро ба иҷора дода, бо маблағи он рӯз мегузаронидаанд.*

*Ҳайрат ба мадрасаи Бадалбек дохил мешавад. Вай дар вақти таҳсил ба илмомӯзони мадрасаҳои дигар низ равобити дӯстӣ барқарор мекунад. Аз ҷумла, бо Мулло Эшонқули Ҷондорӣ, ки дар ҳуҷраи онҳо иҷоранишин буд, ошноӣ пайдо мекунад.*

*Мулло Эшонқул, ки дар мадрасаи Кӯкалдош таҳсил мекард, бо Садриддин Айнӣ дӯсти наздик буд. Боре ӯ ба Айнӣ дар бораи Ҳайрати боистеъдод ҳикоят мекунад. Мегӯяд, ки ӯ Шуморо ғоибона мешиносад ва майли ошноӣ бо Шуморо дорад. Айнӣ ин таклифро қабул мекунад. Ҳамин тариқ, Ҳайрат бо устод Айнӣ ошноӣ пайдо мекунад. Ин ошноӣ ба дӯстии самимӣ табдил меёбад. Устод Айнӣ ба маҳорат ва истеъдоди шоирии Ҳайрат баҳои баланд медиҳад. Мунзим, ки он гоҳ дар Бухоро буд, аз ошноии ин ду шоири соҳибистеъдод шод мегардад.*

*Соли 1900 дар Бухоро бемории сил (типеркулоз) паҳн мешавад. Ҳазорон нафар пиру барно бар асари ин маризӣ фавт мекунанд. Аз ҷумла, дар моҳи июли соли 1902 Ҳайрат, ки гирифтори ин беморӣ шуда буд, дар айни ҷавонӣ ва эҷод дунёро тарк мекунад.*

*Пас аз фавти шоир ҳодисае рух дод, ки боиси афзоиши шӯҳрати Ҳайрати ҷавонмарг гардид.*

*Амири вақти Бухоро Аҳадхон, ки бо тахаллуси "Оҷиз" шеър мегуфт, ба Ҳайрат ихлос зоҳир намуда ба Қозикалон Бадриддин супориш дод, ки аз эҷодиёти Ҳайрат намунаҳо пешкаш намояд. Қозикалон иҷрои ин фармонро бар ӯҳдаи Айнӣ ва Мунзим гузошт. Вақте ки онҳо ба ҳавлии Ҳайрат рафтанду дар ин бора сухан кушоданд, бародари шоир таклифи ба Амир тақдим намудани шеърҳои Ҳайратро қабул накард. Вай гуфт, ки "ман бесаводам ва дар бораи шеърҳои бародарам маълумоте надорам". Қозикалон ин хабарро ба Аҳадхон мерасонад. Амир чизе намгӯяд.*

*Гумон меравад, ки Мунзим бо хоҳиши устод Айнӣ мероси адабии Ҳайратро, ки аз ду дафтари дастнавис иборат буд, ба Архиви Академияи илмҳои Тоҷикистон тақдим мекунад. Баъди чанд соли ин воқеъа, дар соли 1957 доктори фанҳои филология Расулхон Ҳодизода дар натиҷаи кофтуковҳо ҳамон ду дафтари дастнависи шеърҳои Ҳайратро пайдо мекунад. Ниҳоят, дар соли 1964 "Ашъори мунтахаб"-и Ҳайрат бо кӯшиши Р.Ҳодизода дар Душанбе ба чоп мерасад.*

Як ҷавони бедор буд,
Як ҷавони ҳушёр буд.

Хушсирату хушсурат,
Заҳматкашу пурғайрат.

Донишҷӯи мадраса,
Шогирди пурҳавсала.

Китоб аз даст намемонд,
Варақ мезаду мехонд.

Ҳамсабақон дар ҳайрат,
Буданд аз ин хел ғайрат.

Ӯ як бародаре дошт,
Мулло Эшон исме дошт.

Дӯсти беғаразе буд,
Ғами Ҳайратро мехӯрд.

Аз пайи ӯ намемонд,
Шеърҳои вайро мехонд.

Ҳамчун шоир мешинохт,
Гоҳе рубоб менавохт.

Ғазалҳои шоирро,
Таронаҳои ӯро,

Ба як оҳанг месуруд,
Қалби ӯро мерабуд.

Ҳайрат аз он шод мешуд,
Гаҳ ба худ, гоҳе бехуд.

Аз дӯсташ миннатдор буд,
Гӯё зи ӯ қарздор буд.

Дӯсташ Эшонқул рӯзе,
Дар як рӯзи фирӯзе,

Бо Айнӣ ҳамсӯҳбат шуд,
Сӯҳбат, ки аз Ҳайрат шуд.

Хост, ки ба ӯ вохӯрад,
Дасти ӯро бигирад.

Аз наздик шинос шавед,
Дӯсти қаринаш гардед.

Ҳар се бародар шуданд,
Акаву додар шуданд.

Аз ҳамдигар бохабар,
Дар синну сол баробар.

Дар мадраса мехонданд,
Фикр аз дониш меронданд.

Бо ҳам баробар шуданд,
Дӯсту бародар шуданд.

Аз пайи эҷод гаштанд,
Шеъру ғазал навиштанд.

Дар муҳити Бухоро,
Дар даврони пурҷафо,

Қавиирода буданд,
Ҳам дилкушода буданд.

Шоирон бисёр буданд,
Ба онҳо сардор буданд.

Мактаби эҷодӣ шуд,
Ба шогирдон ҳодӣ шуд.

Баҳси зиёде доштанд,
Аз он ҳосил бардоштанд.

Ҳайрат умри кӯтоҳ дид,
Бо маризие фавтид.

Аз зиндагӣ сер нашуд,
Умри беш тақдир нашуд.

Бисту се сол умр ӯ дид,
Басо уқубат кашид.

Аз ӯ ду дафтар ғазал,
Мерос монда чун асал.

Шоире буд тавоно,
Оқилу хеле доно.

Аз худ номи нек гузошт,
Ба ин худ боварӣ дошт.

*Шаҳри Бухоро, 2 ноябри соли 2020*

## МУҲАММАДҶОН РАҲИМӢ

Дар Шофиркон зодааст,
Худ, ки асилзодааст.

Илму амал биомӯхт,
Дар зиндагӣ дида дӯхт.

Соҳиби касбу кор шуд,
Ба ҷамъият даркор шуд.

Чанде муаллимӣ кард,
Ба дӯстон ҳамдамӣ кард.

Тоҷикистон мухтор шуд,
Дасти корӣ даркор шуд.

Ин давлати навбунёд,
То бишавад зуд обод,

Дасти ёрӣ даркор буд,
Мададгорӣ даркор буд.

Муҳаммадҷон чун шунид,
Тайёрии пухта дид.

Азми Душанбе намуд,
Сокини онҷо бишуд.

Дасту остин барзада,
Танбалиро сар зада,

Саргарми меҳнат гардид,
Соҳиби иззат гардид.

Дар кохи давлати нав,
Ҷонро гузошта гарав,

Хишти нахустро гузошт,
Умеди оянда дошт.

Тоҷикистон рушд мекард,
Гузашта пушти сар кард.

Ватан гул-гул мешукуфт,
Душман ҳам офарин гуфт.

Муҳаммади хушсавод,
Доди суханро бидод.

Шеъру ғазал менавишт,
Насру масал менавишт.

Шоири пуртавон шуд,
Ҳамқадами замон шуд.

Ашъораш даҳҳо китоб,
Осори хонданибоб.

Мактаби шоирӣ шуд,
Дар забони дарӣ шуд.

Дар забон ҳамто надошт,
Арзиши онро бардошт.

Бар ҷавонон кор омӯхт,
Шеваи гуфтор омӯхт.

Фарзанди халқи худ шуд,
Аз ин пушаймон нашуд.

Обрӯи онро бардошт,
Алломаи замон гашт.

Рӯзҳои некро бидид,
Ба мақсади худ расид.

*Шаҳри Бухоро, 5 октябри соли 2020*

## МУХТОР АШРАФӢ: САНЪАТКОРИ ШӮҲРАТЁР

*Мухтор Ашрафӣ Арбоби санъати Ӯзбекистон, профессори фарҳангу санъат, мусиқишинос, донишманди "Шашмақом", оҳангсози машҳури қарни бистум, аввалин ректори Консерваторияи миллии Ӯзбекистон буд. Бисёр санъатварони бузурги ӯзбеку тоҷик ӯро устоди худ медонистанд.*

*Мухтор Ашрафӣ дар соли 1912 дар гузари Бозори гули шаҳри Бухоро чашм ба олами ҳастӣ кушод. Дар мактаби тоҷикии шаҳр таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро фаро гирифт. Сипас, дар мактаби мусиқии назди фабрикаи трикатажи Бухоро таҳсил намуд.*

*Пас аз вафоташ яке аз кӯчаҳои ободи шаҳри Бухоро "Мухтор Ашрафӣ" номгузорӣ шудааст.*

Санъаткори беҳамто,
Дар зиндагӣ дастболо.

Оҳангсози пурҳунар,
Касбу кор намуд азбар.

Санъатро, ки дӯст медошт,
Парчами ӯро бардошт.

Театр шуд ҷои ӯ,
Манзилу маъвои ӯ.

Шабу рӯз заҳмат кашид,
Бахти худ дар он бидид.

Санъатро, ки дӯст медошт,
Парчами онро бардошт.

Устоди шогирдон шуд,
Ба онҳо соябон шуд.

Ба мардум рӯҳ мебахшид,
Бахти худ дар он медид.

Чу Борбад ном баровард,
Ба талқинаш мaром кард.

Гарчӣ сарду гармӣ дид,
Азизи мардум гардид.

Арбоби санъат бишуд,
Соҳиби иззат бишуд.

Дар зиндагӣ умед дошт,
Аз худ номи нек гузошт.

*Шаҳри Бухоро, 4 октябри соли 2020*

## БОНУИ ТОҶИК – ҚАҲРАМОНИ ӮЗБЕКИСТОН

*Эҳдо ба зодрӯзи бонуи машҳури Бухоро Муяссара Темирова*

Як бонуи фарзона,
Симояш тоҷикона,

Заҳматкашу ягона,
Рафтораш оқилона,

Модари модарон аст,
Дилсӯзи фарзандон аст.

Машъали фабрика буд,
Устоди ҳамагон шуд.

Шогирди бисёре дошт,
Тухми ҳунарро мекошт.

Як ҳунарманди номвар,
Ба ҳама мекард бовар.

Сарвари содае буд,
Ба касб дилдодае буд.

Ҷомаҳои зардӯзӣ,
Тоқиҳои зардӯзӣ,

Чойникпӯшак пардаҳо,
Маҳсули дасти онҳо.

Каллапӯши гулдӯзӣ,
Пероҳани наврӯзӣ,

Ҷомаҳои “Амирӣ”,
Бо дӯхти дилпазире

Ба диди барнову пир
Мувофиқу бозоргир.

Серҷило “Қуббадӯзӣ”,
Дилрабо “Заминдӯзӣ”.

Ба чашм намоён бувад,
Ҳусни арӯсон бувад.

Санъати аҷдодон аст,
Машҳур андар ҷаҳон аст.

Муяссараи зардӯз
Ба пиру барно дилсӯз,

Ифтихори халқи мо,
Ҳамраҳи мо доимо.

Аз касе кам набошанд,
Ҳамеша зинда бошанд.

“Қаҳрамони меҳнат”-анд,
Ифтихори давлатанд.

Азизи ҳамгонанд,
Дар ёди мо бимонанд.

*Шаҳри Бухоро, 10 октябри соли 2020*

# АЗ НАЖОДИ РУСТАМ

*Фарзанди азизи тоҷик Азим Раҳимов дар соли 1925 дар шаҳри Бухоро дида ба дунё кушодааст. Дар Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ дар солҳои 1943-1945 алайҳи фашистон ҷангидааст. Дар мактабҳои тоҷикии Бухоро илм омӯхт. Фаъолияти кории худро дар Фабрикаи трикотажи шаҳр оғоз кардааст.*

*Дар майдони ҷанг дар як шоми сарди зимистонӣ ин тирандози моҳир (снайпер) ба "шикор" баромада, аз сари дарахт як афсари олирутба ва чаҳор аскари фашистро асир гирифта ба штаби Артиши сурх месупорад. Барои ин шуҷоъат ва қаҳрамониаш ба ӯ дар санаи 27 феврали соли 1945 унвони олии "Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ" дода мешавад.*

*Пас аз ҷанг бо кору созандагӣ машғул мешавад. Борҳо ӯро ба намояндагии Шӯрои депутатҳои халқии вилоят ва ҷумҳурӣ интихоб мекунанд.*

*Вай дар соли 1998 дар шаҳри Бухоро чашм аз олам пӯшидааст.*

"Азим палвон" лақаб дошт,
Ин лақабаш сабаб дошт.

Далеру шердил буд,
Ҷуссааш мисли фил буд.

Кӯштиро дӯст медошт,
Дар варзиш ӯ ном бардошт.

Дар ҳамон солҳои ҷанг,
Аҳволи мардум буд танг.

Гуруснагӣ авҷ гирифт,
Мардум ғамгину шингифт.

Мардум мерафтанд ба ҷанг,
Ҷавонон бо ору нанг.

Азим ҳам ихтиёрӣ,
Нагардида фирорӣ

Роҳи фронт пеш гирифт,
Ҷойи ман он ҷо, бигуфт.

Ба ҷанги душман пардохт,
Ба чанги ӯ чанг андохт.

Аз ғазаб чун шамъ месӯхт,
Равиши ҷанг меомӯхт.

Тирандози моҳир шуд,
Ҷасуру ҷаҳонгир шуд.

Дар Беларус номдор шуд,
Дар Полша ҳам комёр шуд.

Ба душман раҳме надошт,
Тухми аҷалро мекошт.

Душман мушхона мекофт,
Ҷойи амне намеёфт.

Азим ду сол дар ҷанг буд,
То ба охир таҷанг буд.

Ташнаи хун гашта буд,
Як даме ором набуд.

Аз нажоди Рустам буд,
Таҳамтану муҳкам буд.

Мисли шер буд ҷуръаташ,
Як ҷаҳон буд ҳимматаш.

Кони номусу ор буд,
Ба Ватан вафодор буд.

Муждае ба ӯ расид:
Қаҳрамони ҷанг гардид.

Ватанро озод намуд,
Таронаи ишқ суруд.

Ба зодгоҳи худ баргашт,
Аз дидораш шод бигашт.

*Шаҳри Бухоро, 16 октябри соли 2020*

## ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Исмоили Сомонӣ
Шоҳаншоҳи ҷаҳон буд.
Дар зери фармони ӯ
Замину осмон буд.

Мардуми сарзаминро
Ба якҷо ҷамъ карда буд.
Давлате пурқудрате
Рӯйи об оварда буд.

Забони порсиро вай
Бар сари қудрат нишонд.
Бо шукӯҳи ин забон
Ба дуриҳо қадам монд.

Ҳама ба он майл карданд,
То онро биомӯзанд.
То машъали донишро
Дар қалби худ афрӯзанд.

Ахтарони шеъри мо
Бо ин забон шеър гуфтанд.
Бо забони дарборӣ
Дурри дариро суфтанд.

Лафзи мо ғанӣ гардид,
Забони ҷаҳонӣ шуд.
Ба Шарқу Ғарб рӯ овард,
Кораш дилситонӣ шуд.

Дар замони Сомонӣ
Гул намуд фарҳанги мо.
Дар фарҳанг, илму адаб
Кас набуд ҳамсанги мо.

Замони Сомониён
Ба олам Рӯдакӣ дод.
Бӯалии Синоро
Бар тахти дониш ниҳод.

Қарни даҳ асри мо буд,
Дар таърихи гузашта.
Дар кутуби таърихӣ
Шӯҳраташ шуд навишта.

Давлати Сомониро
Бо некӣ мо ёд кунем.
Аз кирдори душманон
Умрест, ки фарёд кунем.

*Шаҳри Бухоро, 3 январи соли 2022*

# ҲАМЗАМОНУ ҲАМЗАМИНУ ҲАМЗАБОН...



*Бо ту фахрам, миллати зебои ман,*
*Бо ту нозам, миллати донои ман.*
*Офаридан, сохтан шуғли ту аст,*
*Бо ту зебо мешавад фардои ман.*

## ДАРЕҒИ УМРИ РАФТА

Гузашта умри мо дар бехудиҳо,
Гаҳе буду гаҳе дар нобудиҳо.
Нафаҳмидем, давронҳо куҷо шуд?
Набуд холӣ басе аз камбудиҳо.

Ба пирӣ кас бидонад умри рафта,
Азобаш медиҳад он бахти хуфта.
Намонад осуда хобу хаёлот,
Бигардад ҷисму ҷонат санги суфта.

Ба охир мерасад роҳи ҳаётат,
Равад аз дасти ту накду суботат.
Наёбӣ фурсате баҳри насиҳат,
Равад аз дасти ту нуқлу наботат.

Чӣ осон мерасад даврони пирӣ,
Зи умри рафтаат нукта нагирӣ.
Бимонад одамӣ дар доми ғафлат,
Чӣ дарвеше ва ё ки худ амире...

## ШИФОКОР

Шифокоро, шифокоро, шифокор,
Ки касбат олию бар халқ даркор.
Тани бедарду безахме набошад
Шифо ҷӯям зи ту зинҳору зинҳор.

Шифокоро, кунӣ кори савобе,
Ҳама некӣ биандозӣ ба обе.
Кунӣ дарди маро пайваста дармон,
Набинад ҷисми ту ҳаргиз азобе.

Бисӯзад ҷисми ман дар оташи дард,
Шуда дастони ман аз зиндагӣ сард.
Гумон созам, ки умрам охир ояд,
Умеди офият аз духтурон кард.

## МУАЛЛИМИ МО

Якуми октябр – Иди Муаллим,
Идат муборак, устоди таълим!
Насиби ту бод номи баланде,
Шогирдони ту шоиру олим.

Дар боғи дониш боғбони моҳир,
Дар кори таълим бар ҳар чӣ қодир.
Донову олим, хоксору фозил,
Исмат Муаллим – надоремат сир.

Муаллими мо, ҳам падари мо,
Мӯътабар астӣ, ифтихори мо.
Дар ҳаёти мо пешвои доно,
Хазинаи илм дар назари мо.

Илми замонро аз ту гирифтем,
Муроди дилро бар ту бигуфтем.
Ҳоло саводнок, соҳиби касбе,
Чун гули даврон ҳар як шукуфтем.

Дар сояи ту чун гуле растем,
Меҳру муҳаббат мо бар ту бастем.
Ҳар як рӯзи ту рӯзаки ид бод,
Аз имтиҳонат кайҳо гузаштем.

## МАНЗАРАҲОИ ҶАВОНӢ

Баҳори гулфишон ҳастӣ, ҷавонӣ,
Равон чун корвон ҳастӣ, ҷавонӣ.
Макону манзиле ҳаргиз надорӣ,
Ба чашмам ноаён ҳастӣ, ҷавонӣ.

Баҳори умри ман фасли ҷавонӣ,
Ба лавҳи хотирам ҷовид монӣ.
Худат гаштӣ сароғози ҳаётам,
Биё, ҳамроҳи ман, бе ман намонӣ.

Ҷавонӣ қудрати давру замон аст,
Ба қадри он расидан дар гумон аст.
Равад, вақтат намонад, нақди ту ҳам,
Ба пирӣ чун расӣ, фасли хазон аст.

Ҷавонӣ давраи бебозгашт аст,
Ба вусъат қалби ту ҳамранги дашт аст.
Зи сарфи умри худ парво надорӣ,
Бубин рӯзе, ки умри ту гузаштаст.

Ҷавонӣ ҳам ба мисли навбаҳор аст,
Замони беқарори гиру дор аст.
Бубар бар дилбари худ дастаи гул,
Ба роҳат рӯзу шаб ӯ интизор аст.

Ҷавонӣ давраи ишқу муҳаббат,
Муҳаббат дар ҷавонӣ зебу зинат.
Дар ин айём қалби ҳар ду пок аст,
Дар ин ҷода нишон деҳ ту матонат.

Аҷаб фасли хуше бошад ҷавонӣ:
Аҷаб хушқоматӣ, сарви равонӣ.
Бимон дар хотири ман то қиёмат,
Бидонам, то абад бо ман намонӣ.

Бихоҳам, бо ту монам, эй ҷавонӣ,
Ту ҳастӣ бахти ман дар зиндагонӣ.
Дарахти умри ман гул мекунад, гул,
Агар ту ҳамраҳи ман по бимонӣ.

Ба ҳар ҷо сар занӣ ту, дарнамонӣ,
Бикун коре ба вақте, ки ҷавонӣ.
Макун ҳаргиз ҳавас нони ҳавоӣ,
Расад даврони пирӣ, нотавонӣ.

Расад рӯзе, расӣ ту бар нишоне,
Ту ҳоло мисли тире дар камонӣ.
Чӣ бадбахтӣ, агар тират хато рафт,
Намонад аз ту як ному нишоне.

Чӣ кӯтоҳӣ басо дар зиндагонӣ,
Чу ёри бевафоӣ, эй ҷавонӣ.
Намедонам, ту ҳоло дар куҷоӣ?
Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ...

## БАРГИ САБЗ

*Ба муносибати садумин саҳифаи*
*тоҷикии рӯзномаи “Бухоро ҳақиқати”*[1]

Сад сафҳаи рӯзгор,
Сад сафҳаи корзор.

Сад боби панду ҳикмат,
Сад хидмати беминнат.

Ҳар сафҳаи нави ту,
Бо мо кунад гуфтугӯ.

Ақли мо равшан шавад,
Қалби мо гулшан шавад.

Дар фасли худшиносӣ,
Дарси ҳуқуқшиносӣ.

Ёвари ҳақшинос аст,
Лоиқи сад сипос аст.

Хидмати халқ мекунад,
Рафтори ҳақ мекунад.

Раҳ дуру шебу фароз,
Умри ту бодо дароз.

Ба бахти халқи некӯ,
Доим бикун гуфтугӯ.

*Шаҳри Бухоро, 8 августи соли 1992*

[1] Афсӯс, ки ин саҳифаи тоҷикӣ ба сабабҳои номаълум баста шуд.

## ҶУСТЕМ ВАФО

Аз ҷаҳони бевафо ҷустем вафо,
Дарди мо вазнин шуду ҳам бедаво.
Зиндагӣ шуд арсаи ҷабру ҷафо,
Дарди мо дармон кунад танҳо Худо.

Эй Худо, раҳме бикун бар ҳоли мо,
Халқи моро дар паноҳат ҷо намо.
Иттиҳоде деҳ миёни қавми мо,
То биёбад дардҳои мо даво.

*Шаҳри Бухоро, 3 апрели соли 1993*

## ПАЁМЕ БА ШЕРАЛӢ

ШМА, Ню-Йорк

1

Ба мавлудат сухан аз чӣ кунам сар?
Дилат поку мусаффо, оби Кавсар.

Зи хона рафтӣ ту, соле сипар шуд,
Ғами олам ба ман сарбанди сар шуд.

Агарчӣ боладу дар ифтихор аст,
Ба роҳат Модарат чашминтизор аст.

Туро пазмон шуда аҳли ҷамоа,
Шикоят менамоянд замона.

Барои ҳурматат ҷамъ омадем боз,
Даме бошем бо ёди дамсоз.

Ба базми имшаба, ки сарварам ман,
Бароят ин қадаҳро мегирам ман.

Куҷо бошӣ, саломат бош, писарҷон,
Туро табрик намоям аз дилу ҷон.

Ба ту умри дарози тоҷикона,
Ба роҳат интизоранд аҳли хона.

Биё, зудтар, биё, рӯҳи равонам,
Ки ҳоло зиндаам, ҷону ҷаҳонам.

2

То ҷаҳон боқист, хандон бошӣ ту,
Доимо дар базми ёрон бошӣ ту.

Мисли офтоб хидмати инсон кунӣ,
Ҳар кӣ душман, зери по яксон кунӣ.

Зи сарбориӣ нахамбад қомати ту,
Чу бор бошад нишони қимати ту.

*Шаҳри Бухоро, 6 декабри соли 2003*

## ҲОҶАТБАРОР

Додархони ман
Қадрдони ман,
Осиёбон аст
Гӯё посбон аст.
Орд мекашад, орд
Аз ҷаву гандум,
Мекунад аз ҷон
Хизмати мардум.
Ордаш сап-сафед
Ҳамранги барф аст,
Нонаш ҳам сафед
Хӯранда дил баст.
Тамоми деҳа
Аз ӯ миннатдор,
Ягон рӯзе ҳам
Набинӣ бекор.
Аз пайи кор аст
Ҳоҷатбарор аст,
Талабгори ӯ
Дон, бешумор аст.

*Шаҳри Бухоро, 17 октябри соли 2004*

## ДАҒДАҒАИ ШАВҲАР

(Ҳаҷвия)

Ту мешиву ман гургам,
Аз сад бало намурдам.

Пӯсти ғафсат медарам,
Хуни гармат мехӯрам.

Дағдаға не, ҳақиқат,
Ба ҳарфи ман кун диққат.

Ҳушёр шаву ҳушёр шав,
Бедор шаву бедор шав!

Зӯрӣ дорам, зорӣ не,
Ман ба ту сарборӣ не.

Бори дигар шунав ту,
Ба чор тараф мадав ту.

Пару боли ту манам,
Азроили ту манам.

Рӯзат сиёҳ мекунам,
Ҳолат табоҳ мекунам.

Чунон ҷазоят диҳам,
Ҷоят шавад ҷаҳаннам.

*Шаҳри Бухоро, 3 майи соли 2008*

## ШАБҲО НАХОБАМ

(Ҳаҷвия)

Аз ҳама аъло манам,
Аз ҳама боло манам.
Давлати ман беҳисоб,
Як пири савдо манам.

Пур шавад зина-зина,
Ҷайби ман аст хазина.
Ҷойи корам бозор аст –
Савдогари Каримина.

Ҳама аз ман месӯзад,
Шайтон сабақ омӯзад.
Аз макру ҳилаҳоям
Таҷруба меандӯзад.

Мардумфиребӣ корам,
Пулёбӣ кору борам.
Бинед, ки дар дунё
Тарс аз касе надорам.

Дуруст аст, ки ҳушёрам,
Ҷайби туро мекобам.
Аз тарси ҳукми тақдир
Шаб то саҳар нахобам.

*Шаҳри Бухоро, 4 майи соли 2008*

## БОЗИИ ҚИСМАТ

Шоҳу гадо дар он дунё баробар,
Охир раванд зери замин сарбасар.

Дар зиндагӣ шоҳ бувад тахтнишин.
Берӯзӣ он гадо равад дар ба дар.

Барои шоҳ молу давлат фаровон,
Куҷо равад аз тахти худ ӯ бадар?

Рӯзу шабон аз пайи як бурда нон
Халта ба китф гадо равад шаҳр ба шаҳр.

Фарқ бубин аз замин то ба осмон,
Ба дасти шаҳ қисмати аҳли башар.

Гадо хору афтодааст хок ба сар,
Бозиҳои қисмат бувад пурхатар.

Ҳаёти мо як боби пурафсона аст,
Шоҳу гадо кай мешавад баробар?

## ҚАСРИ АДОЛАТ

Як қасри пуршукӯҳест,
Мустаҳкам ҳамчу кӯҳест.

Гӯё, ки кони андӯҳ,
Дарду ғам дар он анбӯҳ.

Аммо чӣ ҳоҷат ба ин,
Бори гарони замин?!

На кони ғурбат бошад,
Дӯстиву ҳурмат бошад.

Ҷойи ҳақиқат шавад,
Ҷойи адолат шавад.

Дастури он ҳақиқат,
Хонем онро ба диққат.

Гузинаи саодат,
Аз нигоҳи садоқат.

Ҷойи саодат бошад,
Ҷойи рафоқат бошад.

На ки ҳақорат бошад,
На ки асорат бошад.

Бояд адолат бошад,
Раҳму шафоқат бошад.

Чизе кунӣ гар даъво,
Ҳал нашавад муддаъо.

Талаби мо аз ин ҷо
Ба ҳама бошад фаҳмо:

На ҷойи ғурбат шавад,
На ҷойи миннат шавад.

Ҳомии мо Қонун бод,
Ҷабру ҷафо ворун бод!

Гоҳе бинем акси он:
Кохи адолат вайрон.

Қарорҳо по дар ҳаво,
Ба ҳама як хел ҷазо.

"Додат бигӯ бар Худо!".
Гуфта намояд даъво.

Аз гули гулдони ӯ,
Аз хишту хумдони ӯ,

Бӯйи касиф меояд,
Тарсу ҳарос физояд.

Адвокат савдогар аст,
Дар саҳна бозигар аст.

Дар даҳон "об" мегирад,
Чашмонаш хоб мегирад.

Раҳму шафқат надорад,
Бар касе ӯ нафорад.

Гадои тайёр бувад,
Чу нахли бебор бувад.

Аз дасташ кор наояд,
Аз нахлаш бор наояд.

Ризқу рӯзеш ҳаром аст,
Аммо чаро ором аст?

Шодӣ устухон хояд,
Андӯҳ фақат ғам зояд.

Умри азиз зудояд,
Чунин ҳаргиз нашояд.

Набояду нашояд,
Нашояду набояд.

Қасри адолат шавад,
На ҷойи ғурбат шавад.

Қонун риъоят шавад,
На ин ки ғорат шавад.

Сангу тарозу шавад,
Умеду орзу шавад.

Гар рӯзи сахт пеш ояд,
Қонун тарозу бояд.

Ку довари хирадманд,
Одилу бар мо дилбанд?

Ғамхори халқу миллат,
Покиза аз ҳар иллат?!

Қонун шавад шиораш,
Коста нагардад кораш.

Инсоф бигардад ҳакам,
Пояи қаср мустаҳкам.

Маҳак адолат шавад,
Аз ҳақ далолат шавад.

Мустаҳкам давлат шавад,
Ҳомии миллат шавад.

*Шаҳри Бухоро, 23 декабри соли 2009*

## ТӮҲФАИ БЕБАҲО

Бобом аз Роғун омад,
Шодмону мамнун омад.

Пайғомаки хуб овард,
Тӯҳфаи матлуб овард.

Ба ману ба укоям,
Ба модару додоям

Чанде саҳмия овард,
Ҳамаро хурсанд бикард.

Мо ҳам бадавлат шудем,
Дар сафи миллат шудем.

Саҳмиядори Роғун,
Хазинадори Роғун.

Тарҳи бузург андозем,
Онро бо ҳам бисозем.

Ҳама ҷо боғу бӯстон,
Обод шавад кӯҳистон.

Ватан шавад нуристон,
Шукуфад Тоҷикистон.

*Шаҳри Бухоро, 11 январи соли 2010*

## ҲАҚИҚАТ

Эй миллати азизам,
Тоҷики ботамизам!

Ту қавми сарбаландӣ,
Ба ҳамагон писандӣ.

Фарҳанги ту ҷаҳонгир,
Илми ту ҳам оламгир.

Рӯдакиву Синоҳо,
Сутуни илми дунё.

Кошифи илми ҷаҳон,
Шӯҳрати давру замон.

Созандаи модарзод,
Бо андешаи озод

"Роғун"-ро бунёд созӣ,
Пойтахтро ободсозӣ.

Нақби "Истиқлол"-и ту –
Боли истиқболи ту.

Иншооти кабир аст,
Дар олам беназир аст.

"Чормағзак" бунёд гардид,
Аҳли заҳмат шод гардид.

Навбати "Шаҳристон" аст,
Қисмати он гарон аст.

Роҳҳои нав кушоӣ,
Арзандаи дуъоӣ.

Қудрати ту беҳамто,
Нақшаҳоят бебаҳо!

Олами нав бисозӣ,
Дар меҳнат мегудозӣ.

Рустами ин замонӣ,
Ҷовиду зинда монӣ.

*Шаҳри Бухоро, 25 январи соли 2010*

## ТАБИБИ МАШҲУР

*Ба Розия Собирова*

Ҳабибӣ ту, табибӣ ту,
Аҷаб номе насиби ту.

Ба шогирдон чу Синоӣ,
Чӣ биноӣ, чӣ доноӣ.

Туро зебанда унвонҳо,
Азизӣ баҳри инсонҳо.

Чароғи дидаат равшан,
Рухат зебост чун гулшан.

Зи дилҳо шуста гарди мо,
Даво созӣ ту дарди мо.

Бironӣ дарду беморӣ,
Аҷаб мӯнис парасторӣ.

Дуоят мекунам ҳар дам,
Ба ҳар дарде шавӣ марҳам!

## САРВАТИ МО

Давлати мо об бувад,
Сарвати мо об бувад.
Нуқраву тиллои мо,
Неъмати мо об бувад.

Чашмаҳо дар хурӯшанд,
Чу қалби мо дар ҷӯшанд.
То ҷовидон нахушканд,
Мавҷ зада, хурӯшанд.

Дарёҳо шӯху сероб,
Пурҷило мисли офтоб.
Манбаи нуру гармӣ,
Доимо дар печутоб.

Аз бахти худ бинозем,
Нурхонаҳо бисозем.
Мо дар ғарқи нур гардида,
Ба осмон сар фарозем.

Мо халқи сарбаландем,
Бо ҳиммати баландем.
Ба ҳама об медиҳем,
Роҳи обро набандем.

*Шаҳри Бухоро, 31 январи соли 2010*

## ОРМОН

Маъхази пурбаҳоӣ,
Ба дарди мо давоӣ.
Рисолати дуъоӣ,
Зиёи дидаҳоӣ.

Роғуни тоҷиконӣ,
Иншооти замонӣ.

Ифтихори миллатӣ,
Гаронтарин сарватӣ,
Пояи ин давлатӣ,
Бузургтарин қудратӣ.

Роғуни тоҷиконӣ,
Иншооти замонӣ.

Ту кохи нуру гармӣ,
Заволи дарду сардӣ,
Ҷабҳаи кори мардӣ,
Барои мо набардӣ,

Роғуни тоҷиконӣ,
Иншооти ҷаҳонӣ.

*Шаҳри Бухоро, 8 феврали соли 2010*

## СОҲИБОНИ МУЛК

Саҳмиядори Роғун,
Давлатат поянда бод!
Ҳиссаи ту бузург аст,
Умед ба оянда бод!

Фардо бигардад чархаш,
Фоидаашро бубин.
Нур ба фурӯш меравад,
Зиндагӣ гардад ширин.

Шаҳру деҳа чароғон,
Аз нури Роғун гардад.
Дашту даман гулистон
Аз оби Роғун гардад.

Аз мӯҳтоҷӣ раҳоем,
Ба касе зор набошем.
Бою бадавлат гардем,
Сарбаланд миллат бошем.

*Шаҳри Бухоро, 8 феврали соли 2010*

## КОХИ НУР

Ман зодаи Роғунам,
Бо коргарон ҳамхунам.

Ҳоло худам хонанда,
Додоҷонам ронанда.

Масолеҳ мекашонанд,
Ҳаргиз қафо намонанд.

Модаракам шифокор,
Касби ӯ хеле даркор.

Бобоям мисли Фарҳод,
Қадам ба “Роғун” ниҳод.

Синаи кӯҳ меканад,
Таъриф кунам, месазад.

Аҷдоди ман бунёдкор,
Аз он дорам ифтихор.

Тарҳи наве андозем,
Кохи нур бо ҳам созем.

Хуршеди тобон шавад,
Олам чароғон шавад.

## ТАН БИДЕҲ

Мардони ин марзу бум,
Созандагони Роғун.
Кохи нур бунёд кунем,
Ғайрати мо бин акнун.

Наъраи "Белаз"-у "Маз",
Замин ба ларза орад.
Аз чеҳраи коргарон,
Нури илоҳӣ борад.

Синаи кӯҳ шикофта,
Нақби обпарто созем.
Сарбанде бунёд карда,
Обанборе бисозем.

Маҷрои дарёи Вахш,
Сӯйи дигар гардонем.
Онро мутеъ намуда,
Даме бекор намонем.

Ба кашфи мо тан бидеҳ,
Аз об оташ рӯёнем.
Сирри илми замонро
Аз ҳама беҳтар донем.

Хонаи мардум обод,
Олам нурафшон шавад.
Шӯҳрати миллати мо
Дар забон достон шавад.

## НУРИ ДИДА

Кохи нур барпо шавад,
Шаҳраке эҳё шавад.
Дар харитаи олам
“Роғун”-е пайдо шавад.

Шаҳраки нурофарон,
Манзили бинокорон.
Рӯзу шабҳо баробар,
Рӯшании дидагон.

Гармиҳои тану ҷон,
Ободии ин макон.
Пайдо бигардад имкон,
Машҳури давру замон.

Ифтихори тоҷикон,
Мушкилкушои инсон,
Шаҳраке бино шавад
Дар мулки Тоҷикистон.

# МУСУЛМОНИ ҲАҚИҚӢ

Бобои ман, ки диндор,
Муллои овозадор.

Қуръон аз даст намонанд,
Онро пайваста хонанд.

Намозхонӣ корашон,
Савоби он борашон.

Ҳоҷӣ Имом номашон,
Баланд аст ихлосашон.

Худотарсу худоҷӯй,
Бериёнду ҳақгӯй.

Ҳаҷро адо кардаанд,
Зикри Худо кардаанд.

Бобои ман тақводор,
Хушгуфтору хушатвор.

## АРЗИШИ КИТОБ

Китоб арзу ниёзам,
Ҳамдами беовозам.

Донотарин устозам,
Бо ту ҳамеша нозам.

Хазинаи маъонӣ,
Мӯъҷизаи ҷаҳонӣ.

Мактаби мактабонӣ,
Калиди сад забонӣ.

Роҳи маро кушоӣ,
Ҳамдили бовафоӣ.

Ба дарди мо давоӣ,
Олитарин даҳоӣ.

Тақдиркушои моӣ,
Ҳотами босахоӣ.

Давлати бебаҳоӣ,
Як неъмати худоӣ.

Бар мо забон додаӣ,
Илму ирфон додаӣ.

Ному нишон додаӣ,
Шӯҳрату шон додаӣ.

Чашми моро кушодӣ,
Қудрати тоза додӣ.

Дастури зиндагонӣ,
Дар ҷаҳон боқӣ монӣ.

*Шаҳри Бухоро, 20 феврали соли 2010*

## ХИДМАТГОР

Эй бузаки ҷиртоқӣ,
Ба ҷуфти худ муштоқӣ.

Ма-маъа-маъ мекунӣ,
Ба-баъа-баъ мекунӣ.

Асаб таранг мекунӣ,
Сарро каранг мекунӣ.

Обу хӯрок дар пешат,
Гӯсфанду барра хешат.

Кай бикашӣ овозат,
Бас кунӣ тохтутозат?

Каме ту андеша кун,
Хобухезро пеша кун.

Ба соҳибат раҳме кун,
То нашавад ҷигархун.

Хоби ӯро парронӣ,
Хотирҷамъ кай бимонӣ?

Ба ту то ғамхор бошад,
Доим хидматгор бошад.

## ИБРАТИ ҲАМА

Бобои ришсафедам,
Ҳамранги пайғамбаранд.
Аз рӯяшон нур борад,
Дилкашу ҳам дилбаранд.

Хеле озода ҳастанд,
Либоси тоза пӯшанд.
Бо ҳама меҳрубонанд,
Ба дилёбӣ бикӯшанд.

Аз маърака намонанд,
Қарзи худ мешуморанд.
Дӯсту душман баробар,
Бегона кай шуморанд?

Дар байни мардуми деҳ,
Обрӯяшон баланд аст.
Ба ҳама гӯё падар,
Шӯҳраташон дучанд аст.

Собиқадори ҷанганд,
Ордену медал қатор.
Бо чунин бобои худ
Менамоям ифтихор.

*Шаҳри Бухоро, 24 феврали соли 2010*

## РАҲНАМО

*Ба раҳбари мубтакир Раҷҷаббой Саидов*

Сарвару сардор туӣ,
Дарахти пурбор туӣ.
Раҳнамои мардумӣ,
Доимо ҳушёр туӣ.

Фикру хаёлат банд аст,
Хислати ту писанд аст.
Номи некат дар забон.
Дастат ба коре банд аст.

Сарвари хонадонӣ,
Фозилу хушзабонӣ.
Дарди ҳама бидонӣ,
Ба ҳама меҳрубонӣ.

Раҳнамои фарзандон,
Ба ҳар яке беҳ аз ҷон.
Наберагон бешумор,
Хушнудии хонадон.

Ба ҳама ту баробар,
Ба мисли падар-модар.
Ғамхору ғамгусорӣ,
Чу хуршеди тори сар.

Мардум аз ту ризоянд,
Дар ҳаққат дар дуоянд.
Дар ҳамаи кор бо ту
Ҳамдилу ҳамсадоянд.

Зиндагӣ ширину соз,
Умри ту гардад дароз.

Шод бимонӣ доимо,
Аз бахти худ сарфароз.

Бандаи неки Худо,
Лоиқи ту ин баҳо.
Аз номи аҳли олам,
Ба ту намоям дуо:

Зинда бошу зинда бош,
Хуршеди тобанда бош!
Дар ин ҷаҳони фонӣ
Азизу арзанда бош!

*Шаҳри Бухоро, 2 феврали соли 2013*

# ВАЗИФАИ ҶАВОНОН

Ҳақиқатро донистан,
Ба дигарон ҳам гуфтан,
Бо роҳи рост рафтан,
Шӯҳрату шаън ёфтан –
Вазифаи ҷавонон,
Вазифаи ҷавонон!

Дар мактаб аъло хондан,
Дар кор қафо намондан,
Ба дӯстон ёрӣ додан,
Дарси ҳушёрӣ хондан –
Вазифаи ҷавонон,
Вазифаи ҷавонон!

Суду зарар донистан,
Шинохтан,
Дар хидмати халқ будан,
Бозиро ҳеҷ набохтан –
Вазифаи ҷавонон,
Вазифаи ҷавонон!

Ватанро дӯст доштан,
Ба ҳифзаш тайёр будан,
Обрӯяшро бардоштан,
Дар ҳар дамаш ёр будан –
Вазифаи ҷавонон,
Вазифаи ҷавонон!

*Шаҳри Бухоро, 25 майи соли 2013*

## УМРИ ГУЗАРОН

Гарчӣ дар ин оламем,
Дар ин ҷаҳон як дамем.

Ҳамагӣ мо одамем,
Аз якдигар на камем.

Зиндагиро меҳварем,
Коинотро сарварем.

Вале ин умр кӯтоҳ аст,
Поёни ишрат оҳ аст.

Меҳмони дурӯзаем,
Чу як моҳи рӯзаем.

Умри мо оби равон,
Мегузарад дав-давон.

Рӯзе ба манзил расад,
Дониста мон, ту Асад.

*Шаҳри Бухоро, 2 августи соли 2013*

## НОМАРД

Бедарду беғамӣ ту,
Чӣ гуна одамӣ ту?!
Дунёро гар об барад,
Бепарво, беғамӣ ту.

Умри туро хоб барад,
Манзилатро об барад.
Ҳаргиз парво надорӣ,
Хирманатро бод барад.

Касби ту хӯру хоб аст,
Ҳаёти ту хароб аст.
Доимо хору зорӣ,
Қалби ҳама хуноб аст.

Ору номус надорӣ,
Бар касе ту нафорӣ.
Аз маърака берунӣ,
Дар бисотат чӣ дорӣ?

Садқаи мардӣ шавӣ,
Аз пайи занҳо давӣ.
Расвову шарманда ту,
Кай ту зи олам равӣ?

Зану фарзанд хору зор,
Ту масти сайри гулзор.
Интихоби гул дорӣ,
Марг бодо ба ту, мурдор!

*Шаҳри Ню-Йорк, 3 июни соли 2015*

## ФАХРИЯ

Бо ту фахрам, миллати овозадор,
Бо ту нозам, миллати меҳнатшиор.
Кори ту ободиву созандагист,
Мекунӣ бо касбу корат ифтихор.

Шӯҳрату шон оварад ояндаат,
Кам нагардад давлати зояндаат.
Мулки ту ободу зебо мешавад,
Васфи ту достон кунад ин бандаат.

Кӯҳҳоро боғу бӯстон кардаӣ,
Даштҳоро чун гулистон кардаӣ.
Қаҳрамониҳои ту беохир аст,
Ҳар чӣ кардӣ, баҳри инсон кардаӣ.

Бо ту фахрам, миллати зебои ман,
Бо ту нозам, миллати донои ман.
Офаридан, сохтан шуғли ту аст,
Бо ту зебо мешавад фардои ман.

*Шаҳри Бухоро, 23 ноябри соли 2016*

## ҚАДРИ ИНСОН

Одамӣ бар қадри худ бояд расад,
Дур гардад аз ҷаҳони нокасон.
Зиндагӣ пур аз нишоту ҷашну сур,
Пас, чаро бояд нишинӣ бо хасон?

Ризқу рӯзӣ баҳри мо ҳам мерасад,
Қадри кас дар ғайрату дар меҳнат аст.
Гар ту дорӣ ақлу ҳуш, меҳнат бикун,
Тандурустӣ баҳри мо худ давлат аст.

Ғам махӯру доимо озода бош,
Аз барои бахти худ мекун талош.
То ки қадри ту бидонанд одамон,
Аз ғами халқу Ватан огоҳ бош!

Баҳри ҳифзи хоки он хидмат бикун,
То ки бошад доимо сулҳу сафо.
Мешавад ободиву осудагӣ,
Месазад бар гӯши мо созу наво.

*Шаҳри Бухоро, 24 ноябри соли 2016*

## МЕРОСИ ПАДАР

Эй Падари деҳқонам,
Эй Падари боғбонам.
Бар сарам соябонӣ,
Азизтарӣ аз ҷонам.

Боғи ту барқарор аст,
Чу гулшан сабзазор аст.
Пурмеваю пурнеъмат,
Ободтарин гулзор аст.

Хеле тамошобоб аст,
Пурфайзу ҳам обод аст.
Як ҷойи истироҳат,
Сарҳавзаш пур зи об аст.

Ҳосилаш як ҷаҳон аст,
Неъмати хонадон аст.
Меваҳои ширинаш.
Роҳати ҷисму ҷон аст.

Падар, туро ёд кунам,
Рӯҳи туро шод кунам.
Шукри Худо намуда,
Боғи ту обод кунам.

*Шаҳри Бухоро, 18 апрели соли 2017*

## ЗИНАҲОИ ЗИНДАГӢ

Чу гул шукуфон будем,
Хушбахту хандон будем.
Гӯё ки дар замона,
Беҳтарин инсон будем.

Аз дарду ғам дур будем,
Шодмону масрур будем.
Камбудие надоштем,
Ба ҳама манзур будем.

Шогирди мактаб будем,
Бисёр муаддаб будем.
Ғами дигар надоштем,
Аз пайи матлаб будем.

Ба зиндагӣ ёр шудем,
Соҳиби рӯзгор шудем.
Саргарми зиндагонӣ
Дарахти пурбор шудем.

Фасли ҷавонӣ ёд бод,
Кишварамон обод бод.
Дар ғами ояндаем.
Истиқлолро Худо дод.

*Шаҳри Бухоро, 13 майи соли 2017*

## ҚАДРИ КИТОБ

Раҳнамои мо – китоб,
Дилкушои мо – китоб.

Донишманди мо – китоб,
Дилписанди мо – китоб.

Мушовири мо – китоб,
Мудаббири мо – китоб.

Кони илму дониш аст,
Хеле ҳам пурарзиш аст.

Гавҳари тоҷи сар аст,
Ба оқилон сарвар аст.

Бе китоб олам хароб,
Зиндагӣ ҳам пуразоб.

Биёед, илм омӯзем,
Чароғи дил афрӯзем.

Китобро дӯст бидорем,
Устоди худ шуморем.

*Шаҳри Бухоро, 17 сентябри соли 2017*

## МУРҒИ ДАСТОМӮЗ

Кабӯтари хонагӣ,
Сафедаку хушрангӣ.
Доимо рӯйи сангӣ,
Фақиру ҳангу мангӣ.

Панҷаҳоят пар доранд,
Парҳоят ба ту ёранд.
Хӯрокат обу дона,
Ҳар рӯз наздат гузоранд.

Бар хонишат гӯш доранд,
Ҳама туро дӯст доранд.
Мурғаки беозорӣ,
Туро намеозоранд.

*Шаҳри Бухоро, 18 сентябри соли 2017*

## ИДИ УСТОДОН

Якуми октябр,
Рӯзи муаллим.
Ҳар яки онҳо
Устоди таълим.

Илми замонро
Хонему донем.
Донишманд гардем
То дарнамонем.

Муаллими мо
Ба ҳама ғамхор.
Чун падари мо
Шахси беозор.

Табрик намоем
Бо иди фирӯз.
Ҳар рӯзашон бод
Монанди имрӯз.

*Шаҳри Бухоро, 1 октябри соли 2017*

## МЕҲРИ УСТОД

Ман шоири машҳурам,
Тахаллусам Навоӣ.
Ҳар байти “Хамса”-и ман
Ба дарди кас давое.

Шогирди Ҷомӣ ҳастам,
Ба устодам дил бастам.
Роҳи эҷодам кушод,
Ба маслакаш пайвастам.

Пири тариқатам ӯ,
Пири ҳақиқатам ӯ.
Дар ҷаҳони шоирӣ
Хуршеди қисматам ӯ.

*Шаҳри Бухоро, 2 октябри соли 2017*

## БО САБАҚҲОИ ШУМО

Иди илму донишу ирфони мо,
Иди таълим, иди устодони мо.
Боғбони боғи илму ҳикматед,
Дар раҳи мо машъали тобони мо.

Бар ҷавонон илму ирфон медиҳед,
Тарбият бар насли инсон медиҳед.
То ки бар дарди замон марҳам шавем,
Дарси худро аз дилу ҷон медиҳед.

Бо сабақҳои шумо доно шавем,
Фозилоне бо дили бино шавем.
Панду андарзи шумо дар гӯши ҷон,
Соҳибони лоиқи фардо шавем.

# ҲОФИЗИ ШӮРАНГЕЗ

*Ба Салим Ғиёсов*

Аз Самарқанд омадед,
Аз кони қанд омадед.
Булбули боғи санъат,
Бо уду чанг омадед.

Садоятон дилнавоз,
Торатон дода овоз.
Дар базми тӯй шӯр андохт,
Оҳангатон хеле соз.

Меҳмонон хурсанд шуданд,
Бар Шумо дилбанд шуданд.
Мафтуни овозатон,
Сӯйи Самарқанд шуданд.

Меҳмони олиқадред,
Давои дусад дардед.
Дилҳоро шод намудед,
Хидмати олӣ кардед.

Ба дилҳо шӯр ангезед,
Ба дида шӯъла резед.
Ба хидмати аҳолӣ
Доимо бар по хезед.

*Шаҳри Бухоро, 5 июни соли 2018*

# ГУЛАКИ ЗЕБО

*Ба набераам Парвина*

Кӯдаки дилрабоӣ ту, Парвина,
Ситораи самоӣ ту, Парвина!

Ҳоло, ки ту бехабарӣ аз олам,
Аз дарду ғам ҷудоӣ ту, Парвина.

Ҳамаи мо гирди сарат парвона,
Ба дидагон зиёӣ ту, Парвина.

Аз нигоҳат ламъаи меҳр борад,
Дар садоқат яктоӣ ту, Парвина.

Модари ту ранҷи зиёде кашид,
Ба дарди ӯ давоӣ ту, Парвина.

Умри дароз бар ту диҳад Худованд,
Фарзанди бебаҳоӣ ту, Парвина.

Ҳар рӯзу шаб дуо кунам бароят,
Лоиқи сад дуоӣ ту, Парвина.

Дар баҳори зиндагии дурӯза,
Як гулаки зебоӣ ту, Парвина.

## РӮЗИ ХУҶАСТА

*Дар зодрӯзи набераам Шоҳиҷаҳон*

Шоҳи ҷаҳони ман туӣ,
Ному нишони ман туӣ.
Курушу Сомонии ман,
Рӯҳу равони ман туӣ.

Авлоди беҳтарини ман,
Авлоди хубтарини ман.
Ному нишони мондагор,
Дилкашу дилнишини ман.

Ворисi номбардори ман,
Зираку ҳам ҳушёри ман.
Пушту паноҳи ман туӣ,
Набераи номдори ман.

Ҳоло ба дасти модарӣ,
Ширинакиву шаккарӣ.
Шӯхаку меҳрубонакӣ,
Шӯълаи чашми падарӣ.

Дар чашми ман зиёи ман,
Ба дарди ман шифои ман.
Зодрӯзи ту хуҷаста бод,
Садсола шав, киёи[2] ман!

*Шаҳри Бухоро, 22 июни соли 2018*

[2] Киё – авлод.

## ҚАДРИ ВАҚТ

Вақт молу давлати беинтиҳо,
Гар расӣ бар қадри он, бошад раво.

Лаҳзаҳои бебаҳояш дар ҳисоб,
Мисли боду мисли об аст дар шитоб.

То гардад сарфи хӯрду сарфи хоб,
Зиндагӣ обод гардад, на хароб.

Ҳар кӣ донад қадри онро, оқил аст.
Дурбин, андешаманду фозил аст.

Қурби он болотар аз тиллову зар,
Алҳазар, аз зиндагии бесамар!

Бохабар бош аз гузашти умри худ,
То напечад бар фазо монанди дуд.

Вақт агар рафт аз кафат, нақдат равад,
Оқил он к-ӯ ҳокими вақташ бувад.

*Шаҳри Бухоро, 24 ноябри соли 2018*

## ОГОҲ БОШ

Одамӣ бар қадри худ бояд расад,
Дур гардад аз ҷаҳони неку бад.
Зиндагӣ пур аз ғаму шодиву сур,
Ризқу рӯзб баҳри мо ҳам мерасад.

Қадри кас дар ғайрату дар меҳнат аст,
Обрӯи одамӣ дар ҳиммат аст.
Гар ту дорӣ ақлу ҳуш, меҳнат бикун,
Тандурустӣ бебаҳо як давлат аст.

Ғам махӯру доимо озода бош,
Баҳри бахти хештан мекун талош.
То дигарҳо ҳам ба қадри ту расанд,
Аз ғами халқу Ватан огоҳ бош.

Баҳри ҳифзи хоки он хидмат намо,
То ки бошад доимо сулҳу салоҳ.
Мешавад ободию осудагӣ,
Мерасад бар гӯши мо созу наво.

*Шаҳри Бухоро, 27 ноябри соли 2018*

## ОРЗӮИ СОЛИ НАВӢ

Одамон, эй одамон, эй одамон!
Мардуми заҳматкаши некормон!
Соли нав бар кишвари мо омадаст,
Мужда омад бар Замин аз Омон.

Мисли пахта барфи нав боридааст,
Бар замини кишти мо форидааст.
Неку бадро хуб донам, ҳар касе
Бидравад онро, ки худ коридааст.

Соли нав соли фаровонӣ шавад,
Соли неку соли арзонӣ шавад.
Зиндагӣ ҳам ранги худ дигар кунад,
Душмане ҳам дӯсте ҷонӣ шавад.

Дӯстонамро муборак Соли нав,
Бахти нав, фардои нав, иқболи нав.
Эй Асад, дар Соли нав хушҳол бош,
Интизорат аз пагоҳ аъмоли нав.

## ДАР ВАСФИ МОДАР

Модаро, дар назди ту мо бандаем,
Дар канори гарми ту мо зиндаем.
То ки бошӣ дар ҷаҳони бевафо,
Сар ба пойи хидматат афкандаем.

Давлатам, аврангу тоҷам, Модарам,
Ғамгусору меҳрубонам, Модарам!
Бе ту монам, ҳоли ман гардад хароб,
Қуввату дармони ҷонам, Модарам!

Хидмататро аз дилу ҷон мекунам,
Васфи ту дар шеъру достон мекунам.
Ҳурмати шири сафедат, Модарам,
Мушкилатро дон, ки осон мекунам.

Офтоби зиндагиям, Модарам,
Боиси хурсандиҳоям, Модарам.
Дил бихоҳад, бо ту монам доимо,
Ҳар савобу ҳар дуоям, Модарам!

Шаҳсутуни рӯзгорам, Модарам,
Давлатам, ҳам бурду борам, Модарам!
Бе ту ман ҳаргиз надорам зиндагӣ,
Бе вуҷудат дилфигорам, Модарам!

Раҳбари мушкилкушоям, Модарам,
Сарпарасти хонадонам, Модарам.
Бе ту ман ҳаргиз надорам эътибор,
Ҳам Замину Осмонам, Модарам!

*Шаҳри Бухоро, 8 марти соли 2020*

## ЧИР-ЧИРАК[3]

*Ба шоирони булҳавас*

Чир-чирак, эй чир-чирак!
Биё, биё, пир-пирак!

Тобистон пайдо шавӣ,
Зимистон куҷо шавӣ?

Дар шохаҳо нишаста,
Мехонӣ ту пайваста.

Суруди кӯҳнаатро,
Ҳарфи деринаатро.

Аз ту дорам илтимос,
Бо ман бигир ту тамос.

Шеъраки тоза дорам,
Ба назди ту меорам.

Ҳамонро азёд бикун,
Бихону фарёд бикун.

Ба гӯши ҳама форад,
Ба сарат гулҳо борад.

Ман ҳастам интизорат,
То бароят хуморат.

Биё, биё, пир-пирак,
Чир-чирако, чир-чирак!

*Шаҳри Бухоро, 14 майи соли 2020*

[3] Чир-чирак – ҳашароти замбӯрмонанд, ки дар фасли тобистон ба баргу шохаҳои дарахтони зардолуву себ часпида, бо садои баланди чирросии худ аз субҳ то шом хомӯш намешавад.

## РАМЗИ МУҲАББАТ

Модари фарзандонам,
Дилбари меҳрубонам.
Ғамхору ғамгусорам,
Беҳтарӣ ту зи ҷонам.

Дилкашу зебо ҳастӣ,
Оқилу доно ҳастӣ.
Заҳматкаши беҳамто,
Ба қалби мо ҷо ҳастӣ.

Хеле ҳам хушсадоӣ,
Ба дарди мо давоӣ.
Умеди хонадонӣ,
Дар дилу дида ҷоӣ.

Ба Гул Асад ҳамсарӣ,
Хушбахттарин модарӣ.
Зиндаву поянда мон,
Ягона ту дилбарӣ.

*Шаҳри Бухоро, 22 майи соли 2020*

## ХУД БА ХУД

Осудадил бош, эй Асад,
Равшан бувад фардои ту.
Ёрони ту беҳад зиёд,
Дар дида бошад ҷои ту.

Дар Ватан ҳастӣ мудом,
Ҳам тахти шӯҳрат ҷои ту.
Душманони рӯсиёҳат,
Афтода зери пои ту.

Гарм аст бас бозори ту,
Қиммат бувад афкори ту.
Кори ту боарзиш бувад,
Тухми маъонӣ корӣ ту.

Зинда бошу шод бош,
Парвардигорат ёри ту.
Вирди забон бошад мудом
Ашъори ту, осори ту.

*Шаҳри Бухоро, 25 майи соли 2020*

## МАРСИЯ

*Дар рӯзи вафоти ҳамсари маҳбубам*
*АДОЛАТХОНУМ*

Риштаи сӯзан будам,
Бо ту ман ҳардам будам.

Дар пайи умри дароз,
Бо ту ман ҳамдам будам.

Маст будам ба ишқат,
Бар ту ман маҳрам будам.

Бо шодии ту шоду
Ҳамдамат дар ғам будам.

Вақте рафтӣ аз ҷаҳон,
Мағруқи мотам будам.

Дилу ҷон об шуду рехт,
Зери бори ғам будам.

Давлатам аз даст рафт,
Аз ҳама ман кам будам.

Орзуҳоям барбод рафт,
Матруки олам будам.

Гӯё дар дӯзах мондам,
Гӯё кӯҳи ғам будам.

Эй ҷони ҷон, рафтиву
Сар ба хоки нам будам.

*Шаҳри Бухоро, 2 августи соли 2020*

## БОНУИ МАЪРИФАТ

*Эҳдо ба маъорифпарвари номдори асри XXI*
*Амина Шарофиддинова*

Ту зодаи Самарқанд,
Забонат ширин чу қанд,
Ба пиру барно дилбанд,
Аминаҷон, Амина!

Ғамхортарин модарӣ,
Мӯнистарин хоҳарӣ,
Тозатарин гавҳарӣ,
Аминаҷон, Амина!

Бонуи беозорӣ,
Ақли расое дорӣ,
Зиндадилу ҳушёрӣ,
Аминаҷон, Амина!

Феъли шерона дорӣ,
Дили мардона дорӣ,
Дил дориву дилдорӣ,
Аминаҷон, Амина!

Рӯйи ту рӯз Офтоб аст,
Дидорат шаб Маҳтоб аст,
Ошиқи ту бехоб аст,
Аминаҷон, Амина!

Чеҳраи раъно дорӣ,
Овози гӯё дорӣ,
Забони шево дорӣ,
Аминаҷон, Амина!

Олими барҷастаӣ,
Ба илм камарбастаӣ,
Хуҷаста гулдастаӣ,
Аминаҷон, Амина!

Дар майдони ҷасорат,
Дорӣ ту истиқомат,
Арзанда аст мақомат,
Аминаҷон, Амина!

Қаҳри ту рустамона,
Меҳри ту модарона,
Афъоли ту мардона,
Аминаҷон, Амина!

Шогирди бисёр дорӣ,
Аз он дар ифтихорӣ,
Ҳеҷ камие надорӣ,
Аминаҷон, Амина!

Ин бувад шавкати ту,
Ин бувад давлати ту,
Бахти саъодати ту,
Аминаҷон, Амина!

Зиҳӣ ҳазорсолаҳо,
Чу тухми гуллолаҳо,
Дур аз оҳу нолаҳо,
Аминаҷон, Амина!

Ҳурмати ту беҳисоб,
Музаффарӣ дар ҳар боб,
Ҳар ҳарфи ту як китоб,
Аминаҷон, Амина!

Ту бандаи Худоӣ,
Дар зиндагӣ бо моӣ,
Як дӯсти беҳамтоӣ,
Аминаҷон, Амина!

Духтари Тоҷик астӣ,
Модари Тоҷик астӣ,
Дилбари Тоҷик астӣ,
Аминаҷон, Амина!

Таҳминаи замонӣ,
Рудобаи равонӣ,
Гурдофариди ҷонӣ,
Аминаҷон, Амина!

Баҳои ту гарон аст,
Арзиши як ҷаҳон аст,
Ифтихори ёрон аст,
Аминаҷон, Амина1

Умри ту бехазон бод,
Ҷони ту дар амон бод,
Шӯҳратат сад ҷаҳон бод,
Аминаҷон, Амина!

Бар ту Асад дуъогӯй,
Бар ту Асад саногӯй,
Дорад туро ҷустуҷӯй,
Аминаҷон, Амина!

*Шаҳри Бухоро, 3 январи соли 2021*

## ДАР МЕҲМОНӢ

*Ба дӯсти шоирам*
*Нормурод Каримзода*

Эй Самарқанд, садқаи номат шавам,
Эй Самарқанд, садқаи нонат шавам!

Боғу роғат хурраму афсонавист,
Дил ҳамехоҳад, ки боғбонат шавам.

Бас ҳавоят салқину обат зулол,
Баҳравар гардида ҳайронат шавам.

То шавам як лаҳзае дар сӯҳбатат,
Бар туе нохонда меҳмонат шавам!

Ҳамзабону ҳамқалам ҳастем мо,
Дар тани озурдаат ҷонат шавам.

Хонадонат баҳри ман бегона нест,
Беғараз аз ҷумла ёронат шавам.

Чашми ту дар роҳи ман гардида чор,
Садқаи дидори пазмонат шавам.

Сер гардам то зи дидори хушат,
Гаштаву баргашта меҳмонат шавам.

Гар Бухоро омадӣ, меҳмон кунам,
Шоду мамнун гашта қурбонат шавам.

*Шаҳри Бухоро, 20 январи соли 2021*

## ТААССУФ

Ту надонӣ исми ман,
Ман надонам исми ту.
Ту надонӣ расми ман,
Ман надонам расми ту.

Ту надонӣ аламам,
Ман надонам аламат.
Ту чӣ донӣ зи ғамам?
Ман чӣ донам зи ғамат?

Ту надонӣ асли ман,
Ман надонам асли ту.
Ту надонӣ насли ман,
Ман надонам насли ту.

Ту зи ман бехабару
Ман зи ту бехабарам.
Ту чу ман беназару
Ман чу ту беназарам...

*Шаҳри Бухоро, 15 феврали соли 2021*

## ПАС, КУҶО ШУД?

Гарчӣ ҳарду зодаи як хоку об,
Ҳарду ҳам мӯҳтоҷи як кори савоб.

Аз чӣ бошад, байни мо нест иртибот,
Ҳамаи мо ташнаи сулҳу субот.

Аз куҷо дар байни мо бегонагӣ,
Аз куҷо сар мезанад девонагӣ?

Пас, куҷо шуд одаму одамгарӣ?
Пас, куҷо шуд исму расми меҳтарӣ?

*Шаҳри Бухоро, 15 феврали соли 2021*

## ИШҚИ ТАБИӢ

Дилбар гаҳе ноз кунад,
Дон, ки гаҳе соз кунад.

Феъли занон мураккаб,
Барои мост мактаб.

Чизе пурсӣ, не, гӯяд,
Қалби моро бишӯяд.

Гӯё ки шайтон аст ӯ,
Дар ҷанги майдон аст ӯ.

Бад-бад нигоҳ мекунад,
Ҳолат табоҳ мекунад.

Ҷангӣ нигоҳ мекунад,
Рӯзат сиёҳ мекунад.

Ҳарфи беҷо мегӯяд,
Бас носазо мегӯяд.

Охири кор ҷим шавӣ,
Бешубҳа таслим шавӣ.

Дар як дам дигар шавад,
Дар наздат асир шавад.

Гӯё ки худ гунаҳкор,
Сирри худ созад ошкор.

Дасту по гум мекунад,
Ба худ ҳуҷум мекунад.

Худро маҳкум мекунад,
Ақли худ гум мекунад.

Яхи дилаш об шавад,
Соҳиби одоб шавад.

Олам гулистон шавад,
Офтоб дурахшон шавад.

# НОНИ ДЕҲҚОНӢ

*Дар васфи Қаҳрамони меҳнати аҳди шӯравӣ*
*Йӯлдош Эргашев*

1

Лақаб – Йӯлдош Қаҳрамон,
Ҳақиқӣ марди майдон.

Ҷавони пуртавон буд,
Бешубҳа, паҳлавон буд.

Аз меҳнат рӯ наметофт,
Аз ин рӯ ӯ шӯҳрат ёфт.

Саҳро, ки ҷои кораш,
Дар он ҷо бурду бораш.

Шабу рӯз дар ҳамон ҷо,
Қароргоҳаш побарҷо.

Касбашро дӯст медошт ӯ,
Пахта, ғалла мекошт ӯ.

Барзада остин буд,
Мақсади ӯ ҳамин буд:

Ҳосил фаровон шавад,
Хирманаш калон шавад.

Чашми мардум сер шавад,
Гар рӯбаҳ аст, шер шавад.

Кори савобе мекард,
Осуда хобе мекард.

Саҳарӣ аз пайи кор
Мерафт ӯ бо ифтихор.

Бар пиру барно сардор,
Доим буд ӯ сазовор.

2

Йӯлдош Эргаши номдор,
Як шахси овозадор.

Меҳнаткарину зарбдор,
Чун дарахти пур аз бор.

Насли деҳқони асил,
Меҳнат мекард ӯ аз дил.

Хӯрда нони деҳқонӣ,
Нишон дод қаҳрамонӣ.

Рафтораш буд дилпазир,
Ахлоқаш буд беназир.

Деҳқонзода руста буд,
Бар замин дил баста буд.

Роҳи падарро гирифт,
Ҳаргиз намонд дар шигифт.

*Шаҳри Бухоро, 13 майи соли 2021*

## БИНОКОРӢ

Дар лаби ҷӯйи пуроб
Рӯзона бозӣ кардем.
Бозии хонасозӣ,
Дониста розӣ кардем.

Аз обу гили тоза
Хонаву ҳавлӣ сохтем.
Ба гирди манзили нав
Мисли шамолак тохтем.

Дар хонаву дар айвон
Лӯхтакчаҳоро мондем.
Ба келину ба домод
Ҷӯр шуда қубба хондем.

Ошаки дамдодаро
Баббаробар кашидем.
Дасту остин барзада
Маззаашро чашидем.

Рӯзаки мо шом шуд,
Бозии мо тамом шуд.
Ҳама пароканда шуд,
Боиси хурсандӣ шуд.

## МАКТАБАМ

Солҳо шуд аз ту дурам, мактабам,
Ифтихору ҳам ғурурам, мактабам.
Чашми манро ту кушодӣ бар ҷаҳон,
Шодию завқу сурурам, мактабам!

Ҷои хониш ҷои санҷиш, мактабам,
Чун китоби дарси хониш, мактабам.
Ҳам макони илму фарҳанг астӣ ту,
Боби сайру боби варзиш, мактабам.

Ин қадар дилкаш бувад оғӯши ту,
Бори ирфони замон бар дӯши ту.
Мисли ту бӯстон надидам, мактабам,
Ҳар чӣ гӯям, мерасад бар гӯши ту.

Сархати ҳар як китобам, мактабам,
Дар шиору дар хитобам, мактабам.
Чашми кӯрам ту кушодӣ бар ҷаҳон,
Ҷойи хезу ҷойи хобам, мактабам.

## ШЕР ВА ШОИР

*Ба ёди дӯстам Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ*

Бидидам шер, аммо
мисли ту ҳаргиз надидам шер.
Бихондам шеър, аммо
мисли шеърат шеър дар дунё нахондам шеър.

Агарчанде
ту ҷисман нотавон будӣ,
суханҳоят тавоно буд.
Агарчанде
намерафтӣ ба поят роҳ, шеърат
дар дили ихлосмандонат равоно буд.

Чӣ рӯҳи бошукӯҳе доштӣ, эй дӯст,
Чӣ сабре мисли кӯҳе доштӣ, эй дӯст!
Забоне доштӣ гӯётар аз булбул,
Диле нозуктар аз сунбул.
Нигоҳи чашмҳоят сад хитобе дошт,
Нигоҳи ақли ту парвозҳое бас уқобӣ дошт.

Ту бо номус пайвастӣ,
Ту дар ҳикмат ба Ҷолинусу Уқлидус пайвастӣ,
Ту дарё будиву охир ба уқёнус пайвастӣ...

Ҳанӯзам ширааи овози ту бар гӯш меояд,
Ва бо сабки хуросонии ту гӯё
Самарқанду Бухоро боз дар оғӯш меояд.

Бухоро кай ту меоӣ, ки бинвозӣ
дили моро ба алтофи самарқандӣ?

*Шаҳри Бухоро, соли 2021*

## ХАБАРНИГОРИ ДОНО

*Ба хабарнигори "Овози тоҷик" Амрулло Авезов*

Хабарнигори доно,
Ба дӯсту душман ошно.

Доимо дар ҷустуҷӯ,
Боиззату бообрӯ.

Рӯзнома аз ӯ обод,
Андеша ронад озод.

Дар ҳар маҳфил ҳозир аст,
Ба рӯйдодҳо нозир аст.

Хабарҳояш нишонрас,
Ба пиру барно дастрас.

Дили ҳама меёбад,
Шабу рӯзон нахобад.

Саргарми эҷод аст он,
Хушбахту дилшод аст он.

Дар обуна пешқадам,
Нагардад аз касе кам.

Дар байни ҳамсафонаш,
Дар байни ҳамкасбонаш,

Мақоми хоса дорад,
"Ифтихорнома" дорад.

Ҳавас кунад, меарзад,
Ҳар чӣ гӯед, меарзад.

Душман пиёда гардад,
Умраш зиёда гардад.

## ЭЙ БАРОДАР!

Эй бародар, доимо ғамхор бош,
Дар гулистон як гули бехор бош.
То шавӣ ту нури чашми одамон,
Мисли занбӯри асал пуркор бош.

Аз ту монад одаму одамгарӣ,
Бар ту зебад ҷомеаро сарварӣ.
Номи некат ифтихори ман шавад,
Дур гард аз фитнаву иғвогарӣ.

Эй бародар, доимо ҳушёр бош,
Аз каси дунёпараст безор бош.
Моли дунё баҳри мо бегона аст,
Баҳри кишвар одами даркор аст.

## АРӮСУ ДОМОД

Ҷуфти кабӯтар
Арӯсу домод.
Арӯс – Ширин,
Домод – Фарҳод.

Хуршеди тобон,
Моҳи дурахшон
Дар тахти заррин –
Ҳар ду зинда бод!

# ОЛИМИ ПУРДОН

*Ба олими адабиётшинос Ҳамроқул Бердиқулов*

Ба ҳама ошно Шумо,
Фозилу доно Шумо.
Дар байни навҷавонон
Ҳамроқул бобо Шумо.

Устоди меҳрубонед,
Гӯё, ки боғбонед.
Дар сари хонавода,
Бешубҳа, посбонед.

Донишманди пурдонед,
Чу хуршеди тобонед.
Ганҷинаи илм ҳастед,
Алломаи замонед.

Шоматон бегазанд аст,
Шӯҳрататон баланд аст.
Дар байни пиру барно,
Мақоматон дучанд аст.

Имрӯз, ки рӯзи мавлуд,
Охир, рӯзи таваллуд.
Шуморо табрик гӯем,
Бо қалби пурмеҳри худ.

Доимо зинда бошед,
Чун нури дида бошед.
Дар оғӯши Самарқанд,
Доим поянда бошед.

## МАЙЗАДА

Шишаҳои холии май бӯ кашӣ,
Ҳар замоне дуди сигоре кашӣ.
Гаштаӣ бар дарди кайфе мубтало,
Дил, ки беҷо, дарду озоре кашӣ.

Ҷайб холӣ, роҳи бозоре кашӣ,
Остинро барзада боре кашӣ.
Рӯзи ту аз рӯзи саг ҳам бадтар аст,
Носкаду гум карда озоре кашӣ.

Улфатонат беҳисобу бекитоб,
Бехабар аз мактабу дарси ҳисоб.
Ҳарчӣ дорӣ, бар арақ масраф кунӣ,
Ҳамсарат аз дарду ғам гашта хуноб.

Рафта рӯзе хонавайрон мешавӣ,
Роҳи худ гум карда сарсон мешавӣ.
Молу мулкат меравад аз дасти ту,
Аз арақ бемору беҷон мешаваӣ.

Пул, кӣ ёбӣ, боз гумном мешавӣ,
Номи худ гумкарда беном мешавӣ.
Чун шароби "ан-Таҳур" менӯшӣ ту,
Лоиқи таҳқиру дашном мешавӣ.

Гар бикобам рӯзу шаб, ноёбӣ ту,
Дар сари раҳ мисли кунда хобӣ ту.
Аз куҷое ин қадар менӯшӣ ту?
Дар назар ҳамранги маймун бобӣ ту.

Вақти мастӣ ваъдаҳоят бешумор,
Роҳи гаштат пуршикасту мисли мор.
Хобию гар андаке ҳушёр шавӣ,
Сӯзию ҳам созӣ ту бо чашми чор.

Нӯшиву базму суре вайрон кунӣ,
Меҳмонон пурғаму ҳайрон кунӣ.
Мисли хас уфтода дар чашмони халқ,
Ҷамъиятро бесару сомон кунӣ.

Оҳу воҳат соҳили дарё бисӯхт,
Улфатонат дида ҳолат пухту сӯхт.
Кайфи бода он чунон таъсир кард,
Мурд, гӯён ёри ҷонӣ по бикӯфт.

Гашта умре дарду дармонат арақ,
Гашта ёру ҷону ҷононат арақ.
Кай шавӣ ҳушёру ой бар худат?
Гашта обу баҳри уммонат арақ.

Ёри нозук чун гули пажмурда шуд,
Кӯдакони гул барин озурда шуд.
Кай кунӣ ту алвидоъ бо пири май?
Ранги рӯят ранги рӯи мурда шуд.

Мояи дарду алам бошад арақ,
Одамиро кони ғам бошад арақ.
Ҳар кӣ нӯшад, дон, кӣ расво мешавад,
З-оташи дӯзах на кам бошад арақ.

## ҒОФИЛОН

Ғофилон аз кирми пилла бадтаранд,
Аз барои мову ту дарди саранд.
Мисли он ки зодаанду мурдаанд,
Бехабар аз оламу шӯру шаранд.

Ғофилон дар назди мо кӯру каранд,
Аз ҷаҳони воқеъӣ ғам мехӯранд.
Ҳар қадамро хоби ғафлат бурдааст,
Буттаи сабзи пиёзи бесаранд.

Ғофилон ҳамранги шоми тираанд,
Мисли шамъе назди офтоб хираанд.
Чун ғуломи ҳалқабаргӯши замон,
Зарбаҳои дигаронро хӯрдаанд.

Ғофилон чун санги хомӯши замон,
Аз гузашти умри эшон дар гумон.
Кай бизоданд, кай раванд аз ин ҷаҳон,
Фарқ надорад байни онҳо ину он.

## ҲУКМИ ТАҚДИР

Афсӯс, ки мо пир шудем,
Пири бетадбир шудем.

На дар хӯрдан таъме ҳаст,
На хотири ҷамъе ҳаст.

На нуре дар дида ҳаст,
На рӯйи хандида ҳаст.

Маҷрӯҳу нотавонем,
Бастаи хонадонем.

Кайфияте надорем,
Аксари вақт беморем.

Пойҳо сарду хушкида,
Чашмон хира, чӯкида.

Дастон чу дасти мурда,
Чеҳраҳомон пажмурда.

Нотавону карахтанд,
Хушкида чун дарахтанд.

Дар назар хандахариш,
Мондаем дар зери риш.

Хобе не, шабҳо, бедорем,
Аз ҷони худ безорем.

Ду дида ҳамчу чашма,
Гулӯҳо хушку ташна.

Пирӣ чунин будааст,
Хеле вазнин будааст.

Дарди пирӣ дрди сахт,
Даво нашавад, бадбахт!

Вале чӣ чора дорем?
Кори дигар надорем.

Завқи чаман додаем,
Ба тақдир тан додаем.

Хазони барг мерасад,
Нишони марг мерасад.

Ба мурдан розӣ ҳастем,
Ба охират дил бастем.

## ТАВАЛЛУДИ ШОИР

*Ба дӯстам Паймон*

Дар диёри Мушфиқӣ,
Дар забони тоҷикӣ,
Шоире омад кунун,
Донишвар асту закӣ.

Шеъру суруд мегӯяд,
Ба иншо суст наояд.
Дубайтиҳош равон аст,
Ба мухлисон хуш ояд.

Ошиқи “Маснавӣ” аст,
Ба “достон” дил бастааст.
Қасидаро дӯст дорад,
Дар эҷод пайваста аст.

Дар зиндагӣ ҳушёр аст,
Китобҳояш бисёр аст.
Гӯё, ки як хазина,
Ба хонанда даркор аст.

Осораш кони панд аст,
Ба мухлисон писанд аст.
Забонаш чун тоҷикист,
Каломаш ҳамчу қанд аст.

*Шаҳри Бухоро, 5 декабри соли 2021*

## МЕХАНИЗАТОР

*Ин шеъри соддаву деҳқонӣ*
*ба ёдбуди дӯсти азизам,*
*механизатори шӯҳратманди*
*собиқ совхози “Рометан”-и*
*ноҳияи Рометан*
*А.Ҳамроев бахшида шудааст.*

Муҳандиси техника,
Як мӯниси техника,

Ба оҳан ҷон андозад,
Мошинро зинда созад.

Заминро ҳамвор кунад,
Киштзорро шудгор кунад.

Мададгори деҳқон аст,
Ғамгусори деҳқон аст.

Шабу рӯ дар сари кор,
Набинӣ ӯро бекор.

Ғаллаву пахта корад,
Аз касбаш файз борад.

Ба хок шифо бидиҳад,
Обу ғизо бидиҳад.

Ҳосил гардад фаровон,
Розӣ бигардад деҳқон.

Чашми мардум сер шавад,
Пурқуввату шер шавад.

Ҷони худ созад фидо,
Барои мардуми мо.

Хидматаш арзандааст,
Рабби худро бандааст.

Сазовори ҳурмат аст,
Муносиби иззат аст.

Ҳамин бувад подошаш,
Аз заҳмату талошаш.

Доимо дар ёд бошад,
Манзилаш обод бошад!

*Шаҳри Бухоро, 10 декабри соли 2021*

## ФАЛСАФАИ ТАНБАЛ

Ягон шуғле надорам,
Бекораму беморам.

Чун дарахти беборам,
Аз зиндагӣ безорам.

Умрам чу бод мевазад,
Фасли хазон мерасад.

Бар сарам таъна борад,
Ҷону дилам фишорад.

Чӣ кор кунам, надонам?
Коре кардан натонам.

Ин сӯ гардам – бекорӣ,
Он сӯ гардам – бекорӣ.

Аз бекорӣ кайф кунам,
Умри худро ҳайф кунам.

Чӣ кор кунам, касбам ин,
Шуғлам бекорӣ. Ҳамин!

Бо ёру дӯст насозам,
Танбаламу таннозам.

Коргоҳам кати хоб аст,
Рӯҳиятам хароб аст.

Аз хуфтан ор надорам,
Ба касе кор надорам.

Мехӯраму мехобам,
Дар пешам нону обам.

Дигарон аз пайи кор,
Даме намонанд бекор.

Пешвои танбалонам,
Беному бенишонам.

Ман, ки бекорхоҷаам,
Бо маъюбе боҷаам.

Тарсам, ки дер напоям,
Аз дастам равад ҷоям.

Танҳо афсурда монам,
Як рӯзе мурда монам.

*Шаҳри Бухоро, 13 декабри соли 2021*

## ҲИРСИ ДУНЁ

Касбу корат рӯзу шаб савдогарӣ,
Кай кунӣ дар зиндагӣ одамгарӣ?

Чашми ту аз моли дунё гашта танг,
Кӯр гашта қалби ту, ҳам сахту санг.

Молу дунё дарди бедармони ту,
Пул наёбӣ, ҳайкали беҷонӣ ту.

Чашмбиноиву аммо қалбкӯр,
Сер созад чашмҳоят хоки гӯр.

То ки монад аз ту ҳам ному нишон,
Ҷо бигирӣ аз қатори одамон.

*Шаҳри Бухоро, 16 декабри соли 2021*

# ШАБНАМ

Шабнамам,
оби бақоям.
Ва ё арзи вафоям.
Қатраам ман,
Чакраам ман.
Гавҳари абри дидагонам.
Дар хонаи чашм намонам.
Ман ишқам,
Ишқи покам.
Ман рашкам,
Хуни ашкам.
Эҷоди Табиатам,
Асли обам.
Аз он қатраам, ки дар чархи хаёл аст,
Аз он дуррам, ки ашки зулол аст.
Ошиқам,
Саҳаргоҳон
Ба ёди гул омадаам,
Умедвораш дидаам,
Арзи дилаш шунидаам.
Аз булбул рашк дорам,
Ба ӯ нафорам.
Ӯ ошиқи гул аст.
Ҳоло
Даврони ман аст:
Дар барги гулам.
То даме, ки ҳастам,
Аз бӯяш мастам.
Ман дилам,
Аз ин рӯ
Беқарорам.
Ба васлаш умедворам.
Ман ҳоло
Дар тахтам.
Ман ҳоло
Хушбахтам.

*Шаҳри Бухоро, 19 декабри соли 2021*

## БА ҲАМА ИБРАТ

Ба майдон ту талоши мӯрчагон бин,
Бикун диққат, ба наздаш лаҳзае шин.
Тифоқона чу лашкар бо низоманд,
Зи нокомӣ дигарҳо гашта ғамгин.

Тариқи зиндагишон ибратомӯз,
Ба ӯ бошад баробар ҳар шабу рӯз.
Ту бинӣ доимо саргарми коре,
Кашонад бори вазнин гашта пирӯз.

Гумон созӣ, чу мошинҳои боркаш,
Намонад дар миёни обу оташ.
Кашонад ҳар чӣ бар дасташ биафтад,
Надонад хастагиву мондагияш.

*Шаҳри Бухоро, 24 декабри соли 2021*

## ТИФЛИ ГИРЁНАМ ҲАНӮЗ

Модаро, кайҳо бирафтӣ аз дарам,
Чун сабо бошад парешон хотирам.
Ҷисми ту сокин, руҳат сайёра аст,
Исми некат дар китобу дафтарам.

Модареро ҳар кучо бинам агар,
Хам намоям баҳри таъзимаш сарам.
Гар бубинам як занеро хору зор,
Синаи худро аз ин ғам медарам.

Модаро, ман тифли гирёнам ҳанӯз,
Дар ғамат чун мурғи бирён гаштаам.
То бигардад руҳи ту аз ман ризо,
Бар сари қабри ту гирён гаштаам.

*Шаҳри Бухоро, 25 декабри соли 2021*

## ДАРЕҒО, МЕРАСАД РӮЗИ ҶУДОӢ...

Каси оқил бадӣ бо некӣ шӯяд,
Дарахт зери замин аз дона рӯяд.
Нагардад чизе гум аз қайди ҳастӣ,
Агар одам ба наслаш чора ҷӯяд.

Ба чӣ арзад ҷаҳон, рӯзе набошӣ?
Барои нафси худ ту дар талошӣ.
Зи рӯзи охират андешае кун,
Куҷо монад нишон аз тангапошӣ?

Дареғо, мерасад рӯзи ҷудоӣ,
Дар ин манзил ту асре ҳам напоӣ.
Бимонад маргу мурдан ҳамчу мерос,
Дигар бар оламӣ рӯшан наоӣ.

Дар олам чӣ қадар гумкарда дорем,
Ба ёди ҳар яке зору низорем.
Вазад боди хазон, сӯзад тару хушк,
Барои хотира гулдаста орем...

*Шаҳри Бухоро, соли 2021*

# ҒАЗАЛИЁТ



*Моли дунё кафки обу ганҷи дунё бебақост,*
*Меравӣ бо дасти холӣ мисли тире аз камон.*

# ҒАМХОР ХОҲАР МЕШАВАД

*Ба сухангӯи Садо ва Симои вилояти Бухоро
Олия Остонова*

Ту шунав, дар Радио гуфтори ӯ сар мешавад,
Вожаҳо андар забонаш ширу шаккар мешавад.

Мухлисонаш интизори сӯҳбати ширини ӯ,
Сӯҳбати имрӯзааш аз буда хуштар мешавад.

Мисли булбул фораму озода аст овози ӯ,
Меҳри мо бар санъаташ чандин баробар мешавад.

Мерасонад хушхабар аз гирудори зиндагӣ,
Мисли панди модарон, бешубҳа, азбар мешавад.

Микрафон вақте ки дар ҳукми вай ояд, бегумон,
Пиру барно баста лаб, дар син баробар мешавад.

Гарчӣ ман устоду ӯ шогирд буда як замон,
Ин замон ӯ баҳри ман ғамхор хоҳар мешавад.

*Шаҳри Бухоро, 9 майи соли 1985*

## СУРУДИ НАВРӮЗӢ

Бо навои андалебон Иди Наврӯз омадаст,
Бо суруди обшорон ҷашни Наврӯз омадаст.

Оби Раҳмат шуст гарду чангро аз ёдҳо,
Дар тулӯъи навбаҳорон, Иди Наврӯз омадаст.

Зангҳои қалби моро шуста борони баҳор,
Бар тани озурда дармон – Иди Наврӯз омадаст.

Зинате бар осмон шуд ҷилваи тирукамон,
Зинатафзои гулистон – Иди Наврӯз омадаст.

Тобиши рангинкамон гардида зеби осмон,
Бо ҳавои боду борон Иди Наврӯз омадаст.

Манзили мову шумо гӯё, ки меҳмонхонаест,
Хона пур аз хешу ёрон – Иди Наврӯз омадаст.

Боз гашта “Ҳафт Син” султони дастархони мо,
Ҷашнҳоро шоҳу султон – Иди Наврӯз омадаст.

Бӯйи атру бӯйи мушку бӯйи гул арзонӣ шуд,
Шуд баҳор оғӯши ҷонон, Иди Наврӯз омадаст.

Дилбарон дар дасту по бин, ки ҳино барбастаанд,
Бо ҳинои гулъузорон Иди Наврӯз омадаст.

Ҳам Замину ҳам замон аз хоби ғафлат хестаст,
Шамси ховар шоду хандон – Иди Наврӯз омадаст.

Бар шумо бошад муборак Соли нав, иқболи нав,
Бахтатон гардад шукуфон, Иди Наврӯз омадаст.

*Шаҳри Бухоро, 20 марти соли 1998*

## БОЛИ ИЛҲОМ

Бо дуъои неки ёрон зиндаам,
Дар раҳи сидқу вафо пӯяндаам.

Чун чанори дерсолу пурвиқор
Сарбаланду дар замин пояндаам.

Гирад аз дастони ман хурду бузург,
Бо умеди нақшаи ояндаам.

Мурғи иқболам кушояд болу пар,
Бахти худро ҳар куҷо ҷӯяндаам.

Соҳиби сад дафтару девон шудам,
Дар гулистон булбули хонандаам.

Минбари шеъру сухан хоҳад дилам,
Ман, ки дарди халқро гӯяндаам.

*Шаҳри Бухоро, 23 декабри соли 2009*

## МАРҲАМ АСТ

Васлу ҳиҷрон ошиқонро ҳамдам аст,
Нӯши ошиқ дарду андӯҳу ғам аст.

Эй парии камнамо дар чашми ман,
Ҳар каломат бар дили ман марҳам аст.

Офтобӣ, пушти абри ғам ниҳон,
Аз фироқат чашмҳоям пурнам аст.

Ин қадар бар ман ҷафо созӣ чаро?
Раҳм бинмо, қалби ман пур аз ғам аст.

Нур гирад олами ман аз рухат,
Бе рухи ту зулмате ин олам аст.

Аз чӣ, Гулзода, ғами дунё хӯрӣ?
То қиёмат шодиву ғам бо ҳам аст.

*Шаҳри Бухоро, соли 2009*

## НОМИ НЕК

Зиндагӣ чун корвон дар раҳ равон, дар раҳ равон,
Ҳар кӣ ояд, бозгардад бо дили хун аз ҷаҳон.

Моли дунё кафки обу ганҷи дунё бебақост,
Меравӣ бо дасти холӣ мисли тире аз камон.

Мебарӣ ҳамроҳи худ аз ин макон се газ кафан,
То тавонӣ, дил бикан аз молу ҷоҳи ин ҷаҳон.

Ҳар кӣ дорад ҳоҷате, ҳимматбаландӣ пеша кун,
Бо ғами одам бизӣ, аз маърака берун намон!

Дар ҷаҳон ҳаргиз машав бедарду бепарво даме,
Гар бихоҳӣ вирд гардад номи некат дар забон.

Номи некат зиндаву поянда дорад асли ту,
Ҳар куҷое по бимонӣ, ҷойи худ дониста мон!

*Шаҳри Бухоро, 30 январи соли 2001*

## ДИЛБАРИ СОҲИБҶАМОЛ

Ҳусну ҷамоли ту ба ман ҳамдам аст,
Ҳусну ҷамол гуфтани ман ҳам кам аст.

Эй парии ба чашми ман камнамо,
Ҳар суханат ба ҷони ман марҳам аст.

Шамс туӣ, мондаӣ дар зери абр,
Чашми ман аз фироқи ту пурнам аст.

Чанд кунӣ ба ҷисму ҷонам ҷафо?
Раҳм намо, ки қалби ман пурғам аст.

Аз рухи ту олами ман нур шуд,
Умри ману баҳори ман як дам аст.

То ба қиёмат ғаму шодӣ, Асад,
Ҳамчу фироқу васли ӯ боҳам аст.

*Шаҳри Бухоро, 5 майи соли 2002*

## РИСОЛАТИ ЗИНДАГӢ

Баҳор рафта, гуле накорам,
Хумор рафта, майе надорам.

Чу боди саҳро ҳаёти ман рафт,
Зи даст рафта тамоми корам.

Баҳор бигзашт, расид пойиз,
Гулам фасурда, бимонда хорам.

Ба сар дамида сапед барфе,
Расида пирӣ, чӣ чора дорам?

Ба мулки ҷонам хазон расида,
Ба дил зимистон, ба тан фигорам.

Нишаста поям ниҳояти умр,
Ҷаҳони дигар дар интизорам.

Вале чу фурсат ҳанӯз боқист,
Гули умедро дубора корам...

*Шаҳри Бухоро, декабри соли 2005*

## ДАРАХТИ УМР

*Дар зодрӯзи додарам Раҳмати Гулзод*

Илоҳо, боғи умрат бехазон бод,
Тароватбахшу сабзу гулфишон бод!

Набинӣ дарду ғам бо амри Яздон,
Нишоту шодмонӣ ройгон бод!

Ҳасудону рақибонат ҳамеша,
Ба наздат хору зору нотавон бод!

Ту охир, уммати пайғамбар астӣ,
Нисор аз мо ба ту ҷону равон бод.

Раҳи умрат дарозу тахту ҳамвор,
Насибат лаҳзаҳои шодмон бод.

Дуъои беғараз шуд тӯҳфаи ман,
Танат дур аз ҳама ранҷу зиён бод!

Бихоҳам, то ҷаҳон бошад, ту бошӣ,
Шукӯҳу обрӯят ҷовидон бод!

Асад гуфто: саломат бош доим,
Ба васфат ин ғазал вирди забон бод!

*Шаҳри Бухоро, 13 апрели соли 2010*

## ИШҚИ СӮЗОН

Ишқи сӯзонат маро сӯзонда бирён мекунад,
Рафта-рафта дурии ту хонавайрон мекунад.

Мекунам ҳар лаҳза ёди ҳусни зебои туро,
Қалби бемори маро ҳаҷри ту гирён мекунад.

Дида гоҳе суратаро, мекашам фарёдҳо,
Ёди некат хонаи дилро дурахшон мекунад.

Хотироти неки ту кай меравад аз ёди ман?
Номи ту дар шеърҳоям шӯру туғён мекунад.

Эй Асад, осуда бош, умри ту ҳам поён расад,
Ин тасаллӣ ҳам умед аз васли ҷонон мекунад.

*Шаҳри Бухоро, 23 феврали соли 2011*

# МОДАР

Модаро, ҷон модаро, оғӯши гармат ҷаннат аст,
Зиндагии беқарорат баҳри мо худ ибрат аст.

Рӯзу шаб аз беқарорӣ гирди мо парвонаӣ,
Меҳрубониҳои ту аз баҳри мо беминнат аст.

Бо нигоҳи гарми ту равшан бувад ин хонадон,
Дастҳои нозукат ҳар рӯзу шаб дар меҳнат аст.

Кӯдаконат сарфароз аз меҳри чун хуршеди ту,
Бахти неки ҳар кадом аз баҳри ту як давлат аст.

Сарпарасти хонадону меҳрубон ҳастӣ мудом,
Шӯҳрати овозадорат ифтихори миллат аст.

Он забони ширадорат ҷон ато созад маро,
Сӯйи фардо миллати озоди худро даъват аст.

*Шаҳри Бухоро, 20 октябри соли 2011*

## РИСОЛАТИ ПИРӢ

Дар ҷавонӣ ҳусни олам доштам,
Бори сангини замон бардоштам.

Ҳар кӣ медид ар тани рустамвашам,
Хотироте баҳри ӯ бигзоштам.

Ҳол чун обу адое гаштаам,
Олами ғамро ба сар бардоштам.

Қомати чун тири ман ҳам шуд камон,
Парчами пирӣ кунун афроштам.

Охири роҳи ҳаётам шуд аён,
Дасти худро оқибат бардоштам.

Ғам махӯр аз маргу мурдан, эй Асад,
Сирри пирӣ дар китоб ангоштам.

*Шаҳри Бухоро, 15 феврали соли 2015*

## АНДЕША

Қоилам ман вусъати андешаро,
Хидмати бемузди арра, тешаро.

Ҳар кӣ дорад касбу коре дар ҷаҳон,
Кай кунад хору низор он пешаро?

Мехурад нони ҳалол аз меҳнаташ,
Парварад ҳар кас ба дил андешаро.

Мерасад бар қадри он кас одамон,
Гар насӯзад насли сабзи бешаро.

Дар баҳорон дона пошад бар замин,
Ҳосил орад гандуми пурхӯшаро.

*Шаҳри Бухоро, 20 марти соли 2018*

## ПАЙВАНДИ ҶОН

*Дар васфи наберагонам*

Суннату Зӯҳро бувад пайванди ҷон,
Ширин астанду шаккар, меҳрубон.

Кӯдакон дар зери боли модарон,
Доягӣ бар кӯдакон худ имтиҳон.

Зинда бодо Суннату Зӯҳро мудом,
Зинда бошанд волидайнаш ҷовидон.

Давлате моро ба ҷуз фарзанд нест,
Ҳар яке дар қалби дорад макон.

Хона пур аз тифлакони ширмак,
Нақшҳошон мисли Роҳи Каҳкашон.

Мо аз онҳо сарфарозӣ мекунем,
Дар ҷаҳон поянда бодо кӯдакон.

Умрашон гардад дарозу бегазанд,
Ризқашон гардад фароху бекарон.

Ин ғазал иншо бишуд дар васфашон,
Ёдгоре аз Асад – бобояшон.

*Шаҳри Бухоро, соли 2010*

## БИЁ

Зиндагӣ гирам зи сар, эй нури чашми тар, биё!
Ахтари субҳи умедам, ҳамчу тоҷи сар биё!

Эй гули райҳон, биё, марҳам ба дарди ҷон, биё,
Эй сару сомон биё, бар ҷамъи мо сарвар, биё!

Нури чашмонам, биё, эй қуввати ҷонам, биё,
Нури иймонам, биё, эй шоҳи баҳру бар, биё!

Бе ту ғамҳо дар каминам, бе ту хатҳо дар ҷабинам,
Заъф дорад бе ту динам, муршиди раҳбар, биё!

Эй наҷот аз ғам, биё, бар дарди ман марҳам, биё,
Қатра аз Замзам, биё, бо бодаву соғар биё!

Ташнаи дидорро, ин ошиқи дилдорро,
Хаставу беморро ҳамчун табиб аз дар биё!

*Шаҳри Бухоро, 16 феврали соли 2020*

## ОВОРА ГАШТАМ...

Ба шаҳрат омадам, овора гаштам,
Ғарибу бекасу бечора гаштам.

Нашуд пайдо нишони манзили ту,
Зи худ бегонаву бекора гаштам.

Бидида акси ту дар рӯйи коғаз,
Чу шиша рӯйи раҳ садпора гаштам.

Агар пазмони ман бошӣ, садо кун,
Ки бе овои ту овора гаштам.

Ба ҳоли зори ман андешае кун,
Ки сойир мисли як сайёра гаштам.

Зи аҷзу нотавониву забунӣ
Ба мисли кӯдаки гаҳвора гаштам.

Асад аз аҳди худ ҳаргиз нагардад,
Чу ӯ ман ҳам қаландарвора гаштам.

*Шаҳри Бухоро, 7 марти соли 2020*

## ЁРИ МЕҲРУБОН

Дилбаро, ҷону ҷаҳони ман туӣ,
Роҳати рӯҳи равони ман туӣ.

Дар ҷаҳони бевафою бебақо,
Бовафою меҳрубони ман туӣ.

Ин сари пуршӯру савдои маро,
Сарпаноҳу соябони ман туӣ.

Бе ту монам, ҳоли ман гардад хароб,
Ғамгусору дилситони ман туӣ.

Ҷисми ман бетобу бетоқат шавад,
Марҳаме бар ҷисму ҷони ман туӣ.

То ки бошад ҳарфи ман вирди забон,
Ҳамнишину ҳамзабони ман туӣ.

## ОШИҚИ ЗОР

Шӯри равонам Шумо,
Шеъри забонам Шумо.

Ранҷи ғамангези ман,
Роҳати ҷонам Шумо!

Нури ду чашмони ман,
Ному нишонам Шумо!

Раҳзани иймони ман,
Офати ҷонам Шумо!

Боғи ман гулшанам,
Боди хазонам Шумо!

Дарди ману шифоям,
Қуввати ҷонам Шумо!

Ганҷи ману давлатам
Дар ду ҷаҳонам Шумо!

*Шаҳри Бухоро, 28 сентябри соли 2020*

## МЕҲМОНИ САМАРҚАНД

Эй Самарқанд, садқаи нонат шавам,
Мухлиси ихлосмандонат шавам.

То шавам як лаҳзае ҳамсӯҳбатат,
Бар туе нохонда меҳмонат шавам.

Ҳамзабону ҳамдилу ҳамқисматем,
Дар тани озурдаат ҷонат шавам.

Дардҳоямро даво танҳо туӣ,
Изн деҳ, бар дард дармонат шавам.

Хонадонат баҳри ман бегона нест,
Дар қатори ҷумла ёронат шавам.

Чашми ту дар роҳи ман гардид чор,
Садқаи дидори пазмонат шавам.

Боғу роғат ҷаннати афсонавӣ,
Дастёри боғбононат шавам.

Ҳам ҳавоят фораму обат зулол,
Гаштаву баргашта меҳмонат шавам.

Гар Бухоро ой ту, меҳмон шавӣ,
Шоду мамнун гашта қурбонат шавам.

*Шаҳри Бухоро, 25 январи соли 2021*

## ДАР ИШҚИ ЁР

Эй парӣ, дар ишқи ту шайдо шудам,
Гунги куллӣ будаму гӯё шудам.

Дар раҳат сарсону саргардон шуда,
Манзилу маъвотро ҷӯё шудам.

Ишқи ту дар ҷони ман оташ ниҳод,
Сӯхтам, ошуфта дар рӯъё шудам.

Гар бихобам, дар назар симои туст,
Кӯр будам, бо ғамат бино шудам.

Бар сари ман пар занад савдои ту,
Вой бар ҳолам, чӣ хушсавдо шудам.

Ман куҷову ин сару савдои шеър?!
Бо вуҷудат булбули гӯё шудам.

*Шаҳри Бухоро, 28 январи соли 2021*

## ҚОНУНИ НОНАВИШТА

Дарди мо пурсӯзу сахту бедаво,
Дар диёри худ ғарибу мубтало.

Як қарори нонавишта буду ҳаст,
Дар забони худ сухан гуфтан хато.

Як замон бастанд мактабҳои мо,
То ҳанӯз онҳо намегарданд во.

Оқибат, карданд коре, водареғ,
Аз забони модарӣ гаштем ҷудо.

Офате, беҳурматӣ бар миллате,
Оварад дар байни мо сад моҷаро.

Раҳ диҳад бар ин хато гар давлате,
Мешавад баҳсу низоъ дар байни мо.

Баҳри фарзандони мо оянда ку?
Эй Худо, Ту мушкили моро кушо.

Бар ту дорем эътиқоду эътимод,
Дар паноҳат зинда ҳастем аз қазо.

Нолаҳо дорад ба даргоҳат Асад,
Худ Ту бар оянда роҳеро намо!

*Шаҳри Бухоро, 1 феврали соли 2021*

## МОҲИ ДАМИДА

Чунин маҳрӯйро олам надида,
Зи рашкаш моҳи тобон лаб газида.

Гумон кардам, ки аз насли парӣ буд,
Дилам Маҷнун бишуд лафзаш шунида.

Шаби базми маро ӯ машъале буд,
Ҳама ҳайрони рақси ӯ бидида.

Сару рӯяш битафсиду арақ кард,
Гулоб аз тори мӯйи ӯ чакида.

Ба давра оламе парвона мегашт,
Ту гӯӣ, оҳуе аз мо рамида.

Нигоҳи ӯ маро аз хештан бурд,
Барам дуздида, гуфтам бо ду дида.

Ба қалби мурдаам уммед бахшид,
Ба шоми ошиқон моҳе дамида.

Кунам тасвири ҳуснашро китобе,
Асад шуд ошиқонро нури дида.

## САЙРИ ИСФАРА

Баски як зебомаконӣ, Исфара,
Роҳате бар ҷисму ҷонӣ, Исфара!

Дар миёни кӯҳҳои пур зи ганҷ,
Болатофат бӯстонӣ, Исфара!

Доманат пур аз глу гулдастаҳост,
Васлгоҳи дӯстонӣ, Исфара!

Боғҳоят дилпазиру дилкашанд,
Ҷисми моро ҳамчу ҷонӣ, Исфара!

Кони ширин себу зардолуӣ ту,
Дилнишину дилситонӣ, Исфара!

Чоркӯҳат гавҳари тоҷи сарат,
Ифтихори тоҷиконӣ, Исфара!

Шодмон аз сайри ту шуд Гул Асад,
То қиёмат сабз монӣ, Исфара!

*Шаҳри Бухоро, 16 октябри соли 2021*

## ҚАНДИ ПОРСӢ-ТОҶИКӢ

Бихон шеъри равони шоиронро,
Шунав лафзи ғарибе ошиқонро.

Зи қанди порсӣ ширин бикун ком,
Азизу тоза дорӣ ту забонро.

Зи ҳар ҳарфу ҳиҷоят маънӣ борад,
Ҳаловатбахш бошад ин равонро.

Чу ҳикмат ҳар сухан бошад нишонрас,
Барад аз дидаву дил ҳар гумонро.

Кунад шайдо ба ҳуснаш аҳли олам,
Ба ҳайрат мегузорад он ҷаҳонро.

Ба қадраш мерасиданд аҳли дарбор,
Забони давлатӣ дониста онро.

Ба тавсифаш забон оҷиз бимонад,
Ба ҳайрат мегузорад он замонро.

*Шаҳри Бухоро, 22 октябри соли 2021*

## ДАР ВАСФИ ЗАБОН

Хушо, ки мо забон дорем,
Зи таърихаш нишон дорем.

Зи насли Оли Сомонем,
Сарафрозӣ аз он дорем.

Мақоми давлатӣ бар мост,
Фароҳмандӣ аз он дорем.

Ҳазорон қарнро доро
Забоне пуртавон дорем.

Зи шаҳдаш коми мо ширин,
Забон не, мо ҷаҳон дорем.

Ба ҳифзаш ҷон фидо созем,
Ба тан то ин ки ҷон дорем.

*Шаҳри Бухоро, 3 декабри соли 2021*

## ДУНЁ ШУДАМ

Бар ҷамолат ошиқи шайдо шудам,
Гунг будам, булбули гӯё шудам.

Чун шунидам лафзи ширини туро,
Ман аз он оби бақо ҷӯё шудам.

Чун бигуфтӣ: “хоби ширинат ба об!”
Ғӯтавар андар дили дарё шудам.

Чашми ту равшангари маъвои дил,
Ман ба ҳар кӯю дару маъво шудам.

Гар шавад шаҳди висоли ту насиб,
Дон, ки ман дунё дар ин дунё шудам.

*Шаҳри Бухоро, 20 декабри соли 2021*

# ЁДИ САБЗИ ИШҚ



*Он нигаҳ нуре бувад дар роҳи ман,*
*Дар ҳаётам доимо ҳамроҳи ман.*
*Риштаи ишқу муҳаббат васл бод,*
*Бо нигоҳи нурпоши моҳи ман.*

## ОРЗӮ

Гирди сарат бигардам,
Ошиқи аҳли дардам.
Ҳусни ту гармии дил,
Бе ту басо дилсардам.

Дидаам равшан намо,
Бо чашми шаҳло даме.
Ранҷуру дарди сарам,
Марҳамате кун даме.

Дар байни маҳпайкарон,
Танҳо туӣ ҳамдамам.
Ба ҳуснат шайдо шудам,
Кош, бишавӣ марҳамам.

*Шаҳри Бухоро, 23 феврали соли 2011*

## ШОМИ ПУРОЗОР

Дишаб овора гаштам,
Зору бечора гаштам.

Илҳоми ман наёмад,
Ҷойи шодӣ ғам омад.

Мисраъҳо ноҷӯр буданд,
Вожаҳо бенур буданд.

Гӯё абри бебориш,
Лоиқи сад сарзаниш.

Саҳифаи дафтарам,
Боиси дарди сарам.

Аз хома шуд сип-сиёҳ,
Чу рангу бори гиёҳ.

Хулоса, бебор буданд,
Як чизи бекор буданд.

Ҳайфи шаби пурозор,
Дигар нагардад такрор.

*Шаҳри Бухоро, 30 июли соли 2011*

## ДАВОИ ДАРД

Осуда бош, дилбарам,
Боиси чашми тарам.

Туро танҳо намонам,
Дилбари ғампарварам.

Бемору хаста гаштӣ,
Кучое хоҳӣ, барам.

Дарди ту бедаво нест,
Ҷони туро мехарам.

Ту ҳастӣ давлати ман,
Ту ҳастӣ тоҷи сарам.

Давраи сахтӣ гузашт,
Ба по бихез, ҳамсарам!

*Шаҳри Бухоро, 24 ноябри соли 2011*

## ПАЗМОН ШУДАМ

Дилбари хандони ман,
Лолаи гулдони ман,
Дар бари гулзори ман
Ҷилва намо, ҷони ман!

Ман туро пазмон шудам,
Дар раҳат посбон шудам.
Кулбаам равшан намо,
Шӯълаи шамъдони ман.

Ҷони ману ҷони ман,
Нури ду чашмони ман.
Бас, надорам тоқате,
Ой ба дармони ман.

Ин Асад шайдои ту,
Дар сараш савдои ту.
Кай кунад савдогарӣ?
Бас бувад пайдои ту.

*Шаҳри Бухоро, соли 2018*

## ДАРДИ ИШҚ

Хуршеди хонадонам,
Ту ҳастӣ ҷисму ҷонам.
Бе ту чӣ ҳол дорам?
Бе ту равад равонам.

Ишқи туро парастам,
Шодам, ки бо ту ҳастам.
Бе ту чу хоки поям,
Бо ту қавист дастам.

Қадри маро ту донӣ,
Маро танҳо намонӣ.
Ҷудоӣ аз ту марг аст,
Ҳоли маро ту донӣ.

Бар роҳат интизорам,
Бо чашми пурхуморам.
Ҳоло, ки зинда ҳастам,
Уммед бар ту дорам.

Асад гирифтори ту,
Асад харидори ту.
Қурби туро медонад,
Дар сари бозори ту.

*Шаҳри Бухоро, 19 феврали соли 2019*

## ОН НИГАҲ...

Он нигаҳ бар ҷисми ман ҷон медиҳад,
Сад нишон аз аҳду паймон медиҳад.
Бишкуфад аз он нигаҳ саҳни дилам,
Бар дили бемор дармон медиҳад.

Он нигаҳ нуре бувад дар роҳи ман,
Дар ҳаётам доимо ҳамроҳи ман.
Риштаи ишқу муҳаббат васл бод,
Бо нигоҳи нурпоши моҳи ман.

Он нигаҳ бар ҷисм гӯё ҷон диҳад,
Ҳар ғамеро барҳам он осон диҳад.
Бишкуфад аз он нигаҳ саҳни дилам,
Қалби бемори маро дармон диҳад.

Он нигаҳ раҳ мекушояд дар ҳаёт,
Дур созад маргро, бидҳад наҷот.
То ки бошам шоду мамнун, сарфароз,
Ҳар чӣ ояд, мард бошам, босубот.

Он нигаҳ бар қалби ман шӯре диҳад,
Бод доим дар ҳаёт ҳамроҳи ман.
Риштаи ишқу муҳаббат зинда бод!
Аз хатар эмин бувад ҳам роҳи ман.

Одамиро ишқ тоҷу давлат аст,
То ки марде бар зане ошиқ бувад.
Ишқи мо дар ду ҷаҳон бодо ҷавон,
Ошиқе бар маъшуқе содиқ бувад.

Ҷони худро сарфи ҷонон мекунам,
Бо нигоҳаш аҳду паймон мекунам.
То шавад он ёри ман, дармони ман,
Хидматашро аз дилу ҷон мекунам.

*Бухоро, 26 ноябри соли 2018*

## ИНТИЗОРӢ

Ёри хандонам, биё,
Ҷону ҷононам, биё!
Ман туро пазмон шудам,
Роҳати ҷонам, биё!

Ман, ки муштоқи туям,
Марҳами дардам, биё!
Бо дили хуршеди худ
Бар дили сардам биё!

Чашми ман дар роҳи туст,
Ёракам, зудтар биё!
Бе ту ҷонам дар гулӯст,
Эй ёри ғампарвар, биё!

Манзилам беқуфлу дар,
Соябони сар, биё!
Интизори ту Асад,
Ҳамчу нур аз дар биё!

*Шаҳри Бухоро, 16 феврали соли 2020*

## ЁРИ ЗАРДӮЗ

Ёри зардӯзи ман,
Ёри дилсӯзи ман.

Марҳами ҷони ман,
Моҳи тобони ман.

Шамъи худсӯзи ман,
Ёри гулдӯзи ман.

Гули уммеди ман,
Нури хуршеди ман.

Гул Асад ошиқат,
Ёри зардӯзи ман!

*Шаҳри Бухоро, 19 феврали соли 2020*

## ИШҚИ ПОК

Ҷону ҷонони манӣ,
Дарду дармони манӣ.
Бе ту ман бемору зор,
Шӯҳрату шони манӣ.

Умри ту бодо дароз,
Бо туям ман сарфароз.
Доимо хушбахт бошӣ,
Ман шогирдам, ту – устоз.

Бо ишқат зинда ҳастам,
Ба ҳуснат банда ҳастам.
Амри ту иҷро гардад,
Меҳри худ бар ту бастам.

Васфи ту карда Асад,
Доимо зинда бошад.
Дар ин умри бевафо
Бар туе банда бошад.

*Шаҳри Бухоро, 24 феврали соли 2020*

## ЁРИ ВАФОДОР

Дилдори ман ту бошӣ,
Ғамхори ман ту бошӣ.
Аз ман ту ҳеҷ дур машав,
Гар ёри ман ту бошӣ.

Ба дидорат ман зорам,
Марҳами ман ту бошӣ.
Ба роҳат интизорам,
Ҳамдами ман ту бошӣ.

Бидон, ки ошиқат ман,
Хуршеди ман ту бошӣ.
Бонуи хонадонам,
Уммеди ман ту бошӣ.

Асад, ки Маҷнуни ту,
Лайлои ӯ ту бошӣ.
Ҷони ӯ фидои ту,
Фардои ӯ ту бошӣ.

*Шаҳри Бухоро, 26 феврали соли 2020*

## ҲАМСАРАТ МАН

Эй парӣ, хушдорат ман,
Бо ҷон харидорат ман.
Диламро бурдаӣ ту,
Ёри вафодорат ман.

Аз ман чаро ҷудоӣ?
Доимо дар барат ман.
Биё, ки бо ҳам шавем,
Соябони сарат ман.

Аз ишқат беқарорам,
Сӯхта хокистарат ман.
Орзӯи ман ҳамин аст,
То шавам ҳамсарат ман.

*Шаҳри Бухоро, 28 феврали соли 2020*

## ШАЙДОИ ТУ

Дилбари меҳрубонам,
Бонуи хонадонам.
Осойиши ман аз туст,
Хуршеди ошёнам.

Парастори кӯдакон,
Ғамхору меҳрубонам.
Вафодори туям ман,
Эй марҳаме ба ҷонам.

Умри ту гардад дароз,
Ғами туро мехурам,
Доимо дар амон бош,
Бебадал ту ҳамсарам.

Гул Асад шайдои ту,
Гар ту набошӣ, камам.
Ҳаётат беармон бод,
Гар ту шодӣ, беғамам.

*Шаҳри Бухоро, 28 феврали соли 2020*

## ИШҚИ БАҲОРӢ

Эй гули хандони ман,
Ёри ғазалхони ман.
Дар баҳори нозанин,
Булбули хушхони ман.

Ҳама ҷо боғу бӯстон,
Олам шудаст гулистон.
Саҳро ҷойи тамошо,
Ҳузур кунад ҷисму ҷон.

Қолини сабзаро бин,
Даме дар он ҷо нишин.
Қалбат кушода гардад,
Намонад ҳеҷ ғаму кин.

Насими форам вазад,
Гарду ғуборро барад.
Осуда гардӣ даме,
Гул аз дарахтон борад.

Бубин ту ин манзара,
Дар кӯҳу дашту дара.
Бар Ватан шайдо шавӣ,
Боре не, сесад кара.

Ишқи ман бар ту фузуд,
Мақсади мо ҳамин буд.
Ошиқу шайдо шудем,
Байни мо сирре набуд.

Кӯр будем, бино шудем,
Гунг будем, гӯё шудем.
То баҳори дигаре,
Ошиқу шайдо шудем.

*Шаҳри Бухоро, 3 марти соли 2020*

## ҶОНУ ҶАҲОНАМ

Чӣ кардам бо ту, ки бо ман нахонӣ,
Ки ҳоли зори қалбамро надонӣ?
Шудам бемору бар дарде гирифтор,
Мани бечораро танҳо намонӣ.

Аз ишқи ҷонгудозат сӯхтам ман,
Ба роҳат чашми худро дӯхтам ман.
Ки ҳоло аз туву аз дил ҷудоям,
Ба меҳри гарми ту дил бохтам ман.

Ба дидорат шудам пазмону пазмон,
Туро пурсон шавам ҳар ону ҳар он.
Надонам, дар куҷое гаштаӣ ту,
Вуҷудам сард гашта чун зимистон.

Ту ой, гарм гардад ин ҷаҳонам,
Дар ин олам дигар бе ту намонам.
Асад, созад туро ҳар дам насиҳат,
Биё, ҷонам, ки ман бе ту натонам...

*Шаҳри Бухоро, 4 марти соли 2020*

## ПАРӢ

Дар миёни гулрухон ҳастӣ, Парӣ,
Аз ману аз дигарон дил мебарӣ.
Чун бубинам чеҳраи хандони ту,
Кай гузар созам зи наздат сар-сарӣ?

Дида ҳуснат, ошиқи шайдо шавам,
Ҳар саҳар хуршедсон пайдо шавам.
Лаҳзае ёдат насозад тарки ман,
Хонда дарси ошиқӣ, бино шавам.

То шавӣ ту дилбари зебои ман,
То ки бошӣ ҳамсари барнои ман.
Ҷони худро мекунам бар ту фидо,
То шавӣ ту дилбари яктои ман.

Ҳар ки ошиқ, бар муродаш мерасад,
Васф созӣ, ишқи покаш, месазад.
Зинда бошанд ошиқони хушсиришт,
Эй, Асад, бар ту савобаш мерасад.

## СӮЗУ СОЗИ ИШҚ

Гулпарӣ, ҳусни гулистон дар ту аст,
Ҳам ҷилову ранги бӯстон дар ту аст.
Чеҳраи хандони ту зеби баҳор,
Меҳри гарми ёру дӯстон дар ту аст.

По ниҳодӣ ҳар куҷо, обод шуд,
Дил зи ранҷу ғуссаҳо озод шуд.
Бахти ман гул мекунад, бошӣ амон,
Дил ба дидори ту доим шод шуд.

Гулпарӣ, бо ишқи ту ман зиндаам,
Бе муҳаббатҳои ту шармандаам.
Дар дилам то ишқи ту дорад макон,
Дон, ки ман дар ин ҷаҳон пояндаам.

*Шаҳри Бухоро, 9 марти соли 2020*

## ДАРДИ ИШҚ

Дилбари ғамгусорам,
Оқилу маҳрухсорам,
Бонуи хонадонам,
Фасли хуши баҳорам!

Хушбахтаму хуштолеъ,
Аз қисматам нанолам.
Пеши раҳам кушода,
Бо ишқи ту биболам.

Ҷононаи ман астӣ,
Аз ту боифтихорам.
Эй бонуи паризод,
Танҳо туро дӯст дорам.

Умрат шавад зиёда,
Дасти дуъо бардорам.
Гар даме ту набошӣ,
Бо чашми пурхуморам.

Умеду орзӯям ту,
Ба лутфат интизорам.
Бар Асад раҳме намо,
Аз ишқи ту беморам.

*Шаҳри Бухоро, 20 марти соли 2020*

## ШАМСИ ТОБОН

Ёри хандонам туӣ,
Ҷону ҷононам туӣ.
Манбаи илҳоми ман,
Шамси тобонам туӣ.

Ҳусни ту оламгир аст,
Кас надонад, ин чи сир аст?
Беҳтарин дилбар туӣ,
Ишқи ман беохир аст.

Ёри дилсӯзат манам,
Ошиқи зорат ман.
Рӯзу шаб дар ёди ту,
Ҳам вафодорат манам.

Меҳрубони ман туӣ,
Ғамбарори ман туӣ.
Гул асад дилдодаат,
Ғамгусори ман туӣ.

*Шаҳри Бухоро, 20 майи соли 2020*

## ҲАМСАРИ ДИЛДОДА

Ошиқи зорат манам,
Ёри ғамхорат манам.
Зиндаам бо ишқи ту,
Зори дидорат манам.

Марҳами дардам туӣ,
Марҳами ҷонат манам.
Маҳрами рӯҳам туӣ,
Маҳрами ҷонат манам.

Ошиқи Гулзодаӣ,
Ошиқат Гулзода аст.
Ин дили ман сӯйи ту
Болу пар бикшодааст...

*Шаҳри Бухоро, 20 майи соли 2020*

## ХОБИ БАД

Бемораму беморам,
Уммед ба ту дорам.
Рӯзе, ки набошӣ ту,
Ман мурдаи бедорам.

Лутфе накунӣ бар ман,
Бисёр хароб астам.
Бе чеҳраи хандонат
Ман дида пуроб астам.

Ғамгинаму ғамгинам,
Бар лутфи ту мӯҳточам.
Шоҳам, ки надорад точ,
Аз мулки худ ихрочам.

Мебинаму мебинам,
Хоби баду бесомон.
Маҳтал ба ман он ҷо гӯр,
Тобуту кафан ҳайрон.

Лутфе бинамо бар ман,
Дарҳол биё, ҷонам.
Аз ҳаҷр нгардад, ёр,
Аз ҷисм ҷудо ҷонам.

*Шаҳри Бухоро, 21 майи соли 2020*

## ДАЪВОИ МАН

Дилбари барнои ман,
Зӯҳраву Лайлои ман!

Омӯзгори зиндагӣ,
Ҳамсари яктои ман.

Беҳтарин ғамхори ман,
Дилкашу раънои ман.

Бо ту обод манзилам,
Соҳиби маъвои ман.

Боиси хурсандиям,
Ёраки зебои ман.

Ошиқи зорат манам,
Ин бувад даъвои ман!

*Шаҳри Бухоро, 24 майи соли 2020*

## ГУЛИ ОДАМ

Рухи тобонаш бубин,
Лаби хандонаш бубин.
Ана ёру мана ёр!

Чашми шаҳлояш бубин,
Қади болояш бубин.
Ана ёру мана ёр!

Шишту хезашро бубин,
Ҷаҳли тезашро бубин!
Ана ёру мана ёр!

Мӯйи печонаш бубин,
Рӯи рахшонаш бубин.
Ана ёру мана ёр!

Дурри дандонаш бубин,
Лаъли хандонаш бубин.
Ана ёру мана ёр!

Тарзи рафтораш бубин,
Сабки гуфтораш бубин!
Ана ёру мана ёр!

Ҷони ҷононро бубин,
Гули хандонро бубин!
Ана ёру мана ёр!

Зеби оламро бубин,
Гули одамро бубин!
Ана ёру мана ёр!

*Шаҳри Бухоро, 27 майи соли 2020*

## БОВАР БИКУН

Садқаи рафтори туям,
Қурбони гуфтори туям.
Як даме меҳмонакат,
Муштоқи дидори туям.

Посбони манзилат манам,
Боғбони хушдилат манам.
Дар ин ҷаҳони пурумед,
Чароғи маҳфилат манам.

Ба ҳусни ту дил додаам,
Магӯ, ки марди содаам.
Умре шавам вафодорат,
Барои ту ман зодаам.

Бар ҳусни ту ошиқ манам,
Бар ишқи ту лоиқ манам.
Бар ваъдаам бовар бикун,
Бар аҳди худ содиқ манам.

Савганд хурад Гулзодаат,
Ёри накӯ, озодаат.
Ҳар чӣ гӯяд, бовар бикун,
Ин ошиқи дилсодаат.

*Шаҳри Бухоро, 28 майи соли 2020*

## ДИЛБАРИ ЗЕБО

Эй гули садбарги ман,
Ҳам тану ҳам ҷони ман!

Дар олами ошиқӣ,
Орзӯву армони ман.

Номи некат дар забон,
Ҷойи ту дар ҷони ман.

Ёри беозорӣ ту,
Марҳаму дармони ман.

Шамъчароғи манзилам,
Моҳи шабистони ман.

Гул Асад дар хидматат,
Дилбари ҷонони ман!

*Шаҳри Бухоро, 25 сентябри соли 2020*

## ҶОНАМ ТУӢ

Бахтаки тобонам туӣ,
Роҳатаки ҷонам туӣ.
Дар шабаки тираву тор,
Нури ду чашмонам туӣ.

Гулу гулзорам туӣ,
Булбули зорам туӣ.
Боиси хушнудиям,
Меҳрубон ёрам туӣ.

Рӯзона офтобам туӣ,
Шабона маҳтобам туӣ.
Аз ҳоли ман бохабар,
Дилбари ноёбам туӣ.

Гулу гулзорам туӣ,
Булбули зорам туӣ.
Боиси хушнудиям,
Меҳрубон ёрам туӣ.

*Шаҳри Бухоро, 20 октябри соли 2020*

## АҲДУ ВАФО

Обу адоят манам,
Дарду давоят манам.
То ки шавӣ ҳамсарам,
Кафшаки поят манам.

Куҷое хоҳӣ, барам,
Нози ту тоҷи сарам.
Дарди дилатро бигӯ,
Ҳозираму чокарам.

Ба амри ту тайёрам,
Баномусу баорам.
Хоҳишатро бифармо,
Муҳиматро барорам.

*Шаҳри Бухоро, 25 октябри соли 2020*

## ТАҚДИР

Мову ту боҳам шавем,
Як шавему ҷамъ шавем.
Танҳоӣ маҳкум ба марг,
Хушҳолу беғам шавем.

Ҷудоӣ ҳаргиз мабод,
Меҳр бувад умрбод.
Ошиқу маъшуқ шавем,
Умр равон ҳамчу бод.

Орзуи мо чунин буд,
Мақсади мо ҳамин буд.
Ба он рӯзҳо расидем,
Тақдири мо ҳамин буд.

Зиндагӣ пурнур шавад,
Ғаму ғусса дур шавад.
Гул кунад бахти накӯ,
Ба дӯстон манзур шавад.

*Шаҳри Бухоро, 26 октябри соли 2020*

## ҶОНИ МАНӢ

Ёри ҷонони манӣ,
Бахти хандони манӣ.
Аҳду паймони манӣ,
Ҷавҳари ҷони манӣ.

Нури чашмони манӣ,
Сару сомони манӣ,
Гули хандони манӣ.
Шамси осмони манӣ.

Қуввати ҷони манӣ,
Яъне, дармони манӣ.
Шаҳу султони манӣ,
Мисру Канъони манӣ.

Боғу бӯстони манӣ,
Гули райҳони манӣ.
Зеби айвони манӣ,
Наҷми кайҳони манӣ

*Шаҳри Бухоро, 10 феврали соли 2021*

## ЭЙ ЁРИ ДИЛНАВОЗАМ

Эй нози нози нозам,
Эй ёри дилнавозам!
Охир, туӣ баҳорам,
Оҳанги чангу созам.

Эй дилбари париваш,
Ту – ҳусни рӯзгорам.
Эй нозанини дилкаш,
Туӣ гули баҳорам.

Бе ту дилам яхистон,
Фаслест чун зимистон.
Бо ту чаман пур аз файз,
Бо ту ҷаҳон гулистон.

Эй нози нози нозам,
Эй ёри дилнавозам!
Охир, ту баҳорам,
Оҳанги чангу созам.

## ТУ ДАР КУҶОӢ?

Эй нигори маҳлиқо,
                    ту дар куҷоӣ, дар куҷо?
Эй нигори хушлиқо,
                    бас камнамоӣ, камнамо.
Ташнаи дидори ту
                    бас беқарору беқарор,
Эй нигори дилрабо,
                    ман аз ту, ту аз ман ҷудо.
Ман зи ҳаҷрат хастаам,
                    бо ёди ту пайвастаам,
Шод кун бо васли худ,
                    бар дарди ман бахшо даво!

## ДИЛБАРАМ

Аз нигоҳат шӯъла борад бар сарам,
Сирри қалбу ишқи ту бо худ барам.
Дил бихоҳад бо ту бошам доимо,
Меҳри ту дар дил парастам, дилбарам.

Бахти ту болида гардад, дилбарам,
Қалби ту осуда гардад, дилбарам.
Мекунам аҳду вафо, ҷонам фидо,
Ҷойи ту дар дида гардад, дилбарам.

Ман, ки қадратро бидонам, дилбарам,
Шеъри худро бар ту хонам, дилбарам.
Ман бидонам ҳоли аҳволи туро,
Дар хаёлат хона монам, дилбарам.

То ки бошӣ тоҷи сар, эй дилбарам,
То ки бошӣ доимо ту дар барам,
Пандҳои ошиқатро гӯш кун,
То бигардӣ бонуи бому дарам.

Сар бимонам пеши поят, дилбарам,
Дар даруни сина ҷоят, дилбарам.
Ман бидонам қадрат аз рӯзи нахуст,
Ёдам ояд ваъдаҳоят, дилбарам!

Мешавам ман хоки поят, дилбарам,
Мешавам обу адоят, дилбарам.
Обрӯи хешро аз каф мадеҳ,
То бимирам дар вафоят, дилбарам.

## ДУОИ ОШИҚ

Эй дилбари хушрӯи ман,
Маликаи дилҷӯи ман!
Хуршеди хонадонӣ ту,
Эй гули нозбӯи ман!

Ба ҳусни ту дил бастам,
Ба меҳри ту пайвастам.
Бо ёди ту зиндаам,
Ту ҳастиву ман ҳастам.

Эй дилбари хушрӯи ман,
Моҳи камонабрӯи ман!
Ҳаргиз набинӣ дарду ғам,
Шаҳбонуи дилҷӯи ман!

## ИНТИЗОРӢ

Шир-шири об меояд,
Ба дида хоб меояд.
Дар сари рӯди пуроб,
Дилбар об меояд.

Баҳраш суруд бихонам,
Дили ӯро биёбам.
Дӯст дорам аз дилу ҷон,
Лолам, вале чӣ зорам?

Гар созад ӯ ишорат,
Гар тир ҳам биборад,
Тозам ба сар ба сӯяш,
Дил ғайри вай чӣ дорад?

Дар роҳаш интизорам,
Дӯзам ду чашми чорам.
Бо ёди он париваш
Чун андалеб фигорам.

*Шаҳри Бухоро, 20 декабри соли 2021*

## МАРҲАМИ ҶОН

Ба тан ҷони равон ҳастӣ, азизам,
Ту ҳастӣ ёри ҷони ботамизам.
Барои ту зи баҳри ҷон гузаштам,
Бароят бо ҷаҳоне меситезам.

Ба васфат шеъраке иншо намудам,
Бақои ишқи ту санҷида дидам.
Хаёлан бу ту кардам сайри офоқ,
Садои қалби бедорат шунидам.

Ту қалби бемадорамро нигаҳбон,
Ба ҷойи хастааш ту марҳаме мон.
Ту ҳастӣ ғамбарору ғамгусорам,
Туро ранҷондаму гаштам пушаймон.

Ба мӯят мезанӣ ҳар субҳ шона,
Ки рӯзе мерасад торе намонад.
Чунин бошад равиши зиндагонӣ,
Асад гуфто ғазал аз мо нишона.

## БЕҚАРОР

Қалби покам беқарор аст, беқарор,
Чун насими форами фасли баҳор.
Мисли булбул ошиқи гул гаштааст,
Чашми ҷодуяш базебу шӯълабор.

Ошиқам бар духтари ойинадор,
Ё ба чашмони сиёҳи сурмадор.
Ҳусни худро обу тобе додааст,
Ҷон диҳам бар духтари овозадор.

Рӯзу шабҳо ёди ҷонон мекунам,
Дар фироқаш сина бирён мекунам.
Вай дарояд бори дигар аз дарам,
Хидматашро аз дилу ҷон мекунам.

## РИШТАИ ҶОН

Тори мӯят риштаи ҷони ман аст,
Ранги рӯят нури чашмони ман аст.
Ту марав аз гулшани уммеди ман,
Ишқи ту ҳам дарду дармони ман аст.

Ҷилваҳоят ҷилваи оби равон,
Абрувонат нақшаи рангинкамон.
Ҳусни ту сармояи ишқи ман аст,
Илтифотат бар танам пайванди ҷон.

Дар хаёлам рӯйи ҳамчун моҳи ту,
Дар раҳи аҳду вафо ҳамроҳи ту.
Бар ту додам қалби худ, бедил манам,
Раҳм созӣ, сар фидои роҳи ту.

Дилбаро, эй моҳтоби осмон,
Бонуи зеботарини ин ҷаҳон.
Моли дунё сарфи тӯят мекунам,
Гар диҳӣ як бӯса аз кунҷи даҳон.

## АЗ ПАРӢ ЗЕБОТАРӢ

Дар хаёлам бо ту дорам гуфтугӯ,
Ҳар куое аз ту дорам ҷустуҷӯ.
Зери абре мисли маҳ пинҳон шудӣ,
Оламеро менамоям пурсуҷӯ.

Эй гули раънои ман, зебои ман,
Дилбари ширинсухан, барнои ман!
Гар набинам як даме дидори ту,
Тору тира мешавад дунёи ман.

Ҷони ман, эй ҷони ман, эй ҷони ман,
Эй нигори нозанин, ҷонони ман!
Бе ту ман ҳаргиз надорам эътибор,
Булбулат ман, эй гули хандони ман.

Ҳар куҷое, ки равӣ, ман мебарам,
Қиссаву афсонаву шеъри тарам.
Бо ту барҷо бахту тахти зиндагӣ,
Тоҷи сарро гавҳарӣ, эй дилбарам.

Ман надидам мисли ту зебо парӣ,
Дар миёни дилбарон ту сарварӣ.
Назди ту қадре надорад одамӣ,
Зеҳн монам, аз парӣ зеботарӣ!

## АЗ ДАР ДАРО

Бе ту бошад торикистон манзилам
Ях бибандад мисли дарёҳо дилам.
Гӯӣ, дунё баҳри ман бегона аст,
Кас надонад дар кучо хоку гилам?

Эй санам, ин нози бозорат бикушт,
Дар баҳорон сайри гулзорат бикушт.
Дида ҳуснат ғунчаҳо хандон шуданд,
Лафзи ширин, тарзи гуфторат бикушт.

Эй бути нозукадои ман, биё,
Шоми торики маро гашта зиё.
Манзили ман торикистон гаштааст,
Мисли моҳи чордаҳ аз дар даро.

# ТАБИАТИ ВАТАН



*Наврӯзи оламафрӯз,*
*Ба мулки мо дида дӯз!*
*Ҳусни ҷаҳон дар инҷо,*
*Обу хокаш тӯтиё!*

## СОЛИ НАВ

Бин, ту иди Соли нав дар мезанад,
Савту созам сар ба ахтар мезанад.
Шоду масрур аст ҳар як марду зан,
Савти дилро рӯи дафтар мезанад.

Савту созаш гӯши мо кар мекунад,
Дилбаре рақси наве сар мекунад.
Меравад арғушт яксар кӯҳу дашт,
Ҷилваҳои тозаву тар мекунад.

Арча бошад қандили ҳар хонадон,
Пиру барно ҷамъ гашта гирди он.
Мекунанд хурсандиҳо дар Соли нав,
Мерасад созу суруд бар осмон.

Барфбобо рамзи базми Соли нав,
Халта дар кифту кулоҳаш наппанав.
Дар ҳузури кӯдакони интизор,
Мерасад аз дур, ҷонаш дар гарав.

Беҳтарин меҳмони мо шуд Соли нав,
Ҷисми моро ҷони мо шуд Соли нав.
Дида аз файзаш бишуд пурнуртар,
Оварад бар халқи мо иқболи нав.

## КАРОМАТИ ТАБИАТ

Парчаи абри сиёҳ,
Дилаш пури муддао,

Аз тарафи биёбон
Омад ба сӯйи осмон.

Бо ҷидду ҷаҳди ҷонаш,
Бо кафҳои дастонаш

Чашми хуршедро бубаст,
Шасти баҳорро шикаст.

Қалби осмон пурғам шуд,
Чашмони ӯ пурнам шуд.

Якбора гиря сар кард,
Рӯйи Заминро тар кард.

Лолаҳо хандон шуданд,
Боғҳо шукуфон шуданд.

Рӯдҳо ғазалхон шуданд,
Одамон шодмон шуданд.

Аз гиряҳои осмон,
Аз ашки сӯзони он,

Суди зиёда диданд,
Хурсандиҳо намуданд.

*Шаҳри Бухоро, 28 декабри соли 1976*

## ПАЙКИ БАҲОР

Рӯзу шабҳо гашта будем интизор,
То расад бар мо паёми Навбаҳор.

Бори дигар зода гардид оламе,
Гарчӣ бошад умри он ҳам як даме.

Мерасад боди сабо аз роҳи дур,
Бо садои мурғакон гардида ҷӯр.

Чашми Меҳр он қадр ҳам пурнур шуд,
Бо садои мурғакон пурзӯр шуд.

Сабзаву себарга рӯйид аз замин,
Дашту ҳомун чун арӯси нозанин.

Боғҳо чун сарбасар гул кардаанд,
Ақлу ҳуши ошиқонро бурдаанд.

Мо, ки ҳастем ошиқи фасли баҳор,
Роҳ бигрифтем сӯйи кӯҳсор.

## НАВРӮЗИ ГУЛРЕЗ

Раққоса навбаҳорон
Бо савту сози борон.
Саҳро бубин, чӣ зебост,
Бо ҳусни лолазорон.

Ошиқ, ки роз гӯяд,
Бо сад гудоз гӯяд.
Рози баҳори дилро
Бо савту соз гӯяд.

Дар боғ лола рӯяд,
Булбул тарона гӯяд.
Себарга дар лаби ҷӯй
Бо мавҷ чеҳра шӯяд.

Аз хандаи хуши гул
Шайдову маст булбул.
Рақсон зи бод гулшан,
Райҳону ёсу сунбул.

Бо лафзи дӯстдорон,
Бо савти обшорон,
Дунё тарона хонад
Аз ишқу аз баҳорон.

*Шаҳри Бухоро, 20 феврали соли 1998*

## БАҲОРИ ПУРФАЙЗ

Аз дами атрии борони баҳор
Гашта кӯҳу дашту саҳро лолазор.
Оби дарё кафк бар лаб мезанад,
Дар бараш мурғони обӣ бешумор.

Марди деҳқон сӯйи саҳро шуд равон,
Мазраъи худ нарм созад бо машин.
Дасту остин барзананд мардони кор,
То намоянд олами кӯҳан ҷавон.

Дона пошад бар замин деҳқон ба меҳр,
Бо умеди чашми сери одамон.
Мешавад пурфайз дастархони мо,
Ҷойи ҷашну сур гардад хонадон.

*Шаҳри Бухоро, 13 майи соли 1998*

## МУЛКИ ДИЛРАБО

Наврӯзи оламафрӯз,
Ба мулки мо дида дӯз!

Ҳусни ҷаҳон дар инҷо,
Обу хокаш тӯтиё!

Ҳамаро мафтун кунад,
Хирадро афсун кунад.

Осмонаш тозаву соф,
Кӯҳаш балантар аз Қоф.

Ҳавои тоза дорад,
Ба ҷисму ҷон мефорад.

Обҳои чашмаи он,
Бар дарди ҳама дармон.

Замини сабзазораш,
Кӯҳҳои нуқраборaш,

Дилкашу дилрабоянд,
Сарвати бебаҳоянд.

Олами зебоӣ аст,
Махзани дороӣ аст.

## ОҒОЗИ БАҲОР

Аз ҳавои нарми борони баҳор,
Гашта дашту кӯҳу саҳро лолазор.
Оби дарё кафк бар лаб мезанад,
Дар бараш мурғони обӣ бешумор.

Марди деҳқон сӯйи саҳро шуд равон,
Марзи худро нарм созад бо гавон.
Остинҳо барзада мардони кор,
То бисозанд олами кӯҳан ҷавон.

Дона пошад бар замини киштзор,
Бо умеди чашми сери одамон.
Мешавад пурфайз дастурхони мо,
Шодмон гардида аҳли хонадон.

*Шаҳри Бухоро, 17 июли соли 2001*

## НАВРӮЗАКИ ГУЛРЕЗОН

Раққоса навбаҳорон,
Аз савту сози борон.
Саҳро, бубин, чӣ зебо,
Мисли файзи гулзорон.

Наврӯзаки гулрезон,
Наврӯзаки гулбезон!

Ошиқ, ки роз гӯяд,
Бо сад гудоз гӯяд.
Рози баҳори дилро,
Бо савту соз гӯяд.

Наврӯзаки гулрезон,
Наврӯзаки гулбезон!

Дар боғ лола рӯяд,
Булбул тарона гӯяд.
Себарга дар лаби ҷӯй
Бо мавҷ чеҳра шӯяд.

Наврӯзаки гулрезон,
Наврӯзаки гулбезон!

Аз хандаи хуши гул
Шайдою маст булбул.
Рақсон зи бод гулшан,
Райҳону ёсу сунбул.

Наврӯзаки гулрезон,
Наврӯзаки гулбезон!

Бо лафзи дӯстдорон,
Бо лаҳни обшорон,

Дунё тарона хонад
Аз ишқу аз баҳорон.

Наврӯзаки гулрезон,
Наврӯзаки гулбезон!

*Шаҳри Бухоро, 14 марти соли 2001*

## ШИКОРЧИЁН

Дарёву кӯлҳои мо
Дараву кӯҳу паҳно,

Хазинаи сарватанд,
Барои мо неъматанд.

Ба тӯри моҳидорон
Ба шасти навҷавонон

Сад гуна моҳӣ афтад,
Зебо гулмоҳӣ афтад.

Шикорчиёни моҳир
Аз пайи оҳу пайгир.

Ҳайвонҳои гуногун
Аз зарби тир сарнагун.

Парандагони бисёр,
Омада баҳри шикор –

Куҷо гардӣ ту бекор?
Чизе хоҳӣ, ҳамон дор!

Шикор ҳам истироҳат,
Ба ҷисму ҷон чӣ роҳат!

Рӯҳат осуда гардад,
Хотир болида гардад.

*Шаҳри Бухоро, 13 октябри соли 2004*

## ХАЗИНА

Пахта шукуфтаст,
Чун гули садбарг.
Сап-сафед чун барф,
Дурахшад чун барқ.

Саҳро гулистон,
Чун Каҳкашон аст.
Чинакчӣ чаққон,
Бин, қаҳрамон аст.

Аз ганҷи деҳқон,
Хазина пурбор.
Аз меҳнати он
Ҳама миннатдор.

*Шаҳри Бухоро, 18 сентябри соли 2004*

## ОМАД БАҲОРОН

Шабона борид
Борони гулкор,
Насиме вазид
Аз сӯйи кӯҳсор.

Чашми рӯз кафид,
Баромад офтоб.
Замину осмон
Бигардид пуртоб.

Омад баҳорон
Бо боду борон.
Дилро навозад
Хуршеди тобон.

Чашмаҳо дар ҷӯш,
Рӯдҳо пурхурӯш.
Суруди обшор
Мерасад бар гӯш.

Ҳаво мусаффо
Чун обаки соф.
Шохи дарахтон
Чун мӯйи навбоф.

Ба чашм намудор
Олами зинда.
Чӣ шоду масрур
Одами зинда.

Ғунчаи орзӯ
Кушода гардид.
Қалби асирам
Озода гардид.

Бар кӯҳу кӯтал
Сабза дамида.
Мавсими коштан
Фаро расида.

Наврӯзи олам
Меҳмони мо шуд.
Ҷашни Соли нав
Дармони мо шуд.

Омад баҳорон
Бо боду борон.
Дилро навозад
Хуршеди тобон.

*Шаҳри Бухоро, 25 феврали соли 2006*

## ТӮЙИ ЗАМИН

Борони реза борид,
Ба ҷисми мо бифорид.

Обу ҳаво гарм шудаст,
Хоки замин нарм шудаст.

Турна қатор омадаст,
Фасли баҳор омадаст.

Рӯзи хуши саъид аст,
Даврони гул расидаст.

Рӯйи Замин тар шудаст,
Тӯйи Замин сар шудаст.

*Шаҳри Бухоро, 10 марти соли 2006*

## ИДИ БАҲОР

Оё ҳастед бохабар,
Аз ҷаҳони баҳру бар?

Муғчаҳои рӯкушод,
Аз баҳори наве ёд.

Раҳ сӯйи саҳро гиред,
Раҳ сӯйи дарё гиред.

Ҳар лаҳзае ғанимат,
Тамошои табиат.

Хандаи фасли баҳор,
Доруи қалби баҳор.

Булбули гӯё шавед,
Ошиқи шайдо шавед.

Фурсати мо як даме,
Умри мо бошад каме.

Табъи худро шод кунед,
Зиндагӣ обод кунед.

Баҳори нав муборак,
Ҷаҳони нав муборак!

Муборак рӯзи фирӯз,
Муборак Иди Наврӯз!

*Шаҳри Бухоро, 30 феврали соли 2007*

## АРЗИ МАН

Эй абри даргузар,
Эй абри дарбадар!

Дорӣ куҷо шитоб,
Бо машки пур зи об?

Дар фасли навбаҳор,
Ҳангоми киштукор,

Дар роҳат интизор
Деҳқони тозакор.

Арзи маро шунав:
Борони файз шав!

Бар ин замин бибор,
Ҳосил ба мо биёр!

Шӯем дасту рӯ,
Гулро намуда бӯ.

Эй абри даргузар,
Эй абри дар сафар!

Бар ин замин бибор,
Бар мо тароват ор!

*Шаҳри Бухоро, 22 феврали соли 2010*

## ФАЙЗИ БАҲОРОН

Осмон чӣ ғаме дорад?
Пайваста борон борад!

Ҳаво даму замин нам,
Ба ҷисми сабза марҳам.

Дар дашту кӯҳу саҳро,
Мавҷи лола пурҷило.

Насими тоза вазад,
Шукуфаҳо бирезад.

Навои чашма баланд,
Дар баҳори дилписанд.

Чаҳ-чаҳи булбул ояд,
Аз шохаи гул ояд.

Аз авҷи сели борон,
Аз файзи навбаҳорон

Дарё шуда пурхурӯш,
Монанди қалби дар ҷӯш.

*Шаҳри Бухоро, 27 феврали соли 2010*

## ТӮҲФА БА МЕҲРГОН

Фасли киштукор омад,
Даври хушгувор омад.

Соли пахтакор омад,
Соли ғаллакор омад.

Замин кони пахта шуд,
Замин кони ғалла шуд.

Ҳосил фаровон гардид,
Сол-соли деҳқон гардид.

Боғҳо пури неъматанд,
Дарахтон пурҳимматанд.

Нақшаҳо ичро гаштанд,
Одамон доро гаштанд.

Соли куҳан адо шуд,
Шеъраки мо баҳо шуд.

Дар таърих ҷо ба ҷо шуд,
Донед, шумо чиҳо шуд?

## МӮЪҶИЗАИ НАВРӮЗӢ

Омад Наврӯзи олам,
Ба бахти насли одам.

Ҷаҳони нав зода шуд,
Обу ҳаво тоза шуд.

Сабзаву гул фаровон,
Дар кӯҳу дашту ёбон.

Чароғи лола хандон,
Гардида зеби ҷаҳон.

Файзи боғҳо зиёда,
Тамошо кун пиёда.

Чаҳ-чаҳи булбул ояд,
Ғаму ғусса наояд.

Шӯриши дарёро бин,
Даме дар соҳил нишин.

Мурғобиҳо дар шино,
Дар сайди моҳӣ усто.

Табиат зинда гардид,
Онро ба чашми сар дид.

Мӯъҷизаҳо офарад,
Ақлу ҳушро бубарад.

Шарофати Наврӯз аст,
Кароматі Наврӯз аст.

*Шаҳри Бухоро, 28 феврали соли 2010*

## ИДИ ҶАҲОНӢ

Наврӯзи дилҳо, биё,
Наврӯзи гулҳо, биё!

Наврӯзи зебо, биё!
Наврӯзи барно, биё!

Дар раҳат интизорем,
Гулҳои тоза корем.

Хонаро мебарорем,
Ҳама ҷо тоза дорем.

Боду ҳаво мӯътадил,
Тоза зи ғам гашта дил.

Иди ту таҷлил кунем,
Он чӣ ки ҳосил кунем.

Иди ҷаҳонӣ гардад,
Иди маъонӣ гардад.

Ҳамаро табрик кунем,
Ҳарфи худ тасдиқ кунем.

## БАҲОРИ ДЕҲҚОН

Наврӯзи Аҷам омад,
Ёди Ҷоми Ҷам омад.

Булбул ба чаман омад,
Оҳуи Хутан омад.

Ёрам ба ҳарам омад,
Бо лутфу карам омад.

Борони ҳамал омад,
Даврони амал омад.

Олам боғу бӯстон шуд,
Маҷмӯъаи дӯстон шуд.

Занбӯри асал омад,
Алтофи азал омад.

Бин, иди баҳор омад,
Деҳқон сари кор омад.

*Шаҳри Бухоро, 3 марти соли 2010*

## ТАМОШО

Дар рангу бӯйи бӯстон,
Дар гулҳои гулистон,

Дар сози чашмасорон,
Дар лаҳзаҳои борон

Дарахтон гулдастаанд,
Рӯмол ба сар бастаанд,

Ҳусни диёр гаштаанд,
Зеби баҳор гаштаанд.

Бинед фасли баҳорро,
Дидаҳои хуморро.

Дарёҳо исён кунанд,
Мушкилҳо осон кунанд.

Саҳро гулистон кунанд,
Хидмати инсон кунанд.

Дар фасли хуши баҳор,
Ҳама ҷо майдони кор.

Ғаллакору пахтакор,
Пешсафони киштукор.

Бинед фасли баҳорро,
Дидаҳои хуморро.

*Шаҳри Бухоро, 4 марти соли 2010*

## ОБИ РАҲМАТ

Бороне реза борид,
Дар замин тухмӣ корид.
Аз тораҳои мӯяш
Ришта-ришта бишорид.

Чу донаҳои гавҳар
Дар чашми мо менамуд.
Наботот шуста рӯро
Боз ҳам мешуд хушнамуд.

Дар навдаи дарахтон
Шаддаи марҷон шуданд.
Даме офтоб баромад,
Шамъҳои тобон шуданд.

Табиат дар нумӯъ шуд,
Аз файзи моҳи Ҳамал.
Ба мову ту аён шуд
Киштаҳои пурамал.

Баҳори хуррам омад,
Дамҳои беғам омад.
Наврӯзи олам омад,
Қалби мо бо ҳам омад.

*Шаҳри Бухоро, 5 марти соли 2010*

## НАВРӮЗИ ҶОНОНА

Борони реза борид,
Дар замин сабза корид.
Аз ташрифи баҳорон,
Ба моён мужда орад.

Хониши булбул омад,
Бӯйи хуши гул омад.
Наврӯзи навбаҳорон
Бо гулу сунбул омад.

Ассалому ассалом!
Дастурхон пури таъом!
Меҳмони бисёр омад,
Базми мо дорад давом.

Косагули базми мо,
Дастпарвари назми мо
Шоири хушгӯе буд,
Хун давид дар бабзи мо.

Ҳамаро табрик гуфтем,
Табиат нозук, гуфтем.
Зимистон пушти сар шуд,
Тобистон наздик, гуфтем.

Сӯҳбати идона шуд,
Дар даруни хона шуд.
Шодии мо ҳад надошт,
Наврӯзи ҷонона шуд.

## АРЗИ ВАФО

Гулнозаву Дилноза
Ҳолиберо андоза.

Модару духтар ҳастанд,
Риштаи меҳр бастанд.

Бо забони ширинаш,
Ҳанду асал баринаш,

Дар васфи модари худ,
Ба ҷону ҷигари худ

Шеъру тарона хонад,
Бисёр чизро бидонад.

Модар аз ӯ миннатдор,
Аз аҳволаш хабардор.

Доим дуъо мекунад,
Арзи вафо мекунад.

Садсола шав, духтарам,
Доимо бош дар барам.

## АВВАЛИ БАҲОР

Трактори додоям,
Вар-вари вар мекунад.

Заминро ронда-ронда
Ҳалвои тар мекунад.

Деҳқони толеъбаланд,
Ба кишт сар мекунад.

Заминро пухта-сохта
Чун кони зар мекунад.

## СУРУДИ НАВРӮЗӢ

Шикаста санги хоро,
Кушода чашм ба дунё,
Гулу сабза баромад
Чӣ дилкашу дилрабо.

Нури хуршед ҷилвагар,
Ранги замин шуд дигар.
Аз ҳусни боғу роғҳо
Олам бишуд мунаввар.

Навои булбул омад,
Ҳам бӯйи сунбул омад.
Барои пиру барно
Иди хуши гул омад.

Суфраи ид кушода,
Ризқи худойдода,
Барои хешу дарвеш
Нозу неъмат зиёда.

Наврӯз ҷаҳонӣ гаштаст,
Иди замонӣ гаштаст.
Барои мову шумо
Суннати ҷонӣ гаштаст.

*Шаҳри Бухоро, 13 марти соли 2019*

## ҶАШНИ НАВРӮЗ МУБОРАК!

Офтоби пурсӯз омад,
Бин, иди Наврӯз омад.

Табиат зинда гардид,
Инсон фархунда гардид.

Боғбон ба ёрӣ омад,
Вақти гулкорӣ омад.

Баҳ-баҳ! Бӯйи гул омад,
Хониши булбул омад.

Боиси хурсандӣ шуд,
Лашкари ғам банда шуд.

Ҷаҳон пур аз шодӣ шуд,
Ба ҳама озодӣ шуд.

Иди фирӯз муборак!
Ҷашни Наврӯз муборак!

## ФАСЛИ ФАЙЗРЕЗ

Тирамоҳи заррин аст,
Меваҳояш ширин аст.

Ғизои беҳтарин аст,
Қанду асал барин аст.

Тамошояш хушоянд,
Иштиҳо мекушоянд.

Обу ҳаво тоза аст,
Боғу роғ озода аст.

Биёед, мева чинем,
Дар гӯшае нишинем.

Ҳамроҳи боғбон шавем,
Чанд рӯзе меҳмон шавем.

Бозор фаровон шавад,
Нархи мол арзон шавад.

*Шаҳри Бухоро, 23 октябри соли 2021*

# ГУЛЧИН
# АЗ КИТОБҲОИ ПЕШИН

*(Бо таҳрири нав)*



*Кистам ман?*
*Асад Гулзодаи Бухороӣ!*
*На шаҳрию*
*На саҳроӣ.*
*Ба суоли “Куҷоӣ?”*
*Посухам:*
*Ҳаминҷоӣ!*

## ДОҒИ ҶАНГ

Ман садои тиру тӯпи ҷангро
Дар вуҷуди Модарам бишнидаам.
Даҳшати хунини онро баъдтар
Дар тани ҳамшаҳриёнам дидаам.

Ман азоби ҷангро бас дидаам
Дар азоби роҳгардии Падар.
Дар ду чашми равшане, ки кӯр шуд
Аз алам дар интизории писар.

Дидаам чанголи хунрези варо
Дар тани ғалбери марди мӯсафед.
Дар сари ларзону рӯйи зарди ӯ
Дар забони лоли марди мӯсафед.

Ман азоби ҷангро бишнидаам
Аз забони гушнаҳои соли ҷанг.
Аз деҳоту хонаҳои сӯхта,
Аз замини гаштаи помоли ҷанг.

Гарчӣ бишнидам садои тири он
Як замон андар вуҷуди Модарам.
То ба ҳоло ҳамраҳи Халқу Ватан
Бигзарад ранҷу азобаш аз сарам.

*Шаҳри Бухоро, 23 феврали  соли 1970*

## ТАХТИ МАН

Шаҳри ман,
Аҳди ману паймони ман,
Шаҳри ман,
Дарди ману дармони ман!
Остони ормонҳои басо ранҷури ман,
Ошёни ормонҳои басо ҳам дури ман!

Гар манам авлоди Сомон,
Дар замину дар замон.
Тахти ман, барҷо ту будӣ,
Бахти ман, барҷо ту будӣ!
Хуб донам сарнавишту саргузашти ҳар замон,
Аз ниёгон баҳри мо мондӣ нишон,
Зебо макон!

Эй Бухоро,
Эй Бухоро!
Буд баҳри мо муқаддас гарду хоки поки ту,
Баҳри мо чун нӯшдору буд обу хоки ту.
Ҷонамози бибию бобои ман
Маккаи додои ман,
Қиблаи Зардушти ман!
Рӯйи хокат нақши пойи аспи Искандар бимонд,
Насли покат лашкари Юнон биронд,
Лолагун шуд хоки ту,
Синаи аз ханҷари аъдо бигашта чоки ту.
Сарбаланд омад валекин лашкари бебоки ту,
Шуд забун ҳар душмани нопоки ту.

“Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме...”
Боз шоҳе дигар омад,
Боз фавҷи лашкар омад.
Бар сарат шамшер ҳар барбар кашид,
Ҳам муғул бо дабдаба сӯят давид,
Инчунин офат касе ҳаргиз надид.

Кам нашуд аммо ғиреви барбарӣ,
Қатлу забту банду зулму шеваи ғоратгарӣ...

Эй Бухоро,
Эй Бухоро!
Гарчи ту бисёр пирӣ,
Пири ботадбирӣ ту.
Мисли ман ҳастӣ ҷавон,
Боз ҳам имрӯз оламгирӣ ту.
Рӯзи сахти ту гузашт,
Душмани бадбахти ту ҳаргиз нагашт.
Ҷисми ӯро дард бигрифт,
Кунҷи қабри сард бигрифт...
Растагорӣ ёфтӣ,
Эй шаҳри ман,
Аз балою аз қазо,
Дасту поятро кушо,
Қомататро рост кун,
Рустами дастон бишав!
Мисли баҳри беканору беҳудуд,
Мавҷ зан, тӯфон бишав!
То шиносанд
Қадри ту дар ин ҷаҳон,
То бигиранд
Номи некат бар забон,
Бо таҳаввул,
Бо таҷаддуд,
Бо такомул,
Бо таҷаммул
Мавҷ зан, таҷдид шав, таҷдид шав!
Мавҷ зан, бори дигар эҳё бишав, тавлид шав!

Эй Бухоро,
Эй Бухоро!
Зиндаву поянда мон,
Ҷовидонӣ
Зинда мону зинда мону зинда мон!

*Шаҳри Бухоро, соли 1991*

## ХАРГӮШАКИ ХАБАРКАШ

(Тамсил)

Гӯши дароз дорӣ,
Поҳои тоз дорӣ.

Мешунавӣ ҳар садо,
Ҳар сиру асрори мо.

Ҳар гапи моро гӯӣ,
Баҳонаҳо меҷӯӣ.

Хабаркашӣ мекунӣ,
Моёнро бад мебинӣ.

Миёни дӯсту душман,
Суханчини "фурӯтан".

Офати бӯстон ҳастӣ,
Оташи сӯзон ҳастӣ.

Харгӯшаки хабаркаш,
Пӯстини худро бикаш.

Шағолу гургу рӯбоҳ,
Аз ту шуда рӯсиёҳ.

Танбеҳи шер гирифтанд,
Ба кас чизе нагуфтанд.

Бояд, ки эй нотавон,
Беманзилу бемакон,

Сухан дониста гӯӣ,
Баҳонаҳо маҷӯӣ.

Харгӯшаки хабаркаш,
Магӯ гапи бебаркаш.

*Шаҳри Бухоро, 10 майи соли 1998*

## БАҲОРИ ТУ, БУХОРО!

Садои раъд баланд шуд,
Ғами дай решакан шуд.

Омад баҳори хуррам
Борон борад дамодам.

Баҳори ту нозанин,
Арӯси болонишин.

Ҳаво софу беғубор,
Боғҳо сабзу фусункор.

Шаҳрӯдаш гирдоб кунад,
Ҳамаро шодоб кунад.

Ба боғу роғҳои нав,
Аз лӯлаҳои обрав,

Файзи баҳорон ҷорӣ,
Бо муждаи баҳорӣ.

Беду ғуҷум ҷодорӣ,
Чу сарбози қаторӣ.

Дар як хат саф бастаанд,
Роҳи шамол бастаанд.

Сар ба фалак судаанд,
Дар само осудаанд.

Гӯё, ки соябонанд,
Чӣ пиранду ҷавонанд.

Хидмат ба мо намоянд,
Ба мардум ҷонфидоянд.

Бухоро дар баҳорон,
Дар зери лолаборон.

Борони реза борад,
Ба рустанӣ бифорад.

Форам-форам биборад,
Ҳикмати бисёр дорад.

Пур шавад рӯду ҷӯбор,
Аз ашки абри баҳор.

Бихандад хуршеди рӯз,
Замин гардида пурсӯз

Қолини сабза бофад,
Гулҳояш ранга тобад.

Даруни боғу роғҳо,
Намудор шабчароғҳо.

Биноҳо қатор-қатор,
Гумбазҳо пур аз нигор.

Манораҳои баланд,
Ёдгоре бас дилписанд.

Гумбазҳои каб-кабуд,
Монанди оби Шаҳрӯд.

Тарҳи мушак-рангоранг
Сайёҳон гашта гаранг.

Ин гулҳои рӯйи санг
Кай бикоҳанд аз худ ранг?

Гулзору сабзазорон,
Монда ба оби борон,

Сару рӯро шустаанд,
Покизагӣ ҷустаанд.

Насими тоза вазад,
Дил бидиҳӣ, месазад.

Бӯйи гулро мебезад,
Мушку абир мерезад.

Чӣ дилписанд Бухоро,
Дил ба ту банд, Бухоро!

Дар нек рӯзгорон,
Дар фасли навбаҳорон

Боғу роғи дилрабо
Фақат хоси Бухоро.

Ту ҳам бикун тамошо,
Фасли хуши Бухоро.

Гӯшаи ҷаннат аст он,
Бешубҳа, неъмат аст он.

Чӣ зебову дилрабо,
Баҳори ту, Бухоро!

*Шаҳри Бухоро, 12 марти соли 1999*

# КИСТАМ МАН?

*Парчае аз тарҷумаи ҳол*

Кистам ман?
Асад Гулзодаи Бухорӣ!
На шаҳрию
На саҳроӣ.
Ба суоли “Куҷоӣ?”
Посухам:
Ҳамин ҷоӣ!

Як марди пиронасару
Хирадманду
Соддаву оддӣ,
Тимсолаш пур аз шодӣ.
Аз ғам дурусту дур
Дидагонаш пурнур,
Заҳматкашу дардкаш,
Сӯҳбаташ басо дилкаш,
Гарму ҳамранги оташ.
Меҳнатдӯсту ҷафокаш,
Хушрафтору ҳазилкаш.
Бекинаву софдил,
Соҳиби хона, манзил.
Нишонаш ба оламу
Ба одам маълум:
Гузари Ҳавзи бодом
Панҷоҳу шаш.
Рақами дару дарвозааш
Ҳушёру худшинос,
Одаму оламшинос.
Орому осудаҳол
Поквиҷдон асту ҳалол.
Мардум дӯсташ медорад,
Феълаш ба ҳама форад.

Алам аз қалам гирад,
Қаламаш олам гирад.
Пуркору
Эҷодкор,
Пурдону
Созгор!
Меҳмоннавоз аст,
Дастурхонаш боз аст.
Чашму дилаш сер,
Ҳимматаш баланд бошад.
Ҷуръаташ на кам аз шер,
Ғайраташ баланд бошад.
Аз ситорааш нур борад,
Дар мазраъи дил
Базри дӯстӣ корад.
Дӯстонро мепарастад,
Ба паҳлӯяш мардона истад.
Хислати наҷибонааш ин аст:
Меҳрубони кӯдакон аст,
Посбони бачагон аст.
Бо ғами онҳо зиставу шеъру достон гуфтааст,
Бо меҳри онҳо зиндаву
Панду ҳикмат суфтааст.
Чанд китобаш тӯҳфае
Аз баҳри насли наврас аст.
Бар дигарон ҳам дастрас аст
То нагӯянд, ки бас аст?!
Боз гӯяд ӯ,
Соз гӯяд ӯ:
Гоҳе-гоҳе
Ёди пирон мекунам,
Хидмати онҳоро
Аз дилу ҷон мекунам.
Баҳрашон шеъру суруд эҷод мекунам,
Бо сурудҳои накӯ
Қалбашонро шод мекунам,
Зиндагӣ обод мекунам.

Аҳли оламро
Аз ғаму дарду алам озод мекунам...

Кори шоир бардавом аст, бардавом,
Ҷуръати ӯ нотамом аст, нотамом.
Ҳамқадам аст,
бо замон,
Бошад амон.
То бувад давру замон
Зинда бошад
Ӯ мудом!

*Шаҳри Бухоро, 18 январи соли 2001*

# НУРИ ХОНАДОН

Эй офати ҷон, эй роҳати ҷон,
Бонуи манзил, нури фурӯзон.

Ман кам надорам, як ғам надорам,
Бо ту азизам, хушбахту хандон.

Ишқи туро ман бо ҷон парастам,
Чун шоҳи ошиқ дар шоми ҳиҷрон.

Ҷони азизам бодо фидоят,
То зинда ҳастам, дар қалби ман мон.

Чун шамъи пурнур бо нури васлат
Бахшо фурӯғе дар шоми ҳиҷрон.

*Бухоро, 29 октябри соли 2011*

## КИШВАРИ ЗЕБОИ МАН

Бахту саодатам ту,
Тоат-ибодатам ту.
Розу ризоятам ту,
Шеъру ҳикоятам ту.
Кишвари зебои ман,
Мулки дилорои ман.

Ҳусни ту сад ҷаҳон аст,
Васфи ту дар забон аст.
Қиммати ту гарон аст,
Арзандаи замон аст.
Кишвари зебои ман,
Мулки дилорои ман.

Мероси Сомонам ту,
Ягона армонам ту.
Ҷисми маро ҷонам ту,
Бар сарам посбонам ту.
Кишвари зебои ман,
Мулки дилорои ман.

Ту модари зори ман,
Фахру ифтихори ман.
Беҳтарин ғамхори ман,
Дарахти пуроби ман.
Кишвари зебои ман,
Мулки дилорои ман.

Ман бо ту тоҷик астам,
Лоиқи таҳсин астам.
Ба ишқи ту дил бастам,
Аз ҳар бало бирастам.
Кишвари зебои ман,
Мулки дилорои ман.

Бе ту ман ҳеч кас астам,
Хушкида хор-хас астам.
Меҳрам садҳо қасам,
Ту ҳастӣ ҷон модарам.
Кишвари зебои ман,
Мулки дилорои ман.

*Ню-Йорк, 14 августи соли 2013*

## МЕҲРИ ПАДАР

*Ба Гулмуҳаммад Нурзода*

Эй Падар, аз кӯдакӣ дар мактаби ту хондаам,
Аз насиҳатҳои ту ганҷи фаровон бурдаам.
Дар танӯри ҳастият чун нони гарме пухтаам,
Рӯзгоре ҳам ба сар бо ту дурахшон бурдаам.

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар як турбати беҷисму ҷон.

Солҳо шуд коми ман аз фавти ту гардида заҳр,
Талхкомӣ медиҳад ҳар лаҳза ҷонамро азоб.
Ман надонам, роҳи умрам то куҷо дорад давом?
Мурғи дил афтода дар даште, ки поёнаш – сароб.

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар як турбати беҷисму ҷон.

Ман надонам, кай шавад ободу зебо манзилам?
Ваҳми марги ногаҳон торе танида дар дилам.
Кори ман охир надорад дар ҷаҳони бевафо,
Кай пазад дар оташи сӯзони ишқ обу гилам?

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар як турбати беҷисму ҷон.

Чун кунам, ки номи ту сарлавҳаи достон шавад,
Ҳайкалат аз санги мармар дар бари ёрон шавад.
Ман равам баҳри зиёрат, назди ту сар хам кунам,
Тахтасанги рӯйи қабрат қиблаи иймон шавад.

Ман туро пазмон шудам, рафтӣ Падар, аз ин ҷаҳон,
Монда дар мулки назар як турбати беҷисму ҷон.

## ДАР СИТОЙИШИ МОДАР

Зан!
Духтар асту хоҳар асту Модар аст,
Дилкаш асту дилбар асту сарвар аст.
Ифтихори одамӣ Зан будааст,
Ибтидои одамӣ Зан будааст.
Шоҳу султон назди у
Тифли нодон будааст,
Ё ба мисли гарди домон будааст.

Ишқи ӯро мисли ҷон парвардаем,
Номи ӯро бар забон мо бурдаем.
Чеҳраашро субҳдам чун офтобе дидаем,
Шом ҳамчун моҳтобе дидаем.

Лафзи ӯ ширин зи ҷон,
Қисмати ҳар як забон.
Мо ҳаловат аз забонаш бурдаем,
Ҳарфи ӯро ҳалқа бар гӯш кардаем.
Ишқи ӯро мо зи ҷон парвардаем,
Гоҳи нокомӣ басо ғам хӯрдаем.

Мурдаи садсоларо,
Бо муҳаббат зинда кард.
Пас ба ишқи хештан ӯ банда кард,
Ӯ банда кард!

Оғуши ӯ равзаҳои ҷаннат аст,
Ҷисму ҷонро роҳат аст.
Духтар асту Модар аст
Модар асту хоҳар аст.
Ҷони моро ҷавҳар аст,
Кони моро гавҳар аст.

## ДАР ИДИ МОДАР

Падарҷони ғамхорам,
Додои нозбардорам

Дар рӯзи Иди Модар
Шодмон даромад аз дар.

Ба дасташ борхалта буд,
Даҳонаш сахт баста буд.

Риштаашро зуд кушод,
Аз муждааш хабар дод:

Ба Модарам ду даста,
Тақдим намуд гулдаста.

Ба мо қанду қурс овард,
Аз халта худ баровард.

Барои Модаркалон
Ки дӯсташ дорад аз ҷон,

Як куртаи нав овард,
Ба Модараш ҳадя кард.

Бобом ҳам хушк намонданд,
Соҳиби соат гаштанд.

То вақтро хуб бидонанд,
Аз намоз дер намонанд.

Гӯё ки тӯёна шуд,
Ба ҳама идона шуд.

Иди хубе барпо шуд,
Пур аз шодӣ дунё шуд.

*Шаҳри Бухоро, 8 марти соли 2015*

## МИННАТДОРӢ

Узр, Модарҷон
Каме дер мондам.
Ба мӯсафеде
Ёрӣ расондам.

Дидам, ки дар роҳ
Машина бисёр,
Гузаштан аз он
Хело ҳам душвор.

Бобое оҷиз
Сарсону ҳайрон,
Халта ба китфаш
Кучоe равон.

Оҳистекак ман
Аз роҳ гузаштам,
Аз дасти бобо
Маҳкам бидоштам.

Аз рӯйи одоб
Додам саломаш,
Гуфтам: Бобоҷон
Бурда монамаш...

Ба он мӯсафед
Мадад расондам,
То дари хона
Бурда бимондам.

Раҳмат гуфт ба ман
Ба аҷдоди ман.
Ба падари ман,
Ба устоди ман.

## САМАРҚАНДУ БУХОРО

Ду нури дидагонам –
Самарқанду Бухоро.
Ҳам зӯру ҳам тавонам –
Самарқанду Бухоро.

Мероси рафтагонам –
Самарқанду Бухоро.
Аз рафтагон нишонам –
Самарқанду Бухоро.

Маскани суғдиёнам –
Самарқанду Бухоро.
Уммеди ду ҷаҳонам –
Самарқанду Бухоро.

Номатон дар забонам –
Самарқанду Бухоро.
Бе шумо нотавонам –
Самарқанду Бухоро.

Ду шаҳри дилписандам –
Самарқанду Бухоро.
Шерони сарбаландам –
Самарқанду Бухоро.

Дар оянда иишонам –
Самарқанду Бухоро.
Бо шумо зинда монам –
Самарқанду Бухоро.

Замини сарбадорон –
Самарқанду Бухоро.
Гаҳвораи далерон –
Самарқанду Бухоро.

Рашки Чину Рум шумо –
Самарқанду Бухоро.

Ду баҳри Қулзум шумо –
Самарқанду Бухоро.

Маскани илму ирфон –
Самарқанду Бухоро.
Маъвои хубрӯён –
Самарқанду Бухоро.

Ҳоло ки пуртавонед –
Самарқанду Бухоро.
Ба роҳи худ равонед –
Самарқанду Бухоро.

Ифтихори замонед –
Самарқанду Бухоро.
Гаҳвораи ҷаҳонед –
Самарқанду Бухоро.

Дар ин ҷаҳони фонӣ –
Самарқанду Бухоро.
Бародарони ҷонӣ –
Самарқанду Бухоро.

Ҳамеша бонишонед –
Самарқанду Бухоро.
То абад боқӣ монед –
Самарқанду Бухоро.

Ду гулистони олам –
Самарқанду Бухоро.
Ҷаннати кулли одам –
Самарқанду Бухоро.

Ду қутби ин заминед –
Самарқанду Бухоро.
Ба фикри ман аминед –
Самарқанду Бухоро.

*Шаҳри Бухоро, 24 марти соли 2015*

## МЕҲРАНГЕЗ

Лолои модар астӣ,
Дар бари ӯ бирастӣ,
Ба меҳри ӯ дил бастӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Садбарги бӯстонӣ ту,
Ҳусни гулистонӣ ту.
Ҷисми маро ҷонӣ ту,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Ду чашми шаҳло дорӣ,
Сурати зебо дорӣ,
Забони гӯё дорӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Бегонагӣ надонӣ,
Бо чеҳраи хандонӣ.
Ҳамаро дӯст донӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Шодии ҳамагонӣ,
То абад зинда монӣ.
Арзандаи замонӣ,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Падарро интизорӣ,
Падарро ифтихорӣ.
Ба ҷони худ дӯст дорӣ.

Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

Азизу дилбанди мо,
Беҳтарин фарзанди мо,
Ҳикмату ҳам панди мо,
Зебоякам Меҳрангез,
Абераам Меҳрангез.

*Шаҳри Бухоро, 1 сентябри соли 2015*

# ЭҲОДКОРИ ЗАБОНАМ

Эй халқи меҳрубонам,
Эҷодкори забонам.
Ҷисми маро ту ҷонам,
Ифтихори ҷаҳонам.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Сарвати ман ту ҳастӣ,
Давлати ман ту ҳастӣ.
Зинати ман ту ҳастӣ.
Шӯҳрати ман ту ҳастӣ.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Ту бошӣ, ман зиндаам,
Зиндаву пояндаам.
Бо лаби пурхандаам,
Чун шамси тобандаам.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Эътиборат баланд аст,
Мақомат бегазанд аст.
Шӯҳратат ҳам дучанд аст,
Хаёлам бар ту банд аст.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Забони дарбор будӣ,
Бар ҳама сардор будӣ.
Ба олам даркор будӣ,
Пурганҷу пурбору будӣ.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Забони “Шоҳнома”ӣ,
Ба оянда номаӣ.
Насли маро дояӣ,
Зинати ҳар хонаӣ.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Туро ман мепарастам,
Дил ба ишқи ту бастам.
Қомуси ту ба дастам,
Ту бо манӣ, то ҳастам.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Шираву шаккари ман,
Зевару гавҳари ман,
Зеби тоҷи сари ман,
Доимо дар бари ман.
Забони модариям,
Форсии дариям.

Ояндаат дурахшон,
Симоят ҳам нурафшон.
Чун ҳумо ту парафшон,
Дар Хуҷанду Бадахшон.
Забони модариям,
Форсии дариям.

*Шаҳри Бухоро, 20 ноябри соли 2015*

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони модариям – тири пайкон,
Забони модариям – теғи буррон.

Сипар гардад ба халқи пуртавонам,
Кушояд мушкилашро, хуб донам.

Аз ин сарват ҷудо ҳаргиз намонам,
Сабақҳои ҳаёт бо он бихонам.

Ба қадри лафзи худ бояд расидан,
Ба дӯши хеш бори ӯ кашидан.

Барои ҳифзи он бояд нахуфтан,
Сухан бо он ба ҳар маҳфил бигуфтан.

Набигзорем, он олуда гардад,
Кунад гум қадри худ, беҳуда гардад.

Ба боғи маърифат борони найсон
Намояд дашту саҳро боғу бӯстон.

Ба чашми пиру барно ранг бахшад,
Ба савту сози мо оҳанг бахшад.

Агар рӯзе, ки мо бе он бимонем,
Дар ин дунёи дун бехонумонем.

Ватан, пас, давлати бегонагон аст,
Замини сабзи мо боғи хазон аст.

Мақоми он баланду бегазанд аст,
Барои бесарон, бешубҳа, панд аст.

Забони модарии мост чун қанд,
Чу аслаш аз Бухорову Самарқанд.

*Шаҳри Бухоро, 13 ноябри соли 2016*

## ҲАМА ФАРЗАНДИ МОДАРЕМ

### *Эссе*

Бинед, Модар киҳоро зодааст,
Ба киҳо шири сафед додааст?

– Сомонӣ кӣ буд?
– Исмоили Модар буд!
– Анӯшервон кӣ буд?
– Як одили[4] Модар буд!

– Рӯдакӣ кӣ буд?
– Чакомасарои Модар буд.
– Фирдавсӣ кӣ буд?
– Шоҳномасарои Модар буд.

– Аттор кӣ буд?
– Тайри[5] Модар буд.
– Мавлавӣ кӣ буд?
– Сайри[6] Модар буд!

– Низомӣ кӣ буд?
– Ганҷинаи[7] Модар буд!
– Саъдӣ кӣ буд?
– Ойинаи Модар буд!

– Ҳофиз кӣ буд?
– Ғазалхони Модар буд!
– Ҷомӣ кӣ буд?
– Нури[8] чашмони Модар буд!

[4] Ишора ба лақаби шоҳ: Анӯшервони Одил.

[5] Тайр – мурғ, паранда. Ишора ба достони “Мантиқ ут-тайр”-и Фаридаддини Аттор.

[6] Яъне: сайри маънавӣ.

[7] Ишора ба зодгоҳи шоир – Ганҷа.

[8] Ишора ба номи шоир: Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ.

– Ҳилолӣ кӣ буд?
– Бадри[9] Модар буд!
– Айнӣ кӣ буд?
– Садри[10] Модар буд!

– Искандар кӣ буд?
– Шӯри Модар буд!
– Чингизхон кӣ буд?
– Кӯри Модар буд!

Ҳама фарзанди Модар буданд:
Яке одил
Дигаре ҷоҳил,
Яке қобил,
Дигаре қотил.
Яке олим
Дигаре золим.

Вале Модар
Байни фарзандон фарқе нагузорад.
Модар
Ба мисли Офтоб бар сари фарзандон
Нур борад...

*Модар аз ҳазору сад гуноҳи фарзанд мегузарад. Модар бахшанда аст. Аз ин рӯ ӯ ниҳоят бузург аст.*

*Модар чашмаи хушкнашавандаи насли инсон дар рӯйи замин аст. Дар назди Парвардигор бегуноҳ аст. Аз ин рӯ ҷояш дар Ҷаннат аст.*

*Хулоса:*

*I. Анушервон одил, Исмоили Сомонӣ ба қадри шири сафеди Модар расиданд ва ба “Таърихи Инсоният” номи неки худро гузоштанд.*

[9] Ишора ба номи шоир: Бадриддини Ҳилолӣ.
[10] Ишора ба номи адиб: Садриддини Айнӣ.

*II. Искандар ва Чингизхон шири сафеди Модари худро сиёҳ карданд. Ҷовидонӣ лаънатзадаи одаму олам гаштанд.*

*Бадном гаштанд.*

*Гумном гаштанд.*

*Бошандагони бадсӯзи дӯзах гаштанд, ки то абад месӯзанду месӯзанд...*

*Шаҳри Бухоро, 8 марти соли 2017*

## КИСТАМ МАН?

Гар нашиносед маро,
Шинохта монед шумо:
Ман ворисi суғдиён,
Аз нажоди Ориё.

Тоҷикаму тоҷ ба сар,
Бо эронӣ бародар.
Бо даригӯ ҳамзабон,
Сарзамини ман – Ховар.

Забони шево дорам,
Лаҳҷаи гӯё дорам.
Мероси доро дорам,
Лафзи гуворо дорам.

Лафзам шеъри Рӯдакист,
Ҳамосаи Фирдавсист.
“Гулистон”-и Саъдӣ аст,
Лафзи Синову Тӯсист.

Ифтихори шоирон,
Сармояи олимон.
Мушкилкушои башар,
Кушандаи золимон.

## АДАБ ВА ҒАЗАБ

### I

Адаб чист?
Маҳаки инсонӣ.
Қувваи созанда,
Хуршеди бахшанда.
Соҳиби илму маърифат
Донишманду устоди муоширát
Дилҷӯию дилёбӣ,
На дилшӯӣ!
Хушодобӣ –
Боиси шодӣ.
Дилеро озор надодан,
Мушкилеро осон кардан,
Мадад расонидан.
Хайрхоҳӣ кардан,
Ба ҳама хайрхоҳ будан.
Адабпарвар!
Ошиқи одаму олам аст
Бо некхоҳон ҳамдам аст,
Нақши одам аст,
Ободгари олам аст.
Хушгуфтору хушрафтор аст,
Ифтихори аҳли башар аст.
Чӣ гӯед, ҳамон аст,
Ситойиши он нотамом аст.
Адаб
Асоси сулҳу сафост,
Яке аз фарзҳои банда,
Дар назди Худост.

### II

Ғазаб чист?
Офати сӯзанда.
Оташи сӯзон,

Дӯзахи ҳақиқӣ
Дар ҷисму ҷони инсон.
Дағалӣ кардан,
Нисбати боодоб,
Нишонаи беадабист,
Рафтори шармандагист.
Зулм ба насли инсон,
Бадбинӣ нисбати оҷизон.
Феъли манфур!
Хислати муздур!
Ба касе шикаст расонидан
Ӯро дида натавонистан,
Кӯрист,
Зӯрист!
Сабабгори бадбахтиҳост,
Аломати нодонӣ,
Бесаводист.
Сабабгори ҷангу ҷадал
Оташи бебадал аст.
Зуҳуроти харобист,
Асоси нобоварист.
Аз оташи ғазаб,
Гулу гиёҳ сӯзад,
Ҳатто ҳар ҷону ҷонвар,
Озор бинад.
Сазовори ҷазои сахт аст,
Хунсарду карахт аст.
Сазовори дуои бад аст,
Рӯсиёҳ то абад аст.
Оқибаташ хунрезӣ,
Ҳақталабию хунхорӣ,
Зӯрию зорӣ,
Гиряю хорист,
Шармандагӣ,
Шармандагист!
Ғазаб!
Хислати бади инсонист,

Сарчашмаи бесару сомонист.
Фурӯзонидани оташи ҷанг аст.
Заволи  илму  фарҳанг аст.
Хулоса:
Ҷанг аст,
Ҷанг аст!
Адаб
Душмани ғазаб аст.
Ғазаб
Кушандаи асаб аст.
Ин ҳарду бо ҳам насозанд:
Яке созанда, дигар сӯзанда.
Офатест ба ҷисму ҷон
Эй банда!

*Бухоро, 15 марти соли 2017*

## ДОҒИ ҲАҶР

Эй моҳи тамоми пур зи нурам,
Чандест, ки аз бари ту дурам.

Дилмурдаву ташнаи ту гаштам,
Худро ба сари кӯи ту куштам.

Мехостамат туро бубинам,
Аз боғи дилат гуле бичинам.

Даргоҳи ту буда аз ту холӣ,
Мондам чу шикастаи сафоле.

Чун булбули боғ нола кардам,
Арзи дили худ ҳавола кардам.

Шоҳид шуда боғбони боғат,
Ман гашта зи дарди ҳаҷр доғат.

## ҶОНИ ШИРИНАМ, БИЁ!

Сарвқомат, рафтӣ ту аз манзилам,
Холӣ монда хонаву кунҷи дилам.
Ман надонам, кай бигардӣ аз сафар,
Дар даруни оташ аст хоку гилам.

Ҷону ҷононам, биё,
Нури чашмонам, биё!

Аз фироқат сӯз дорад пайкарам
Мисли санги осиё гардад сарам.
Бистарат паҳну парешон мондааст,
Рӯзу шаб холист бе ту бистарам.

Ёри деринам, биё,
Ҷони ширинам, биё!

Гулпарастам, боғу бустонам хароб,
Аз фироқат ҳар ду чашмонам пуроб.
Булбулонам аз чаман кӯч бастаанд,
Орзӯҳоям шуда яксар сароб.

Гул ба гулзорам, биё,
Булбули зорам, биё!

## САЛОМ, МАКТАБ!

Оғӯши гарми мактаб
Дар ҷисми мо тобу таб.

Гарчӣ будем дар таътил,
Аз ту ҷудоӣ мушкил.

Дар хобу хез ёди ту,
Мерасад “фарёд”-и ту.

Хушо, ин Соли хониш,
Ҳам рӯзи “Илму дониш”

Ҳоло фаро расидаст,
Чунин идро кӣ дидаст?!

Дарҳои мактаб кушод,
Қалби ҳама гашта шод.

Дил мебарад ранги он,
Ба гӯш расад занги он.

Чӣ форам обу ҳаво,
Созу суруд дар наво.

Рӯзи саид муборак,
Бар шумо ид муборак!

## САЪДИИ БУЗУРГ

Пири доноёни олам гаштаед,
Марҳаме бар дарди одам гаштаед.

Хатм карда мактаби одамгарӣ,
Дар билоди шоирон чун сарваре.

Исматон вирди забонҳо гаштааст,
Шӯҳратат давру замонҳо гаштааст.

Ифтихори халқи мо осоратон,
Сабт дар кошонаҳо гуфторатон.

Дар забони пиру барно номатон,
Паҳн шуд дар чор сӯ пайғоматон.

Беқиёсу бебаҳо "Бӯстон"-атон,
Дар забони ошиқон "Девон"-атон.

Шуд "Гулистон" қуллаи эҷодатон,
Зода аз андешаи озодатон.

Ҳар кӣ хонад, олиму доно шавад,
Кӯр агар бошад дилаш, бино шавад.

То қиёмат хидмати инсон кунад,
Мушкилоти халқро осон кунад.

Нур пошад мисли меҳр ашъоратон,
Ҷовидон биҳад танин гуфторатон.

*Шаҳри Бухоро, 3 ноябри соли 2018*

## НОСИРИ БУХОРОӢ

Фарзанди Бухороед,
Дилбанди Бухороед.

Носири Бухороед,
Шоири Бухороед.

Аз оқилони ин ҷо,
Аз фозилони ин ҷо,

Аз шоирони ин ҷо,
Аз носирони ин ҷо,

Илму адаб омӯхтед,
Машъали илм афрӯхтед.

Шому саҳар нагуфтед,
Аз пайи мақсад рафтед.

Роҳи сафар пеш омад,
Пеш омаду хуш омад.

Аз роҳи дур гузаштед,
Пас ба Ватан нагаштед...

Саёҳат ҳам мактаб шуд,
Манбаи сад матлаб шуд.

Донишатон васеъ шуд,
Баҳри Шумо дарсе шуд.

Ашъоратон "девон" шуд,
Сарматлаъи даврон шуд.

*Шаҳри Бухоро, 4 ноябри соли 2018*

## БА ПИРИ ҒАЗАЛ – ҲОФИЗ

Шеър гуфтам, исми ту омад ба ёд,
Шеър хондам, номи ту омад ба ёд.

Ҳофизо, ҳам кору пайкорат накӯст,
Шоиро, ҳам фаҳму афкорат накӯст.

Аҳли дилро фатҳ кард эҷоди ту,
Мурдаро эҳё намуд фарёди ту.

Шеъри ту дар қалби моён ҷо гирифт,
Чун Ҳумо пар бар сари дунё гирифт.

Хонда “Девон”и туро шоир шудам,
Дар фазои шеъри ту тойир шудам.

Бар ту таъзим, Ҳофизи овозадор
То ҷаҳон ҳаст, шӯҳрати ту пойдор.

Офарин бар шоири пуриқтидор,
Баҳри ашъори накӯву мондагор.

## ШОИРОН

Ин қадар кам тухми шоир дар ҷаҳон?
Тухми он ҳар ҷо нарӯяд бегумон.
Хоки марзаш хоки поки модарон,
Шеър гӯяд бо забони дилбарон.

Шоирон аз зарра олам офаранд,
Оламеро назди зарра мебаранд.
Бин, ки кашфи оламу одам кунанд,
Дурри маънӣ аз забони ту баранд.

Одами беғам набошад дар ҷаҳон,
Шоирон ғамгинтаранд аз дигарон.
Дарди онҳо дарди халқу кишвар аст,
Дарду ғам бар дӯши онҳо шуд гарон.

Шоире аз баҳри худ шеъре нагуфт,
Ё шабе бе дарди эҷоде нахуфт.
Ҳар чӣ гӯяд, баҳри мардум гӯяд ӯ,
То пагоҳӣ дар хаёли тоқу ҷуфт.

Шеъри нав чун моҳи нав пайдо шавад,
Ҳар кӣ хонад, ошиқу шайдо шавад.
То пагоҳӣ гарчӣ бошад моли мо,
Пар барорад, муждаи дунё шавад.

Қадри шоир дафтари ашъори ӯст,
Мисли ганҷи бебаҳо гуфтори ӯст.
Дарди халқаш бар забои орад мудом,
Дар сухан ҳар бурди ӯ, бозори ӯст.

## ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ

Падар, ки савдогар буд,
Роҳи писар дигар буд.

Мехост китобхон шавад,
Фозилу пурдон шавад.

Мактаб хондан ҳам манъ буд,
Дар гузар мактаб набуд.

Тарсида аз замона,
Бо либоси занона

Роҳи Когон пеш гирифт,
Илму ирфон пеш гирифт.

Дар мактаби хусусӣ,
Дар мактабҳои русӣ

Таҳсил хеле мушкил буд,
Дур аз ҷову манзил буд.

Пайрав онҷо шомил шуд,
Ба хондан ҳам дохил шуд.

Забони русӣ омӯхт,
Бар ҷаҳон дида бидӯхт.

Китобҳо русӣ буданд,
Ба Пайрав маъқул шуданд.

Аз онҳо баҳра бардошт,
Хонданро дар хотир дошт.

Шавқи эҷод пайдо шуд,
Ба шеъри рус шайдо шуд.

Ҳамаи ин асар кард,
Тарҷумаро ҳам сар кард.

Бо Айнӣ ҳамдастӣ кард,
Нишона аз ҳастӣ кард.

Шоири пуртавон шуд,
Фарзонаи замон шуд.

Ашъори суннатӣ гуфт,
Шеъри сафед ҳам бисуфт.

“Марши пионер”-и ӯ,
Мисоле аз шеъри ӯ.

Вирди забонҳо гардид,
Ифтихори мо гардид.

*Шаҳри Бухоро, 28 октябри соли 2018*

## ҚАДРИ ЗАБОН

Забонгумкардагон аз қавми моянд,
Ба назди дигарон мисли гадоянд.
Куҷо донанд лафзи модариро,
Зи фарҳанги ғании худ ҷудоянд.

Ба назди халқи худ қадре надоранд,
Ба ёру дӯсти худ ҳаргиз нафоранд.
Миёни кафтарон чун чуғзи шуме
Қадам бар мулки худ беҷо гузоранд.

Чунин ашхос бешак, нотавонанд,
Ба мисли гову гӯсфанд безабонанд.
Ҷудо аз нангу номуси ниёгон,
Асарҳои бузургонро нахонанд.

Гумон созам, ба қайди мурдагонанд,
Ки лаънаткардаи давру замонанд.
Зи тақдири баде доим биноланд,
Дар ин дунё чӣ беному нишонанд.

Гирифторони дарде бедавоянд,
Ба халқу Меҳани худ бевафоянд.
Ҳама мункир ба дину мазҳаби худ,
Надоранд эътиқоду бехудоянд.

## ДУШАНБЕ

Аё шаҳрам, Душанбеи дилоро,
Барои ман ту ҳастӣ чун Бухоро.
Ту қалби беқарори давлати ман,
Барои тоҷикон ҳастӣ гуворо.

Шаҳри ҷавонӣ ҳастӣ, Душанбе,
Баҳри дамоне ҳастӣ, Душанбе.
Дар синаи ту сад кони ганҷ аст,
Ганҷи гароне ҳастӣ, Душанбе.

Чаноронат баланду пурвиқоранд,
Ба чашми душманон чун чӯби доранд.
Барои нокасон бегона ҳастанд
Барои дӯстон чашмони чоранд.

Шаҳри ҷавонӣ ҳастӣ, Душанбе,
Баҳри дамоне ҳастӣ, Душанбе.
Дар синаи ту сад кони ганҷ аст,
Ганҷи гароне ҳастӣ, Душанбе.

Зи ту дурам, диёрам Тоҷикистон,
Диёри ғамбарорам, Тоҷикистон!
Ба мислат мулки зебое надидам,
Саросар кӯҳсорам, Тоҷикистон!

Шаҳри ҷавонӣ ҳастӣ, Душанбе,
Баҳри дамоне ҳастӣ, Душанбе.
Дар синаи ту сад кони ганҷ аст,
Ганҷи гароне ҳастӣ, Душанбе.

## СУҒДИЁН

Боду ҳавояш суғдӣ буд,
Созу навояш суғдӣ буд.

Дарду давояш суғдӣ буд,
Лутфу дуояш суғдӣ буд.

Макону ҷояш суғдӣ буд,
Нуру зиёяш суғдӣ буд.

Забони нобаш суғдӣ буд,
Ҳарфу китобаш суғдӣ буд.

Аслу насабаш суғдӣ буд,
Пашму қасабаш суғдӣ буд.

Лафзи “Авасто”ш суғдӣ буд,
Ҳар канту рустош суғдӣ буд.

Ному нишонаш суғдӣ буд,
Лафзу забонаш суғдӣ буд.

Навиштаҷоташ суғдӣ буд,
Асли ҳаёташ суғдӣ буд.

Исми накӯяш суғдӣ буд,
Чеҳраву рӯяш суғдӣ буд.

Шӯҳрату шонаш суғдӣ буд,
Решаи ҷонаш суғдӣ буд.

Давру замонаш суғдӣ буд,
Ҷону ҷаҳонаш суғдӣ буд.

Шоҳу амираш суғдӣ буд,
Хурду кабираш суғдӣ буд.

## ИФТИХОРИ МАН ТУӢ

Муқаддасӣ, эй Ватан,
Ифтихори марду зан.

Як гули ту сад чаман
Тобад ба дидаи ман.

Эътибори ман туӣ,
Бурдбори ман туӣ.

Ифтихори ман туӣ,
Интизори ман туӣ.

Баҳри ман яктоӣ ту,
Дар ҷаҳон танҳоӣ ту.

Ҷойи ту бологузар,
Парчамат болои сар.

Дашту кӯҳат саросар
Кони нуру кони зар.

Тоҷикистон исми ту
Ҳамрадифи ҷинси ту.

Дар забонҳо номи ту
Истиқбол – инъоми ту.

Гул кун саросар, Ватан,
Ба мисли боғу чаман.

Бар ту фидо ҷону тан,
Дар васфат оҷиз сухан.

*Шаҳри Бухоро, 17 январи соли 2019*

## ШОИРИ ШИРИНЗАБОН

*Ба дӯстам Нормурод Каримзода*

Шоири ширинкалому меҳрубон,
Шоири озодафикру хушбаён.

Хонда шеъратро, чӣ лаззат бурдаам,
Гӯиё қанду асалҳо хӯрдаам.

Хондаам шеъри туро ҳар рӯзу шаб,
Чашм бикшодам саҳар шеърат ба лаб.

Исми хубат аз забон кай мондаам?
Аз китобат вожае н-афтондаам.

Аз каломат шеъри мо ранге гирифт,
Дар Самарқанд аз ту оҳанге гирифт.

Байни шоирҳои мо болонишин,
Тозахону тозадону тозабин.

Кони панду ҳикмат аст осори ту,
Мактаби эҷодӣ шуд ашъори ту.

Эй киёи лоиқи бобо Карим,
Комёбиҳо шавад ёрат азим!

## ХОНАИ МОҲ

– Хонаи Моҳ дар куҷо,
Чаро нахобад асло?

Гуфта савол намудам,
Ҷавоби ӯ шунидам.

Расул бигуфт: – Бобоҷон,
Азизу беҳтар зи ҷон!

Гарчӣ бувад дар осмон,
Ҳавзи мо бар ӯ макон.

Шабона ин ҷо хобад,
Ба чашми ман битобад.

Донистам: хонаи Моҳ,
Будааст даруни чоҳ!

# ЧАҲОРПОРАҲО



*Эй Бухоро, қиблаи иймони ман!*
*Эй Бухоро, ҷавҳари виҷдони ман!*
*Бо ту ман зӯру тавоне ёфтам,*
*Эй Бухоро, ормони ҷони ман!*

## БУХОРОНОМА

Эй Бухоро, шаҳри армонҳои ман!
Эй Бухоро, шаҳри дармонҳои ман1
Бар кӣ армон, бар кӣ дармон гаштаӣ?
Ин суоле буда аз Сино ман!

***

Эй Бухоро, қиблаи иймони ман!
Эй Бухоро, ҷавҳари виҷдони ман!
Бо ту ман зӯру тавоне ёфтам,
Эй Бухоро, ормони ҷони ман!

***

Эй Бухоро, манзили ободи ман!
Эй Бухоро, маскани озоди ман!
Аз назарҳо дур мондӣ ин қадар.
Кай расад бар гӯши ту фарёди ман?

***

Эй Бухоро, дӯстро бегонаӣ,
Бо рақибонам чаро ҳамхонаӣ?
Кай шиносӣ дӯстро аз душманат?
Ку ҳақиқат? Дар забон афсонаӣ!

***

Эй Бухоро, шаҳри беҳамтои ман!
Мулки аҷдоди ману маъвои ман1
Бе ту ман берӯзиву бечораам,
Ин бувад бар душманон даъвои ман!

***

Эй Бухоро, шамси иқболам туӣ,
Дар фазои зиндагӣ болам туӣ.
Дар замони бенизому пурқиём,
Муттакои ҳолу аъмолам туӣ.

***

Эй Бухоро, сархати номам туӣ,
Эй Бухоро, шаҳд дар комам туӣ.
Обу хокат доруву дармони ман,
Он ҳумои бахт бар бомам туӣ.

***

Эй Бухоро, аз ту ҷӯям асли худ,
Эй Бухоро, аз ту ҷӯям насли худ.
Тоҷдоронро туӣ зебо Ватан,
Эй Бухоро, аз ту ҷӯям васли худ.

***

Эй Бухоро, хору зорат кардаанд,
Зери бори нангу орат кардаанд.
Раҳбаронат чун саги девонае,
Молу мулкатро чӣ ғорат кардаанд.

***

Эй Бухоро, бе ту будан мушкил аст,
Меҳри гарми модарият дар дил аст.
Бе ту будан марги ноҳангоми ман,
Ҳар кӣ бе ту монд, ӯ беманзил аст.

***

Эй Бухоро, меҳри ту пайванди ҷон,
Ишқи ту дар дидаҳои мо аён.
Дарди моро асли дармон астӣ ту,
Модари ҷон астӣ ту бар тифлакон.

***

Эй Бухоро, дар ғамат ҳастам мудом,
Мехурам ғамҳои ту ҳар рӯзу шом.
Гоҳ шоду гоҳ ғамгин ҳастӣ ту,
Ҳастият бар ман бувад чун нангу ном.

***

Эй Бухоро, шаҳри хубу нозанин,
Дар дилу бар дидагон ҳастӣ қарин.
Чашм бикшода рухатро дидаам,
Баҳри инсон ҳасти ту тахти барин.

***

Эй Бухоро, сарзамини хуррамӣ,
Аз ягон мулке надорӣ ту камӣ.
Буд канорат ҷаннати афсонавӣ,
Гаштаӣ ту ифтихори одамӣ.

# МЕҲАННОМА

Эй Ватан, дар хидматат омодаем,
Баҳри ҳифзат ваъдаҳо ҳам додаем.
То вафо бар ваъдаҳои худ кунем,
Рзу шаб дар сарҳадат истодаем.

***

Обу хокат бебаҳо аст, эй Ватан!
Меҳри ту дар қалби мо аст, эй Ватан!
Мисли ту зебо маконе дар куҷо?
Ранги ҷаннат водиҳо аст, эй Ватан!

***

Соҳиби обу замин гаштӣ кунун,
Пораҳои нони ту гашта бутун.
Ҳад надорад ҳеҷ кас фармон диҳад,
Бар равоқи қонуне гаштӣ сутун.

***

Дил бихоҳад мадҳи ту созам баён,
Шӯҳрату шаъни туро созам аён.
Оҳ, тарсам, оҷиз аст аз ин қалам,
То ки бошад он каломи ман равон.

***

Гар бихонам рафтаат, дил хун шавад,
Нафратам бар душманон афзун шавад.
Дамбадам бар сӯйи ту лашкар кашад,
Соҳиби обу замин Қорун шавад.

***

Хоки покат сурмаи чашмони ман,
Мисли Модар доимо пазмони ман.
Бе ту ман ҳаргиз набошам сарбаланд,
Эй Ватан, эй ҷавҳари иймони ман!

***

Эй Ватан, яктои ман, танҳои ман!
Эй Ватан, зебои ман, барнои ман!
Ҳусни ту аз ҷаннате зеботар аст,
Эй Ватан, дини ману дунёи ман!

***

Эй Ватан, бахти баланди мо туӣ,
Хонадони бегазанди мо туӣ.
Бе ту мо ҳаргиз набошем сарбаланд,
Сарзамини дилписанди мо туӣ!

***

Баҳри васфат хома ронам, эй Ватан,
Худ битарсам, нотавонам, эй Ватан.
Мадҳи ту охир надорад, чун кунам,
Бо сифатҳоят ҷавонам, эй Ватан.

***

Тоҷикистон, эй диёри дилрабо,
Баҳри мардум гаштаӣ оҳанрабо.
Диққати аҳли ҷаҳонро мекашӣ,
Боғу роғат дилкушову хушҳаво.

***

Эй диёрам, шӯҳратат олам гирифт,
Душмани гӯрсӯхтаат мотам гирифт.
Ҳусни шаҳру деҳи ту душманкуш аст,
Аҷнабии нотавонро ғам гирифт.

***

Тоҷу тахту давлатат поянда бод,
Обу хоки кишварат зоянда бод.
Дар ҷаҳон ҳаргиз набинӣ рӯзи бад,
Бахти ту то ҷовидон рахшанда бод.

***

Баҳри мо якто бувад зебо Ватан,
Баҳри мо танҳо бувад барно Ватан.
Хидматашро аз дилу ҷон мекунем,
Бишкуфад то боз ҳам фардо Ватан.

***

Ҳурмати пиру ҷавон шуд давлатам,
Ифтихори дӯстон шуд хидматам.
Гӯши ҷон додам ба фармони Ватан,
То ки розӣ бошад аз ман миллатам.

***

Хоки покат бӯйи одам мекунад,
Камбағалро бою Ҳотам мекунад.
Сарзаминат мисли ҷаннат файзбор,
Оламеро серу беғам мекунад.

***

Хоки покат ҷонамози муслимин,
Аз ниёгон монда мерос ин замин.
Кишвари овозадори тоҷикон,
Саҷдагоҳи мардуми сулҳофарин.

***

Кӯҳҳоят пур зи обу гавҳар аст,
Қиматаш болотар аз симу зар аст.
Об набвад, дар куҷо бошад ҳаёт?
Шӯҳраташ олитар аз тоҷи сар аст.

***

Қатраи оби зулолат роҳати ҷони ман аст,
Оби рӯду чашмаҳоят нури чашмони ман аст.
Пиряххо беҳисобу манбаи оби равон,
Лаълу ганҷи кӯҳҳоят кони армони ман аст.

***

Обу хокат баҳри ман бегона нест,
Тоҷики берун зи ту бехона нест.
Давлати ман Тоҷикистон асту бас,
Мурғи берун аз қафас бедона нест.

***

Мову ту парвардаи як кишварем,
Мову ту ҳам зодаи як модарем.
Ифтихори мост ин – ҳаммиллатем,
Тоҷикони тоҷи заррин бар сарем.

***

Қуллаҳоят сарбаланду пурвиқор,
Баҳри душманҳои дун чун чӯби дор.
Ҳар кӣ ояд бо дили пуркинааш,
Мешавад аз тарсу ларзе хору зор.

***

Тоҷикистон – гулшани доимбаҳор,
Гарчӣ бошад сарзамини кӯҳсор.
Кӯҳсораш сабзпӯшу дилрабост,
Боғу роғаш дилписанду обшор.

***

Бо ту нозам, кишвари озоди ман,
Сарзамини хурраму ободи ман.
Дар ҷаҳон мулке набошад мисли ту,
Аз ту болад халқи ман, аҷдоди ман.

***

Доимо ман ташнаи дидори ту,
Рӯзу шабҳо беқарору зори ту.
Дил бихоҳад бо ту бошад доимо,
Ман набинам дар ҳаёт озори ту.

***

Бо ту бошам, бо ту ҳастам, кишварам,
Ту набошӣ, аз куҷо болу парам?
Кӯҳсорат – хонаи уммеди ман,
Хоки покат тахту рахти бистарам.

***

Сарбаландам дар бари хоки Ватан,
Баҳри ҳифзаш медиҳам ин ҷону тан.
Ҳар кӣ монад беватан, гардад ғариб,
Пеши хокаш чӣ бувад мушки Хутан?

***

Эй Ватан, ту нури чашмони манӣ,
Эй Ватан, ту дарду дармони манӣ.
Ҳам ту ҳастӣ беҳтарин уммеди ман,
Эй Ватан, ту нури иймони манӣ.

***

Эй Ватан, ту сарвату дунёи ман,
Эй Ватан – имрӯзу ҳам фардои ман.
Бо ту ҳастам сарфароз, эй кишварам,
Бо ту боло ин қади болои ман.

***

Бо душмани бегонаву девона насозем,
Бо мардуми беманзилу бехона насозем.
Ҳар он ки ба молу зари мо чашм ало кард
Дар сози чунин ҳофизу ҷонона набозем.

***

Озодатарин мардуми дунё ману ту,
Хушбахттарин мардуми дунё ману ту.
Аз бахти худодод бинозему нанолем,
Арзандатарин мардуми дунё ману ту.

***

Мекашад мову туро ишқи Ватан,
Мекушад мову туро ишқи Ватан.
Дар ғарибӣ зиндагӣ мушкил бувад
Мерасад бар ҷони озурда газанд.

***

Зиндагият чун бувад дур аз Ватан,
Солим аст оё туро он ҷону тан?
Рӯзу шабҳо мекашӣ дарду алам
Ранҷуру фарсуда мегардад бадан.

***

Дар Ватан ту марди майдон мешавӣ,
Ҳоли моро дида ҳайрон мешавӣ.
Умри мо дур аз диёри худ гузашт,
Дар тани халқи азиз ҷон мешавӣ.

***

Дар ғарибӣ меҳри хокат мекашад,
Ранги сурхи себу нокат мекашад.
Кай равӣ аз хотири халқи диёр?
Меҳри халқи меҳрубонат мекашад.

***

Чӣ мушкил зиндагӣ дур аз диёр аст
Ватан бар сӯи ту чашми интизор аст,
Набинӣ рӯи дӯстро доғу ғарибӣ
Дилбари зебои ту дур аз канор аст.

***

Ифтихору эътиборам, эй Ватан,
Ҳастии ман, бурду борам, эй Ватан!
Тоҷикистон, то ҷаҳон  бошад, ту бош,
Гар набошӣ, бе ту зорам, эй Ватан!

***

Лафзи ту ширин бувад, эй ҳамватан,
Фикри ту рангин бувад, эй ҳамватан.
Мову ту дар ҳар куҷо як ҷону тан
Зиндагӣ сангин бувад, эй ҳамватан.

***

Дору бошад зарраи хоки Ватан,
Аз ҳавояш баҳра гирад ҷону тан.
Ҳар баҳораш баҳри ман як ҷаннат аст,
Водиҳояш сарбасар боғу чаман.

***

Кони лаълу кони зар дар ҳар қадам,
Кони анвоъи фузулот ҳам на кам.
Санги кӯҳаш қиммати гавҳар шикаст
Давлаташ зоянда бошад дамбадам.

***

Дилнавозу дилрабо аст кишварам,
Давлати беминнату тоҷи сарам.
Ман надорам ғайри ту ҷои дигар,
Дар ҳамин ҷо хонаву қулфу дорам.

***

Бебаҳо аст зарраи хоки Ватан,
Тӯтиё аст шарбати токи ватан.
Дар куҷо бошад чунин обу ҳаво?
Шуд насибам домани поки Ватан.

***

Зодаам ман дар бари домони ту,
Зодаам аз дарду аз армони ту.
Модарам, дар ҷойи ман ҷон додаӣ,
Ҷони худро мекунам қурбони ту.

***

Хотирам гоҳе парешон мешавад,
Гаҳ сари кӯҳи Бадахшон мешавад.
Гаҳ шавад меҳмони Ҳуҷанду Ҳисор
Гаҳ равон бар сӯйи Хатлон мешавад.

***

Эй Ватан, ту ифтихори марду зан,
Гӯшаҳоят сарбасар боғу чаман.
Чӣ қадар зебову дилкаш гаштаӣ,
Кас надорад мисли ту зебо Ватан.

***

Сарвати беминнатӣ, эй давлатам,
Ҳастӣ ту доим ғуруру савлатам.
Доимо бошӣ дурахшон бар сарам,
Зинда бош, эй сарпаноҳи миллатам.

***

Эй диёри нозанину гул ба сар,
Дил намеҳад зи ту гардам бадар.
Дар ҳамин хоки муқаддас зодаам,
Мисли модар ту маро хонӣ писар.

***

Эй Ватан, аз баҳри мо ту ҷону тан,
Манзили зебои ҳар як марду зан.
Мо ба ту меҳру садоқат бастаем,
Ғайри ту дигар надорем мо меҳан.

***

Дар ҳамин ҷо чашми мо во гаштааст,
Меҳри мо дар хоку об пайвастааст.
Ин замин мероси аҷдодони мо,
Ҳар ки Тоҷик, бар Ватан дил бастааст.

***

Ҳаммакони мо бувад Синои мо,
Ҳамзабони мо бувад Синои мо.
Баски ӯ бо ҷовидон пайвастааст,
Ҳамзамони мо бувад Синои мо.

***

Хоку обат сурмаи чашмони ман,
Ҳам гулу ҳам сабзаат дармони ман.
Аз насимат баҳра ёбад ҷону тан,
Бо ту бодо аҳди ман, паймони ман.

***

Обу хокат, обу хоки ҷаннат аст,
Хони пурнози ту кони неъмат аст.
Мардуми овозадорат кам мабод,
Ваҳдату сулҳу амонӣ ҳикмат аст.

***

Меҳри ту дар мағзи ҷисму ҷони ман,
Гарди хокат дорую дармони ман.
Бе ту ман ҳаргиз намонам дар ҷаҳон,
Мекафад он қалби пурамони ман.

***

Зоти мо аз насли поки ориё,
Халқи моро дӯст медорад Худо.
Оламе аз дасти мо обод шуд,
Ҳар кӣ донад, медиҳад бар мо баҳо.

***

Ҳар касе хонад китоби "Тоҷикон",
Мебарад ангушти худро бар даҳон.
Пас бифаҳмад асли мо, авлоди мо,
Ифтихори ворисони ин ҷаҳон.

***

Эй Ватан, ту қалби ман, иймони ман,
Дарду сӯзу беҳтарин дармони ман.
Гар равам аз ин ҷаҳони пурумед,
Зинда монад рӯҳи саргардони ман.

***

Ишқи дилбар, ишқи меҳнат шеъри мо,
Ишқи кишвар, ишқи санъат шеъри мо.
Зиндагӣ дар ин ватан худ давлат аст,
Ростӣ, кулли ҳақиқат шеъри мо.

## ҶИЛВАҲОИ ТАБИАТ

Дар баҳорон гул кунад долу дарахт,
Сабза рӯяд дар сари кӯҳи карахт.
Чашм бикшояд Замин аз хоби ноз,
Нарм гардад хоки киштзорҳои сахт.

***

Оби дарё шӯру ғавғо мекунад,
Ёди дашту ёди саҳро мекунад.
То бихезад сарзамин аз хоби ноз,
Назди ӯ шӯхона балво мекунад.

***

Ҳусни боғ аз рангу рӯи гул барад,
Аз суруду нолаи булбул бувад.
Мешавад ҷои тамошои шумо,
Дар дилу дар дидаҳо мақбул бувад.

***

Пазмони туям, баҳори ҷонам,
Аз боғи рухат гуле бичинам.
Дерест, надидам ҷамолат,
Боз о, ки ба назди ту нишинам.

***

Дар баҳорон хониши булбул хуш аст,
Рангу рӯи дилкушои гул хуш аст.
Мекушояд уқдаи дилро мудом,
Қадди раънои гули сунбул хуш аст.

***

Мевазад боди баҳори нозанин,
Мерасонад нома аз ҷашни Замин.
Инак, олам ҷаннати афсонавист,
Ёри гулпарвар, ҷаҳони гул бубин.

## ДАРДНОМА

Эй Худо, ман бар ту иймон оварам,
Рӯ ба сӯи осмонат мебарам.
То бубинам рӯи хуршедии Ту,
Тарк созам хонаву ҳам бистарам.

***

Ҳамзабонам, дар куҷоӣ, дар куҷо?
Ман, ки гаштам муддате аз ту ҷудо,
Ёд кардам сӯҳбати ширини ту,
Дорам уммеди ҳузурат аз Худо.

***

Дарди моро ҳеҷ набвад як даво,
Гар надонад одамӣ, донад Худо.
Духтурон дар назди он бечораанд,
Дар куҷо Сино, ки ёбад як шифо?

***

Сарварон дар маърака бологузар,
Фарқ дорад хулқашон аз якдигар.
Гар яке сӯи адолат мекашад,
Дигаре бемағз бошад ҳамчу хар.

***

Дар назар гар нақши одам менамуд,
Ҷисму ҷону қалби ӯ аз санг буд.
Ботинаш аз мору каждум буд пур,
Зоҳираш гарчанд дилро мерабуд.

***

Ҳар кӣ ояд бар дарам, ҳурмат кунам,
Нури дида, тоҷи сар, иззат кунам.
То шавад аз ман ризову сарфароз,
Хидмати шоиста беминнат кунам.

***

Умри одам он қадар тӯлонӣ нест,
Фурсати бекориву нодонӣ нест.
Гарчӣ бошад моҳу солаш бешумор,
Кӯтаҳ асту ғайри саргардонӣ нест.

***

Шоирон таъзим бар Модар кунанд,
Шоирон таъзим бар хоҳар кунанд.
Гарчӣ онҳо сарбаланду худшинос,
Доимо таъзим бар кишвар кунанд.

***

Чархи гардун сад ҷафо орад ба ман,
Тири офат аз само борад ба ман.
Ман надонам, дар чӣ бошад айби ман?
Душманам ҳам қасди ҷон дорад ба ман.

***

Шер будам, мисли рубо(ҳ) гаштаам,
Мард будам, бин, ки гумро(ҳ) гаштаам.
Қисмат имрӯзи маро бадном кард,
Бо умеди рӯзи фардо гаштаам.

***

Касбу корат мӯътабар, бас мӯътабар.
Он туро мерос монда аз падар.
Эй писар, бар қадри он бояд расид,
Кун ту коре, то нагардӣ дарбадар.

***

Файзи олам ҳосили деҳқон бувад,
Зери пояш сад ҳазорон кон бувад.
Ризқу рӯзӣ маҳсули дастони ӯ,
Ҷисми хору зори моро ҷон бувад.

***

Шоирон пайғамбари давру замон,
Кам набошанд аз шаҳу шаҳзодагон.
Медиҳад холис баҳо худ зиндагӣ,
Шеъри волошон бимонад ҷовидон.

***

Эй забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ,
Эй забони бебаҳои модарӣ!
Кони гавҳар ҳастиву кони зарӣ,
Пешаи аҷдоди мо буд заргарӣ.

***

Ҳотаме бо ҳимматаш олам гирифт,
Исми ӯро бар забон одам гирифт.
Ҳар кӣ дорад ҳиммати беминнате,
Мумсикони бешарафро ғам гирифт.

***

Кам набошад дар ҷаҳон бедавлате,
Мисли шоҳон дорад ӯ ҳам шавкате.
Чунки ӯ аз меҳнаташ нон мехурад,
Дорад ӯ мисли дигарҳо ҳиммате.

***

Танбалони бенавои дарбадар,
Ошиқони бешумори молу зар.
Музди бемеҳнат бувад аъмолашон,
Толибони нони муфту бехатар.

***

Таълимотат баҳри мо дарси адаб,
Мисли моҳи чордаҳ дар қалби шаб,
Роҳи моро то абад равшан кунад
То намонем дар азоби тирашаб.

***

Тоби бекорӣ надорам ман мудом
Донад инро дӯсту душман ҳар кадом
Умри ман  бо кору бор пайваста аст
Ризқи муфти дигарон бар ман ҳаром.

***

Номи неке гар бихоҳӣ, кор кун,
Аз балои танфароғӣ ор кун.
Маънии зистан ба моён меҳнат аст,
Бори худро дар сари кас бор макун.

***

Гар бихоҳӣ зиндагӣ беҳтар шавад,
Кишварат ободу ҳам хубтар шавад,
Кун ту коре баҳри ин зебо Ватан
Нақшаҳоят хубтару беҳтар шавад.

***

Кун ту коре, то ки ҳастӣ дар ҳаёт,
Ҳарчӣ созӣ бо тааммул, бо субот.
Ин ҷаҳон ҷои амалҳои хуш аст,
Медиҳӣ бар бандагонаш ту закот.

***

Орзӯҳо – раҳнамои зиндагӣ,
Рӯзу шабҳо мактаби созандагӣ.
То ки бошем толиби арзандае,
Кори мо омӯзишу хонандагӣ.

***

То шавӣ бар дарди бедармон даво,
Неки кун бар дигарон, бошад раво.
Заҳри одамро басо одам гирад,
Шоми торики мадо бахши сафо.

***

Бар касе ҳаргиз макун ҷабру ҷафо,
Шав ба қалби торикаш нуру сафо.
Гарчӣ бошад нигорону нотавон,
Марҳами захмаш бишав, ёбад шифо.

***

Ёри ҷонӣ, ман туро ҷӯяндаам,
Бо хаёли гарми ту ман зиндаам.
Гар набошӣ дар барам ту як даме
Дар раҳи андӯҳи ту пӯяндаам.

***

Эй бародар, аз ғамат озурдаам,
Аз ҳаётат сад гумонҳо бурдаам.
Дар ғарибӣ рӯзи ту бошад сиёҳ,
Ман туро дишаб бо хобам дидам.

***

Қалби ман гул мекунад аз рӯйи дӯст,
Лафзи ман шодоб шуд аз ҷӯйи дӯст.
Давлати пойдори мо аз ваҳдат аст
Раҳ кушоям доимо ман сӯйи дӯст.

***

Оқилонро зиндагӣ ранги дигар,
Ҷоҳилонро зиндагӣ худ дарди сар.
Фозилон кори савобе мекунанд
Ҷоҳилонро фикрҳои бад ба сар.

***

Ман ғарибӣ кӯи ёрони азиз,
Ҳам ғуломи дӯстони ботамиз.
Ташнаам дидоратонро дер боз,
О, фидо дар роҳатон ҷони азиз.

***

Кам набошад кору бори зиндагӣ,
Кори мард нест зорию гиряндагӣ.
Ҷои мард аст ҷодаҳои меҳнатӣ
Коргурезӣ баҳри мо шармандагӣ.

***

Меҳнати ту шону шӯҳрат оварад,
Ғайрати ту фатҳу нусрат оварад.
То тавонӣ, як даме аз кор намон,
Дон, ки меҳнат бар ту сарват оварад.

***

Илми олим нури чашми одамон,
Гавҳари пурқиммати баҳри дамон.
Мояи ҳам миллату  ҳам давлат аст
Ифтихори одаму давру замон.

***

Эй бародар, оламу одам шинос
Рӯзу шабҳои дароз ҳар дам шинос.
То бигардӣ ҳамдами ёрони хеш,
То шавӣ ту беҳтарин як худшинос.

***

Кӯдакӣ дар домани саҳро гузашт,
Бо насиму боду боронҳо гузашт.
Ёди он айём, ёди ёдҳо,
Беғам аз дунёву бепарво гузашт.

***

Рӯзи шаб дар дашту дар саҳро будем,
Безабону булбули гӯё будем.
Дур будем аз китобу мадраса,
Гӯиё дар гӯшаи дунё будем.

***

Кӯдакӣ аз мо буду аз мо набуд,
Қалби мо дарё буду дарё набуд.
Ҷои хобу ҷои хез дунёи рег,
Чашм медиду вале бино набуд.

***

Даври ман, даврони ман буд кӯдакӣ,
Хонда будем мо китоби Рӯдакӣ.
Монда дар хотир ҳанӯз ашъори ӯ,
Дар забони софу ноби тоҷикӣ.

***

Ман надидам мисли ту Кабки дарӣ,
Қақраҳоят ширин аз лафзи дарӣ.
Бе ту олам кам бувад, пурғам бувад,
Дидаву дил аз ғарибон мебарӣ.

***

Ҳусни кӯҳу кӯталӣ, Кабки дарӣ,
Аз ману аз дигарон дил мебарӣ.
Ҷои ту дар кишварам холӣ мабод,
Санги кӯҳро дар назар тоҷи сарӣ.

***

Байни мурғу моҳиён ту дилбарӣ,
Номи некат баҳри мо Кабки дарӣ.
Пар занӣ дар байни сангҳо сар-сарӣ
Бо кабӯтар ҳампарӣ ё "хоҳарӣ".

***

Сулҳу осойиши олам давлат аст,
Зиндагии хуби одам сарват аст.
Кам набошад бенавою бедаво,
Сиҳатии ҷисми мо ҳам роҳат аст.

***

Ҷисми солим давлати беминнат аст,
Одамиро зиндагӣ худ давлат аст.
Бар сари инсон наафтад кулфате,
Насли солим бахти неки миллат аст.

***

Ҳофизон маҳбуби халқу кишваранд,
Ихтиёри пиру барно мебаранд.
Бо садову ба навои беназир
Тори дилро дар садо меоваранд.

***

Роҳҳои зиндагӣ пур печутоб,
Рост раҳро бинӣ ту танҳо ба хоб.
Мисли дарё сад шикасте дорад он,
Қитъае ободу як қитъа хароб.

***

Одамӣ бо кору бораш зинда аст,
Одамӣ бо гиру дораш зинда аст.
Даҳр бо ҷаҳдаш шавад ободтар,
Одамӣ бо кирдукораш зинда аст.

***

Меҳнати шоиста бошад муддао,
То ки бошад давлати мо ҷобаҷо.
Лаҳзае кай метавон бекор монд?
Кори хайр бар дарди мо гардад даво.

***

Хислати нек давлати Ҳотам бувад,
Ҳар чӣ хоҳӣ аз замон, он кам бувад.
Мисли ман дарси қаноат хонӣ ту,
Эътиқодат бар ҳаёт маҳкам бувад.

***

Бори тӯҳмат гардани кас хам кунад,
Эътибори одамиро кам кунад.
То шавад рӯзе адолат барқарор,
Умри моро солҳо он кам кунад.

***

Сирри дилро бар касе гуфтан хатост,
Гарчӣ аз ту дигарон некӣ нахост.
Гар бифаҳмад дӯстат, душман шавад,
Душманӣ бо дӯст аслан норавост.

***

Шӯру ғавғои дилам боло гирифт,
Як ғаме дар манзилам маъво гирифт.
Бин расид аз марги дӯстам шумхабар
Мотами насли бошад дунё гирифт.

***

Мо, ки ҳастем раҳ кушои оламе,
Чун бузургон раҳнамои одамӣ.
То ки бошад  бехатар роҳи ҳаёт,
Рӯзу шаб фориғ набошем як даме.

***

Илми олим нури чашми одамон
Гавҳари пурқиммати баҳри дамон.
Мояи ҳам миллату ҳам давлат аст,
Ифтихори одаму давру замон.

***

Эй бародар, оламу одам шинос
Рӯзу шабҳои дароз ҳар дам шинос.
То бигардӣ ҳамдами дӯстони хеш
То шавӣ ту беҳтарин худишинос.

***

Аз куҷо донӣ маро, то ки бидонӣ, ман киям?
Бар ту гӯям панду ҳикмат, гар бидонӣ, шоирам.
Аз пайи эҷоди шеър овораву саргардон манам,
Мисли устоди сухан бар касбу корам моҳирам.

***

Молу давлат – чирки дасти олимон,
Зарру зевар – ифтихори золимон.
Молу мулк аз баҳри мо бегона аст,
Аз пайи давлат нагарданд оқилон.

***

Хотирам гаҳе парешон мешавад,
Мисли амвоҷи Зарафшон мешавад.
Нақшаи корам равад бар зери об,
Ҷисму ҷонам мисли яхдон мешавад.

***

Зимистон буду бозомад баҳорам,
Чароғон гашт ду дидай хуморам.
Биё, гуфтам, баҳори нозанинам,
Шавад  рӯшан зи нурат қалби зорам.

***

Ҳар чӣ кардӣ, пеш аз он андеша кун,
Пас, табарро бар сари он реша кун.
То нахушкад он дарахти пурсамар,
Раҳму шафқатро ту бар худ пеша кун.

***

То тавонӣ, ту хато содир макун,
Сустию нодонӣят зоҳир макун.
То кӣ бошӣ дар қатори одамон,
Ҷоҳилиро дар рухат чодир макун.

***

Хислати некат ба ту шон овард,
Дар тани бемори ту ҷон овард.
Сарпаноҳат мешавад дар рӯзи бад,
Рӯзи сахтат бар ту иймон оварад.

***

Суд надорат дуздиву ғоратгарӣ,
Бар ту зебад одаму одамгарӣ.
То тавонӣ, бар касе некӣ бикун,
Дуздӣ бошад дар ҷаҳон шармандагӣ.

***

Кори мо ободию созандагист,
Рафъи сӯзу сози сахти бандагист.
Байни мо ҳаргиз набошад душманӣ,
Ин мароми мост, айни зиндагист.

***

Оби дарё рақсу бозӣ мекунад,
Пеши чашмам сарафрозӣ мекунад.
Мисли мо дилдодаи фасли навбаҳор,
Назди ёраш дилнавозӣ мекунад.

***

Бӯйи гулҳои чаман олам гирифт,
Осмон бадрашк буд, мотам гирифт.
Ашки он ҳамранги борон мӯя зад,
Шаб гузашту субҳи равшан дам гирифт.

***

Кори дунё баҳри мо бегона нест,
Мардикор бечораву бехона нест.
Шӯҳрати мову шумо аз меҳнат аст,
Меваи ҳар як дарахт бедона нест.

***

Дар раҳат ман интизорам, Соли нав,
Иқтидору ифтихорам, Соли нав.
Бо ту ман соле бузургтар мешавам,
Сарҳисоби кору борам, Соли нав.

***

Хонадон аз файзи меҳнат хуррам аст,
Ҷисму ҷони қалби мо ҳам бардам аст.
Кор набвад зиндагиро нур ку?
Ёри нонӣ дар бари кам шавад.

***

То кӣ бошад дар ҷаҳон сулҳу сафо,
Беғубору пок бошад қалби мо.
Марду зан шодона меҳнат мекунем,
Зиндагӣ осуда гардад баҳри мо.

***

Нархи лаънат қимати гавҳар шикаст,
Хоки покат қимати ахтар шикаст.
Тоҷикистон сарбасар кон асти ту,
Меҳри покат қимати зевар шикаст.

***

Илму дониш давлати Қорун бувад,
Сарвате аз фаҳми мо бурун бувад.
Олимон мушкилкушои оламанд,
Корашон аз мӯйи сар афзун бувад.

***

Гар бихоҳӣ, олиму доно шавӣ,
Мисли Сино машҳури дунё шавӣ,
Рав ба мактаб аз пайи дониш бишав,
Нуктасанҷу булбули гӯё шавӣ.

***

Кам нагардад кору борат як замон,
То шавӣ ту марди майдон, қаҳрамон.
Мамлакат аз дасти ту обод бод,
То бигардад исми ту вирди забон.

***

Ҳар якеро баҳри коре зодаанд,
Дар ҳаёт аз баҳри он ҷо додаанд.
Роҳи худро дар ҳаёт пайдо кунем,
Ҳам ба моён чашми бино додаанд.

***

Нахли умрат то шавад пурбортар,
Рӯзат аз рӯзат шавад пуркортар,
Аз ҳаёти бесамар андеша кун,
Шав ба кору бори худ ҳушёртар.

***

Зиндагӣ дар олами ғам мушкил аст,
Ғам, ки гуфтем, бори вазнини дил аст.
Ҷисми одам оҳану пӯлод нест,
Пас зи мағзаш ҷисми он обу гил аст.

***

Умри инсон мисли абри даргузар,
Гӯӣ, мурғе дорад ӯ ҳамболу пар.
Мо надонем аз чӣ омад, аз чӣ рафт,
Дӯсту душманро гузорад пушти сар.

***

Номи некат умри ту созад дучанд,
Ин ба мову ту бувад дирӯза панд.
Ҳурмататро бар қиёмат мебарам,
Шӯҳратат ҳаргиз намеёбад газанд.

***

Ҷаҳд бинмо, мушкилат осон шавад,
Душманат дар зери по яксон шавад.
Ёри ҷонӣ аз ту мегардад ризо,
Муждаи дил чӯл кунад бӯстон шавад.

***

Ман ғарибам, дар диёри кулфатам,
Дар харобот бо ғарибон улфатам.
Ҷои исту ҷои зистам дӯзах аст.
Аз диёру ёру дӯстон ғафлатам.

***

Аз хатои дигарон дарди сарам,
Дарди сарро пеши кӣ ман мебарам?
Мову ту бо ҳам намоем маслиҳат,
Ҳар чӣ гӯӣ, дон, ки бо зар мехарам.

***

Бар сарат борида барфи пиракӣ,
Дар замони пирию даври закӣ.
Умри ту ҳам рафтаву охиршуда,
Менамоям қиссаҳо аз кӯдакӣ.

***

Умри инсон дар ҷаҳон поянда нест,
Дар гузашта гар набуд, оянда нест.
Ҳамчу меҳмон омадему меравем,
Умри мо чун меши мо зоянда нест.

***

Умри мо монанди оҳе як дам аст,
Баҳри зисту баҳри эҷоде кам аст.
Кори инсон нотамом аст, нотамом,
Чунки вақти додааш хеле кам аст.

***

Умри инсон мисли боди даргузар,
Кас набинад рӯзи рафта аз дигар.
Бин, кӣ ту пайваста бемор мешавӣ,
Лаҳзаҳои зиндагӣ дон, пурхатар.

***

Аз паи мо меравад аспи аҷал,
То бигирад ҷони мо дорад ҷадал.
Кай тавонем аз роҳаш берун равем?
Мерасад рӯзе, шавад ин баҳс ҳал.

***

Кай бувад аспи аҷал дар кӯшки мо,
Хоҳишаш дигар шавад  аз рукни мо.
Умри мо охир шавад, чӣ чорае?
Канда гардад риштаи дармони мо.

***

Эй бародар, як даме беғам шавем,
Май бинӯшему даме хуррам шавем.
Аз сари мо марги мо дуртар равад,
Иди Наврӯз омаду мо ҷамъ шавем.

***

Зиндагӣ берангу бору хира шуд,
Дидагони мисли барқам тира шуд.
Қувватам аз ҷисму ҷонам рафта буд,
Он чӣ дар хотир бимонд, он чира шуд.

***

Марҳабо, эй Соли нав бар кишвари ободи мо,
Марҳабо, эй Соли нав бар кишвари озоди мо.
Аз қудумат гул бибора дар зимистони зарин,
Марҳабо, хуш омадӣ, дар хонадони шоди мо.

***

Эй бародар, бахти ту гардад сафед,
Менамоям дар дуои худ умед.
Зиндагият беҳтару хубтар шавад,
Кулли шайтон дар ҷаҳон аст ноумед.

***

Кун ҳавас бар одамони некном,
Даст шӯ аз ҷӯраҳои пӯку хом.
Аз бадон ҷустан канора беҳтар аст,
Молу мулки дузду ғар бошад ҳаром.

***

Қисмати мо тору пуди ранга аст,
Он яке хуб асту дигар ганда аст.
Кас надонад аз чӣ бошад инчунин,
Ҳар кӣ бошад, назди Яздон банда аст.

***

Дасти ту доим ба кор олуда бод,
Табъи мо аз меҳнатат болида бод.
Кору борат кам нагардад эй писар,
Душманат аз пушти ту нолида бод.

***

Ҳастии мову шумо аз меҳнат аст,
Обу нони мову ту беминнат аст.
Ҳар яке аз баҳри коре зодаем,
Ҷисму ҷони одамӣ дар хизмат аст.

***

Пирӣ омад, бесару сомон шудем,
Ёру дӯсти рафтаро пазмон шудем.
То бубинем бори дигар рӯйи дӯст,
Дар суроғаш чор сӯ сарсон шудем.

***

Эй Худо, ҳар исми Ту мушкилкушо,
Ҳеч бошад назди ту дарду даво.
Мурдаеро зинда кардан кори Туст,
Зиндаро ҳам мурда кардӣ бо имо.

***

Одамиро офаридӣ, эй Худо,
Худ раҳондӣ аз балову аз қазо.
Гар кунад ҳар кас гуноҳи бешумор,
Баҳри ӯ Ту кардаӣ дӯзах ато.

***

Эй Худо, бар ҳоли ман раҳме намо,
Ҳар чӣ кардам, назди Ту бошад хато.
Тавба созам пеши Ту шому саҳар,
Бандаатро холӣ созӣ аз ҷазо.

## ЁРНОМА

Ман асират, ҷону ҷононам туӣ,
Ман ғарибат, дарду дармонам туӣ.
Хуб донӣ, ошиқи бечораам,
Охирин уммеду армонам туӣ.

***

Дилбари дилсӯзу беозори ман,
Оқилу донову хушгуфтори ман.
Бо суханҳои накӯ бахшида ҷон,
Бонуи некӯву хушрафтори ман.

***

Ишқи сӯзонат маро девона кард,
Бекасу бечораву бехона кард.
Мисли Маҷнун кард саҳроро ватан,
Ҳар чи кард, ишқи ту, эй ҷонона, кард.

***

Бар ту дорам эътимод, эй ёри ман,
Аз муҳаббат пур диле, дилдори ман.
Ту бидонӣ дарди ман, асрори ман,
Ёри хушрафтору хушгуфтори ман!

***

Рози дилро бар кӣ гӯям, дилбарам?
Коми дилро аз чӣ ҷӯям, дилбарам?
Дар миёни мардуми бегонаам,
Дарди худро бар кӣ гӯям, дилбарам?

***

Ишқи ту андар дилам мепарварам,
Дар ҷаҳони ошиқон ту сарварам.
Бо ту ҳастам, бо ту бошам доимо,
Номи некат то ба фардо мебарам.

***

Шоирам, васфи ту андар дафтарам,
Исми ту дар ҳар сурудам, дилбарам.
Ман туро ҷо дар китобам медиҳам,
Ишқи покат доимо дар хотирам.

***

Рӯйи моҳат нури чашмони ман аст,
Лафзи ширини ту дармони ман аст.
Ман шудам Маҷмуну ту – Лайлои ман,
Илтифотат марҳами ҷони ман аст.

***

Эй нигори нозанину камнамо,
Аз ту дорам илтимосу илтиҷо.
Мисли офтоб дар куҷо бурда паноҳ,
Аз ниқоби дарду ғам берун баро.

***

Дар раҳат ман интизорам, ҷонакам,
Бо дили пурифтихорам, ҷонакам.
Кай биёӣ дар саройи ишқи ман,
Рӯзу шаб бо чашми чорам, ҷонакам.

***

Ҷони ман бодо фидои роҳи ту,
Дар ҳаёти кӯтаҳе ҳамроҳи ту.
Ман надорам тоқати дурӣ зи ту,
Ошиқи дилдодаи гумроҳи ту.

***

Садқаи рафтору гуфторат шавам,
Садқаи чашмони хуморат шавам.
Маҳлиёи ҳусни оламгири ту,
Садқаи абрӯву рухсорат шавам.

***

Бори ғамро бар сарам борам макун,
Беҳуда ғамдодаву зорам макун.
Хиштҳои қасри даҳр аз лойи ғам,
Ту маро дар кӯйи худ хорам макун.

***

Коми ман аз номи ту ширин шавад,
Аз фироқат қалби ман ғамгин шавад.
Бе ту ман ҳаргиз надорам рӯзи хуш,
Лаҳзаҳои беғамӣ камчин шавад.

***

Ту биёю рӯбарӯӣ ман нишин,
Аз ту монам, аз ҷаҳон мондан таъин.
Қадри туро ман бидонам, ҷонакам,
Ҳоли манро худ биёву худ бубин.

***

Эй нигори нозанин, раҳ то куҷо?
Гар ту дорӣ дӯстам, ин ҷо биё.
Мебарам сайру тамошои чаман,
Файзи он бар дарди ту гардад даво.

***

Эй нигорам, ҷону ҷонони манӣ,
Як гули хушрӯи бӯстони манӣ.
Ҳусни боғ аз ҳусни ту ранг мегирад,
Зеби шеъру зеби достони манӣ.

***

Ҳусни туро бори аввал дидаам,
Гул зи бӯстони рухат ман чидаам.
Бӯи хушаш мисли май мастам намуд,
Чӣ қадар он дам ҳаловат бурдаам.

***

Вола созад ҳусни нотакрори ту,
Ман надонам сирри ту, асрори ту.
Гар бубинам лаҳзае рӯи туро,
Мешавам маст аз майи рухсори ту.

***

Шаҳд резад аз шакаргуфтори ту,
Дил рабояд дидаҳои чори ту.
Ман надидам инчунин эъҷозро,
Боре дида дар чаман  рафтори ту.

***

Хоки поят тӯтиё дар чашми ман,
Зуд биёю зуд намо дар чашми ман.
Дил кабоб  аз оташи ҳиҷрони ту,
Дар куҷоӣ, камнамо дар чашми ман.

***

Дилбаро, ту офати ҷони манӣ,
Марҳаму ҳам кулфати ҷони манӣ.
Аз фироқат рӯзу шаб ҷон меканам,
Гар биёӣ, улфати ҷони мнӣ.

***

Дар хаёлам рӯзу шаб симои ту,
Мерасад дар ёди ман имои ту.
Менишастам шоду хуррам рӯзи ид,
Мешунидам ҳарфи пурмаънои ту.

***

Аз паси парда баро, эй моҳи ман,
Сайри олам мекунӣ ҳамроҳи ман?
Ман бубинам он рухи бе доғи ту,
Шод гардад ин дили гумроҳи ман.

***

Қалби мо саршори ишқи дилбар аст,
Қиссаи афсонаи мо дигар аст.
Мо нагӯем ғайбати ағёрро,
Хотироти ишқи ҷонон дар сар аст.

***

Ёраму ҳам нури чашмони манӣ,
Рӯзу шабҳо дарду дармони манӣ.
Бар ту ман як ошиқи дилдодаям,
Шукри он, ки гавҳари кони манӣ.

***

Достони ишқи мо дуру дароз,
Қиссаҳои дилфиребу дилнавоз.
Ҳар кӣ хонад, мешавад шайдои зор,
То шавад аз дилбари худ сафароз.

***

Дилбаро, бар боғу бӯстонам биё,
Махфиё аз ёру дӯстонам биё.
Дидагонам дар раҳат шабзиндадор,
Дарди манро марҳами ҷонам, биё.

***

Хотирам озурдаву ҳам абри ғам дар тори сар,
Ҷисму ҷон афсурдаву ҳам кори дунё кард асар.
Мекашам ҷабру ҷафоҳо аз нигори бевафо,
Дил ба даст овардаву гашта зи мо ӯ бехабар.

***

Хуршеди дилам ту ҳастӣ, эй ҷон,
Уммеди дилам ту ҳаст, эй ҷон!
То зинда манам, ту бош бо ман,
Як умр маро ту ёри худ хон.

***

Эй парӣ, рухсори чун моҳат кушо,
Шуд баҳорон, аз таги чодар баро.
То кушояд муғчаи дил бо рухат.
Ёди ман кун, гӯшаи саҳро биё.

# ДУБАЙТИҲО



*Бухоро, номи некат дар забонам,*
*Ту ҳастӣ дар ҷаҳон зебо маконам.*
*Ба сад дардам шифо обу ҳавоят,*
*Зи оғӯшат ҷудо ҳаргиз намонам.*

## ЧАКОМАКҲОИ БУХОРО

Аё, шаҳрам, набинӣ офату ғам,
Машав ҳаргиз зи шаҳри дигаре кам.
Кушо ҳусну ҷамолатро ба олам,
Ба таърихат шавад як боби нав зам.

***

Ало, шаҳрам, дар оғӯшат бизодам,
Тамоми давлатамро бар ту додам.
Шавӣ ободу зебо дар нигоҳам,
Зи ҳусни безаволат шоду шодам.

***

Бухоро, исми ту вирди забонам,
Бухоро, бе ту ман ҳаргиз натонам.
Ту ҳастӣ даргаҳу ҳам манзили ман,
Ҳамин ҷо то Қиёмат ман бимонам.

***

Аё, шаҳрам, ту хеле дилрабоӣ,
Ба фасли сабзаву гул дилкушоӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳонро туҳфа карданд,
Ба дарди ошиқон охир давоӣ.

***

Агар номат равад андар забонам,
Пур аз қанду асал гардад даҳонам.
Намоям васфи ту дар шеъру дастон,
Ба сад ранге дурахшад ин ҷаҳонам.

***

Бухоро, номи некат дар забонам,
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон зебо маконам.
Ба сад дардам шифо обу ҳавоят,
Зи оғӯшат ҷудо ҳаргиз намонам.

***

Туро баҳри тамошо офариданд,
Туро баҳри таманно офариданд.
Ту бошӣ то абад хуштарҳу зебо,
Туро баҳри замонҳо офариданд.

***

Зи меҳри модарият дил накандам,
Ба рӯям то наханди, ман нахандам.
Агар умре будӣ содиқ ба фарзанд,
Зи ту уммеди худ ҳаргиз накандам.

***

Чунин бошӣ Бухорои азизам,
Аё шаҳри қадиму ботамизам.
Ба ҳуснат лолу ҳайрон гашта олам,
Туро иззат намояд насли одам.

***

Аё, шаҳрам, азизу меҳрубонам,
Фидои ту бигардад ҷисму ҷонам.
Ба ишқат сӯзаму бо ту бинозам,
Худоё, то қиёмат бо ту монам.

***

Биё, бар кишварат баҳри тамошо,
Ҳама баҳру бараш дилҷӯву зебо.
Бухоро пешкаш, эй шоҳи Сомон,
Ба роҳат интизорем пиру барно.

***

Ту ҳастӣ гавҳари поки забонам,
Ту ҳастӣ давлати ҳар ду ҷаҳонам.
Китоби Наршахӣ бошад гувоҳат,
Ту будӣ давлати Сомониёнам.

***

Бубин, шаҳрам, замони дигар омад,
Ва таърихи гузашта ҳам сар омад.
Ту ҳам бедор шав, андешае кун,
Бубин, хуршеди толеъат баромад.

***

Баромад насли покат мисли хуршед,
Бишуд соҳиб ба тоҷу тахти Ҷамшед.
Кунун гирад зи душман хунбаҳоят,
Ба ӯ халқи азизат дорад уммед.

***

Ту хоки поки ман, сарманзили ман,
Вуҷуди ман, суҷуди ман, дили ман!
Ҳаёти ман фидо бодо бароят,
Ки аз хокат сиришта шуд гили ман.

***

Туро мепарварам, шаҳри Бухоро,
Ту ҳастӣ меҳварам, шаҳри бухоро.
Ту ҳастӣ шӯълаи уммеди қалбам,
Ту ҳастӣ дилбарам, шаҳри бухоро.

***

Ало, шаҳрам, ту зеби ин ҷаҳонӣ,
Ту зеби ифтихори ин замонӣ.
Ҳама қасру биноят дилрабояст,
Ба мисли фасли гулҳо бехазонӣ.

***

Ту шаҳри фозилонӣ, эй Бухоро,
Ту шаҳри шоиронӣ, эй Бухоро!
Ту ҳастӣ маркази илму амалҳо,
Ту шаҳри олимонӣ, эй Бухоро!

***

Ту шаҳри гулрухонӣ, эй Бухоро,
Ту шаҳри булбулонӣ, эй Бухоро!
Баҳоронӣ ту дар ҳар чор фаслат,
Ту шаҳри ошиқонӣ, эй Бухоро!

***

Ту додӣ бар ҷаҳон Синои моро,
Ту додӣ бар ҷаҳон садҳо даҳоро.
Дар оғӯшат камоле Рӯдакӣ ёфт,
Бигаштӣ шаҳри ман, машҳури дунё.

***

Ту гаштӣ саҷдагоҳи аҳли олам,
Ту гаштӣ мӯътабар бар чашми одам.
Табаррук ҳар дару девору сақфат,
Нагардӣ дар ҷаҳон як заррае кам.

***

Бирақсад оби дарёи Зарафшон
Шавад аз фази он боғҳо гулафшон,
Расад дасташ ба домони Бухоро,
Кунад ободу зебо мулки ёрон.

***

Ту шаҳри дилписанд астӣ, Бухоро,
Ту шаҳри бегазанд астӣ, Бухоро!
Ту будӣ маркази мулки Хуросон,
Ту шаҳри Борбанд[11] астӣ, Бухоро.

***

Аё шаҳрам, ҷигарбанди ту Сино,
Ба оғӯшат кушод ӯ чашми бино.
Агарчӣ дар бар ту дер напоид
Бикард ӯ номи ту машҳури дунё.

[11] Аҳмади Борбанд – шоири охири асри 19 ва аввали асри 20.

***

Аё шаҳрам, ба дидори ту зорам,
Зи ту берун равам, дон хору зорам.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷони ширин,
Ба ту охир бибахшам баргу борам.

***

Аё шаҳрам, фазоят дилкушо аст,
Ҳама қасру биноят дилрабо аст.
Ба чашмам ту ягон айбе надорӣ,
Ҳамон лафзи ширинат бебаҳо аст.

***

Бухорои шарифу номдорам,
Зи ту менозаму боифтихорам.
Зи ту бошад маро ному нишоне,
Ба ту ман меҳри беандоза дорам.

***

Аё шаҳрам, зи ту дурӣ наҷӯям,
Раҳи мулки дигарро ман напӯям.
Ту ҳастӣ баҳри ман танҳову танҳо,
Сири дилро ба бегона нагӯям.

***

Ту шаҳри ҷовидонӣ, эй Бухоро,
Ту шаҳри тоҷиконӣ, эй Бухоро!
Ту охир то қиёмат боқӣ монӣ,
Ту шаҳри бостони,эй Бухоро!

***

Ту шаҳри ҷону ҷонони ман астӣ,
Ту ҷойи тахти Сомони ман астӣ.
Замоне будаи пойтахти Тоҷик,
Ту уммеду ҳам армони ман астӣ.

***

Ба ман ҳар санги ту худ як ҷаҳон аст,
Ба мисли тахти шоҳони замон аст.
Ҳар оне, ки дар он ман менишинам,
Сари пастам баланд аз осмон аст.

# ЁДГОРИ ОЛИ СОМОН

Худовандо, забонамро нигаҳ дор!
Ту шаъну шӯраташ боло бубардор.
Набошад дар ҷаҳон ин гуна лафзе,
Ба он арҷе гузор, арзанда бишмор.

***

Ба олам парчамат ҳусни дигар дод,
Ва тоҷик дар ҷаҳон аз ту хабар дод.
Пас аз даҳ қарн гаштӣ соҳиби тахт,
Ҳама саъю талоши ту самар дод.

***

Ба тахтат ворисонат по ниҳоданд,
Ба таърихат баҳои пурра доданд.
Ту гаштӣ ифтихори миллати худ,
Ҷазои душманонатро бидоданд.

***

Ало, халқам, зи бахтат сарфарозам,
Ту ҳастӣ боиси умри дарозам.
Набинӣ дар ҷаҳон ҳаргиз заволе,
Ба гӯшат мерасад овози созам.

***

Ман аз мурдан дигар тарсе надорам,
Ба ҷуз меҳри Ватан дарсе надорам.
Кунам шукри Худо, ки ман Ватанро,
Ба қалби пурвафо гарде надорам.

***

Аё, халқи азизам, бо ту нозам,
Насозам бо замона, бо ту созам.
Агар дурам, зи қавми Тоҷик астам,
Ба тақдри Ватан ҳаргиз набозам.

***

Суханҳои қабеҳ бар ман магӯед,
Агар дорам ягон айбе, бигӯед.
Ба мисли кӯдаки беайбу ҷурмам,
Агар доғе ба дил дорам, бишӯед.

***

Ҳамон ғоратгарони дашту саҳро,
Заданд оташ ба шаҳру деҳи дунё.
Гирифтанд он чӣ моли моликон буд,
Чӣ шӯре дар замин карданд барпо.

***

Забони модарӣ порсӣ-дарӣ аст,
Пур аз меҳру вафои модарӣ аст.
Камарбанди дуяш дон, тоҷикӣ аст,
Дар он қомуси шеъру шоирӣ аст.

***

Забонам, ифтихорам, ҳам ҷаҳонам,
Ту ҳастӣ зиндагиям, ҳам нишонам.
Ту ҳастӣ давлату ҳам сарвати ман,
Ту ҳастӣ, то абад ман зинда монам.

***

Забони тоҷикӣ ҳамто надорад,
Ба мисли мусиқӣ бар гӯш форад.
Харидораш бувад бисёру бисёр,
Валекин душманон садчанд дорад.

***

Зи бадхоҳон забонамро нигаҳ дор,
Зи бегона ҷаҳонамро нигаҳ дор!
Надорад қиматашро моли дунё,
Ту ин ному нишонамро нигаҳ дор!

***

Забони ман каломи олимон аст,
Забонам ҳукми қатли золимон аст.
Мазан таъна ба он, бадном гардӣ,
Забонам номаи аъмоламон аст.

***

Ало, халқам, сағирию кабирӣ,
Ба фарзандони некат ту дабирӣ.
Ба олам чӣ қадар аллома додӣ,
Ба дӯсту душманат нукта нагирӣ.

***

Ало, халқи далеру пуртавонам,
Ту ҳастӣ шӯҳраи давру замонам.
Ба ту тан дода ҳар як душмани ту,
Ту охир сарбаланду қаҳрамонам.

***

Ту мулки дилкушоӣ, Тоҷикистон,
Ту мулки дилрабоӣ, Тоҷикистон.
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон яктову танҳо,
Ту худ оҳанрабоӣ, Тоҷикистон.

***

Ту ҳастӣ пораи хоки Хуросон,
Нишоне мондаӣ аз мулки Сомон.
Бигӯям шукр, даврони ту омад,
Бишав эҳё дубора, Тоҷикистон!

***

Ба мисли сабза аз хокат бирӯям,
Наҷоти зиндагиро аз ту ҷӯям.
Ту ҳастӣ тоакягоҳи пурумедам,
Ҳама дарди диламро бар ту гӯям.

***

Ту ҳастӣ модари мушфиқ ва ғамхор,
Ту ҳастӣ модари шабҳои бедор.
Ту бошӣ модарам, эй Тоҷикистон
Манам фарзанди ту, эй мулки гулбор.

***

Ба мулкат ҳар чӣ меҳоҳӣ ту, пайдост,
Тамоми неъмати дунё муҳайёст.
Саросар сар заминат кони сарват
Чунон софу шифобахш оби дарёст.

***

Ту сарватманд, меҳан Тоҷикистон,
Ту шӯҳратманд, меҳан Тоҷикистон!
Ба васфат шоирон оҷиз бимонанд,
Ту қудратманд, меҳан Тоҷикистон!

***

Бигашта рӯдборат набзи дунё,
Бигирад з-он тароват дашту саҳро.
Ту ҳастӣ манбаи оби шифобахш,
Нахушкат оби ту асло, илоҳо!

***

Набошад сарвате қиммат зи обат,
Ба чашми ташнагон чун зар битобад.
Набошад зиндагӣ бе неъмати об,
Ба чашмат олами хушкида тобат.

***

Нашуд бар ман насиб оғӯши гармат,
Ки ҳастам ошиқи Кӯлобу Ғармат.
Зи ту дурам, диёрам Тоҷикистон,
Ҳузур бахшад ба ҷонам лафзи нармат.

***

Чӣ мулки хурраму доро диёрам,
Азизу меҳрубону ғамбарорам.
Фароғатбахш чун оғӯши модар,
Зи ту болам, зи ту пурифтихорам.

***

Набошад мисли ту дигар дар олам,
Ту ҳастӣ саҷдагоҳи насли одам.
Ягона дар ҷаҳон бошӣ, диёрам,
Баҳои оламеро бар ту додам.

***

Пайи хидмат ба мулки дил шитобам,
Чу сарбозаш шабу рӯзон нахобам.
Расад нафъам ба халқи беназирам,
Роҳи беҳбудии кишвар бикобам.

***

Накардам хидмате бар халқу кишвар,
Ки гӯё бетараф монанди довар.
Дилам мехост кунам кори савобе
Бимондам доимо дар вақти дигар.

***

Ватан дар роҳи ту шабзиндадор аст,
Ҳама дӯсту бародар интизор аст.
Ҷаҳон бар зарраи хокаш наарзад,
Гули боғи дигар дар дида хор аст.

***

Куҷо бошӣ, ба ёди ин Ватан бош,
Диле дорӣ, ба ин ишқи чаман бош.
Фаромуш макун ту модари худ
Ту доим дар ғами кӯҳу даман бош.

***

Диёри кӯҳсорам,Тоҷикистон,
Диёри беғуборам, Тоҷикистон.
Надидам мисли ту зебо Ватанро,
Зи ту пурифтихорам, Тоҷикистон.

***

Бирафтӣ аз сарам чун соя, эй ҷон,
Надонам дар куҷое гаштӣ сарсон?
Дилам хоҳад бубинам рӯйи зебот,
Хаёлам мешавад ҳар дам парешон.

***

Бишуд модар туро бисёр пазмон,
Ба ёдат доимо нолону гирён.
Биё зудтар, ки дардаш бедаво аст,
Бигашта қалби бемораш пурармон.

***

Ба роҳат, эй писар, мо интизорем,
Ба дидори накӯят баски зорем.
Биё, ки дурӣ мебошад гуноҳе,
Ба роҳи гашти ту гулҳо бикорем.

***

Биё, охир дар ин ҷо ҳам баҳор шуд,
Баҳори дилкушову лолазор шуд.
Тамоми кӯҳу саҳро гул ба сар шуд,
Ки чашми дилбарони мо хумор шуд.

***

Ватан бар мову ту чашминтизораст,
Барои мову ту бозори кор аст.
Гумон созӣ дар ин ҷо халқ бекор,
Ба дасти коргар бешубҳа, зор аст.

***

Чӣ зебоӣ, диёрам, Тоҷикистон,
Дилороӣ, диёрам, Тоҷикистон!
Надидам мисли ту дар ҳеҷ ҷое,
Ту яктоӣ, диёрам, Тоҷикистон.

***

Чӣ мушкил баҳри ман аз ту ҷудоӣ,
Ба дарди ман ту худ охир давоӣ.
Чашидам ман азиятҳои ғурбат,
Набудаст дар ҷаҳон ризқи ҳавоӣ.

***

Магӯ, ки Тоҷику дур аз диёрам
Сари куят чу бороне биборам,
Агарчӣ берунам аз марзи хокат
Ба ҳифзат мисли Рустам ҷоннисорам.

***

Азизу мӯътабар, эй Тоҷикистон,
Ту ҳастӣ тоҷи сар, эй Тоҷикистон.
Ту ҳастӣ дар ҷаҳон танҳову якто,
Туӣ нури басар, эй Тоҷикистон.

***

Ба ту ҷонам фидо бод, эй диёрам,
Ба ғайр аз ту дигар ҷое надорам.
Умеди ду ҷаҳонам, Тоҷикистон,
Ту ҳастӣ умри сабзу навбаҳорам.

***

Ту ҳастӣ ифтихорам, Тоҷикистон,
Ту ҳастӣ интизорам, Тоҷикистон.
Чу модар оғушат баҳрам кушода,
Ту ҳастӣ ғамгусорам, Тоҷикистон.

***

Бизӣ, эй миллати овозадорам,
Зи ту мебошаму дар ифтихорам.
Манам Тоҷик, ҷигарбанди ту ҳастам,
Ба ному шӯҳратат саҳме гузорам.

***

Ба кӯят саҷда орам, эй диёрам,
Ба поят сар гузорам, эй диёрам.
Дар олам ту ягона сарпаноҳам,
Ту ҳастӣ ғамбарорам, эй диёрам.

***

Ту охир модари садҳо бузургон,
Ту ҳастӣ маншаи фарҳангу ирфон.
Зи ту ибрат бигирад аҳли дунё,
Шудӣ машҳури дунё,Тоҷикистон.

***

Ба васфат шеър гуфтан бас чӣ мушкил,
Бигардад ақлу ҳушам саҳлу ботил.
Ту охир ҷаннатӣ, эй Тоҷикистон,
Набахшад хомаам дилхоҳ ҳосил.

***

Ба сад дардам шифо ин обу хокат,
Шикаст шаҳди асалро себу нокат.
Чизе чун боғу роғи хушҳавоят
Набахшад бар дилу дида назокат.

***

Ба ҳар ҷо мегузорам нақши худро,
Куҷо пинҳон кунам он рашки худро.
Бихонам гаштаю баргашта таърих,
Ба ёдат ҷорӣ созам ашки худро.

***

Аё шаҳри навину дилпазирам,
Чӣ ободу чӣ зебо беназирам.
Ту ҳастӣ ҷойи сайру ҳам тамошо,
Ба ҳусни чун арӯсат вола гардам.

***

Магӯ, ки қалби ман санг асту хоро,
Яке Тоҷикам, аз шаҳри Бухоро.
Бисӯзад қалби ман бар халқи маҳбуб,
Шавад бою бадавлат қавми доро.

***

Худо хоҳад, шавӣ машҳури дунё,
Ба ту бовар намоям, халқи доно.
Худоё, зиндагият бехатар бод,
Насиби ту бигардад  лафзи гӯё.

***

Зи ҳар фатҳат бигардад қалби ман шод,
Шавад шаҳру деҳат зебову обод.
Ба ту қоил бимонад аҳли олам,
Ту ҳастӣ дарҳақиқат мулки озод.

***

Забонат пуршикасту бедаво аст,
Дурушту бесадову бенаво аст.
Ба қавлат сад забонро ту бидонӣ,
Забони модарӣ бар ту раво аст.

***

Забони тоҷикӣ баҳри дамон аст,
Ҳама ҳарфу ҳиҷояш, дон, гарон аст.
Забони миллату ҳам давлати ман,
Чунин гавҳар дигар ёфтан гумон аст.

***

Аҷаб халқи тавоно халқи Тоҷик,
Ки дорад чашми бино, халқи Тоҷик.
Дилаш пурҷӯшу чун дарё хурӯшон,
Чӣ гӯям, фахри дунё, халқи Тоҷик.

***

Зи бахти рӯшанат олам мунаввар,
Ту кардӣ кишварат обод яксар.
Ҳама кӯҳу биёбон шуд гулистон,
Бишуд тарзи ҳаётат хубу дигар.

***

Шинохт олам туро, эй миллати ман,
Ягона дар ҷаҳон, эй давлати ман.
Шудӣ машҳур  ба олам Тоҷикистон,
Бишуд лаъли Бадахшон сарвати ман.

***

Забони ноби тоҷикӣ хуш ояд,
Тамоми мушкилиро мекушояд.
Зи оҳангаш дилам чун гул шукуфад,
Тамоми узви ман дар рақс ояд.

## ИШҚНОМА

Нигоҳи гарми ту сеҳр асту ҷоду,
Ба мисли дидагони барқи оҳу.
Ба қалби мурдаам уммед бахшад,
Зи пай дорад ба дил охир ҳаёҳу.

***

Ало, дилбар, зи ишқат сарфарозам,
Зи лутфи лаҳҷаат ҷонро гудозам.
Табиби ҷисму ҷонам гар ту бошӣ,
Ба ҳар ҷабру ҷафои ту бинозам.

***

Ало, ёрам, куҷоӣ ту, садо кун,
Ба аҳди додаат, ҷонам, вафо кун.
Туро гум кардаму девона гаштам,
Агар маргам расад рӯзе, дуъо кун!

***

Агар ту хастаӣ, гирам дар оғӯш,
Навозишҳо намоям аз бару гӯш.
Намехоҳам шавӣ як лаҳза нохуш,
Намесозам ғаматро ман фаромӯш.

***

Ало, дилбар, ту ҳастӣ ғампарастам,
Ҳама нозу нузатро мепарастам.
Ту охир баҳри ман танҳову якто,
Ба ишқи поки ту ман қоил астам.

***

Ту ҳастӣ сарпарасти кӯдаконам,
Ту ҳастӣ шамси тобони маконам.
Агар бе ту бимонам, бенишонам,
Ба чашмам хира тобад ду ҷаҳонам.

***

Ало, дилбар, ту ҳастӣ тоҷи давлат,
Ба хуни набзи ту ҷорист ҳиммат.
Зи ту болида гардад ҳар кӣ ояд,
Ки хонат пур бувад аз нозу неъмат.

***

Шунидам нолаи булбул ба гулзор,
Зи захми хори гул чун дида озор.
Шикоят менамуд аз ёру ағёр,
Набошад дил ба мисли моли бозор.

***

Зи дарди ишқи ту шабҳо нахобам,
Нишони манзилат пайваста кобам.
Дилам хоҳони дидори накӯят,
Бифармо, то дилатро ман биёбам.

***

Шиносад ҷуфти худро хубу аъло,
Мақомаш дар ҳаёт гардида боло.
Агар оқил бувад ҷуфти ҳалолат,
Шавад дур аз ту ҳар гуна балоҳо.

***

Зи зан болида гардад марди хона,
Ба шарте, ки насозад ӯ баҳона.
Насозад эътиборе ӯ ба ҳар ҳарф,
Ба зан рафтор созад дӯстона.

***

Манам шайдои ишқат, ёри ҷонӣ,
Бикун коре, ки ҳаргиз дарнамонӣ.
Зи ишқат беқарорам, беқарорам,
Харидорат манам, бояд бидонӣ.

***

Парӣ гӯям туро, бояд наранҷӣ,
Суханҳои маро ҳаргиз насанҷӣ.
Ба ту ҳусни ҷаҳоноро Худо дод,
Ту охир насли моро кони ганҷӣ.

***

Аё дилбар, намесозӣ ту ёдам,
Чаро ҳаргиз намефаҳмӣ ту додам?
Зи ҳиҷронат дили бечора нолон,
Ба гирди сар бубастам саллаи ғам.

***

Чи хушбахтам, туро дидам ба хобам,
Ки чанде кам бишуд дарду азобам.
Қадам ранҷа бифамудӣ ба кӯям
Ки пас фаҳмам на ком он аз саробам.

***

Диламро бурдаву бечора кардӣ,
Маро дар кӯи худ овора кардӣ.
Ба сад дар сар задам, аз ту дарак нест,
Ба ишқат мубтало якбора кардӣ.

***

Зи дарду доғи ту ҳаргиз нанолам,
Ту ҳастӣ ёри ман, аз ин биболам.
Ту бошӣ бахту иқболи баландам,
Набошад  мисли ту дигар ба олам.

***

Ту бошӣ дар барам, осуда гардам,
Зи толеъи хушам болида гардам.
Зи ғамҳои замон озод гашта,
Ҷамолатро ҳамеша дида гардам.

***

Намехоҳам ба пойи ту халад хор,
Бубинад ҷисму ҷонат дарду озор.
Шавам дарду балоятро чу марҳам,
Худам ҳастам бо ҳусни ту харидор.

***

Туро як дам намесозам фаромӯш,
Ки умре будаем бо ҳам ҳамоғӯш.
Бимонад ишқи мо то ин ҷаҳон ҳаст,
Суханҳоят нарафтаст аз бари гӯш.

***

Ту ишқи аввалу ҳам охири ман,
Ту монӣ дар ҷаҳон пас аз сари ман,
Магӯ, ҳаргиз намонад қиссаи ишқ,
Бимонад ишқи ту дар дафтари ман.

***

Бимондам сар ба болини вафоят,
Нахоҳам дар ҳаёт ҳаргиз ҷафоят.
Вафодори ту ҳастам то дами марг,
Зи худ ҳаргиз набинам ман ҷудоят.

***

Вафодорӣ намудан кори мард аст,
Ҳадиси бевафоӣ дон, ки дард аст.
Дар ишқи ошиқон дарзе наафтад,
Агар афтад, ҷаҳони ҳар ду сард аст.

***

Ба ту ҷонам фидо, эй ёри ҷонӣ,
Нигаҳдорат Худо, эй ёри ҷонӣ!
Ба ту бахшад Худо умри заминро
Фақат созам дуо, эй ёри ҷонӣ.

***

Биё ҷонам, гирифтори туям ман,
Хуморие ба рафтори туям ман.
Ҷудоӣ баҳри ман ҳамсанги марг аст,
Чунон пазмони гуфтори туям ман.

***

Зи ҳуснат қалбам ин гун гул шукуфон,
Биболад бахти ман гардад гулафшон.
Ҳаёти ман шавад доим баҳорон
Ту ҳастӣ бар тани фарсудаам ҷон.

***

Ту ҳастӣ, хонадон пурфайзу обод,
Дилам за дарду ғам гардида озод.
Ки ҳастам доимо саргарми меҳнат,
Ҳама аз бахти мо бошанд дилшод.

***

Худат ҳастӣ ба ман пушту паноҳе,
Чу мисли як фаришта бегуноҳӣ.
Пазирам то қиёмат аз ту ман меҳр,
Назар афкан ба сӯи ман ту гоҳе.

***

Дилам ҷӯшад зи ишқи зиндагонӣ,
Зи ишқи дилбари зебои ҷонӣ.
Чу шамсе пешвози ман барояд
Саҳаргоҳон гулам бо меҳрубонӣ.

***

Расад рӯзе миёни мо ҷудоӣ,
Нагӯӣ, ҳарфи ман бошад ҳавоӣ.
Дар ин олам ҳаёти мо муваққат,
Кунад бар мо ҷаҳон ҳам бевафоӣ.

***

Агар ҳозир ба ҳарфи ман диҳӣ гӯш,
Маро ҳаргиз насозӣ ту фаромӯш.
Ба васфат шеъри бисёре бигуфтам,
Биё, охир, туро гирам ба оғӯш.

***

Зи ишқи поки ту чун гул шукуфтам,
Тамоми сирри худ бар ту бигуфтам.
Биё, як дам дили манро бар даст ор,
Чизи беҳударо аз ту нуфуҳтам.

***

Биё, ки манзилам сард аст, дилбар,
Дилам ғарқобаи дард аст, дилбар!
Надорад раҳму шафқат фасли сармо,
Биё, ки ранги ман зард аст, дилбар.

***

Ба ҳоли ман бикун ту раҳму шафқат,
Ки кайҳо додаам аз даст тоқат.
Шудам бемору зор аз дасти ҳаҷрат
Зи хобу хӯрди ман бегона роҳат.

***

Ба ҳоли зори ман коре надорӣ,
Магар дигар сари ёрӣ надорӣ?
Хаёли ман гаҳе гардад парешон,
Магар аҳду вафодорӣ надорӣ?

***

Ба зери пойи ту сар мегузорам,
Дигар ёри диломе надорам.
Дили бечораам майли ту дорад,
Ба ҳусни беқиёсат зору зорам.

***

Зи ту маъмуру шод ин хонадонам,
Зи ту осоиши ҳар ду ҷаҳонам.
Чӣ мешуд ҳоли ман, гар ту набошӣ?
Ту ҳастӣ, ман ғаму кулфат надорам.

***

Ба аҳдам устуворам, дилбари ҷон,
Ба иқшат хору зорам, дилбари ҷон!
Накардам баҳри ту ман бевафоӣ,
Туро дӯстат бидорам, дилбари ҷон.

***

Ба роҳат интизорам, ёри ҷонам,
Ба лутфат чашмдорам, ёри ҷонам.
Битарсам, ки миёни раҳ намонӣ,
Ба аҳдам устуворам, ёри ҷонам.

***

Зи сӯзи ҷисму ҷон ҳолам хароб аст,
Дили садпораам охир кабоб аст.
Ба кӣ гӯям ҷафои дилбарамро?
Зи ҷабраш дидаам доим пуроб аст.

***

Дили бечораам пур аз гумон аст,
Чу мурғи парканида позанон аст,
Ки мондам бесаробон дар биёбон,
Ба кӣ орад шикоят? Безабон аст.

***

Зи ҳаҷрат хастаам, абрӯкамонам,
Ба ёди ишқи ту то кай бимонам?
Дили шайдои ман аз нав ҷавон шуд,
Расидан васли туро дар гумонам.

***

Баҳори ҷовидони ман ту ҳастӣ,
Хумори ҷовидони ман ту ҳастӣ.
Набошад бе ту як дам зиндагонӣ,
Ҳисори ҷисму ҷони ман ту ҳастӣ.

***

Биё дилбар, ки пазмони ту гаштам,
Аз аҳди бастам худ барнагаштам.
Бигӯ бар ман, чаро дилмонда гаштӣ?
Зи сад ҷурму хатои ту гузаштам.

***

Ту будӣ дилбари гулпарвари ман,
Ту будӣ рӯзи шабҳо дар бари ман.
Куҷо рафтӣ суроғатро биҷӯям,
Ягона дар ҷаҳон ту ҳамсари ман.

***

Бигӯ дарди дилатро,эй паризод,
Ту ҳастӣ мисли як парранда озод.
Агар дорам гунаҳ, кун ошкорам,
Шавад қасри дилам баргашта обод.

***

Куҷо донӣ, чӣ сирре дар дили ман?
Куҷо донӣ, чӣ тире дар дили ман?
Ба дил захмест, к-аз мижгони ёр аст,
Куҷо донӣ, кӣ бошад қотили ман ?

***

Ду дасту дидаам саргарми кор аст,
Сари пуршӯри ман дар зери дор аст.
Нависам номае бар насли фардо,
Ниҳоли навбарам дар зери бор аст.

***

Дар ишқи ҷонгудозат ман бисӯзам,
Ба роҳи гулшанат ман дида дӯзам.
Надонам, ки куҷо рафтӣ, кай ойӣ?
Зи ҳиҷронат сияҳ гардида рӯзам.

***

Ба дарди бедавоям ту давоӣ,
Ба чашми оҷизам нуру зиёӣ.
Набошад бе ту як дам зиндагонӣ
Саранҷоми ҳаёти ман ҷудоӣ.

***

Аё ёри азизу ботамизам,
Чӣ созам, ки зи ту дурам, азизам?
Ба қалбу ҳуши ман ту лона мондӣ,
Ба сар пӯшидаам ман тоқии ғам.

***

Биё, ҷоно ба назди ошиқи худ,
Замоне назди ту девонае буд.
Макун хор ин ғарибӣ бенаворо,
Ки бе лутфи ту хоҳад гашт нобуд.

***

Нахоҳам ишқи мо овоза гардад,
Кушояд мисли дар дарвоза гардад.
Ҳама дар парда хуб асрори ошиқ,
Нахоҳам ҳамчу пахта ғоза гардад.

***

Агар ёри вафодори ман астӣ,
Чаро гаштӣ зи аҳде, ки бубастӣ?
Чунин бошад тариқи ишқ варзӣ?
Зи чашми кӯрдилон ҷанона растӣ.

***

Баҳори ту гулафшон бод, ҷоно,
Ҷамоли ту нурашон бод, ҷоно!
Ҷамоли чун баҳори ту чӣ зебост,
Камоли ту дурахшон бод, ҷоно!

***

Шикасти мӯи ту мавҷи Зарафшон,
Илоҳо, бод бахти ту гулафшон.
Бигардид хира чашмони рақибон,
Ту ҳастӣ бо мани дилбаста, ҷонон!

***

Дилам дар доми зулфонат асир аст,
Дили ту мисли дарёи кабир аст.
Чӣ сон созиш намояд қалби моён:
Кабирӣ туву ин банда сағир аст.

***

Навозам қалби бедори туро ман,
Парастам чашми хуммори туро ман.
Барам лаззат зи рухсори гули ту,
Чашида шаҳди гуфтори туро ман.

***

Диламро бастаӣ бар тори мӯят,
Маро бинмудаӣ побанди хӯят.
Намехоҳам зи ту як дам ҷудоӣ,
Бимирам, гар набинам ҳусни рӯят.

***

Манам дилдодаи рӯйи сапедат,
Бирустам мисли лола бо умедат.
Агар ой ту рӯзе бар тамошо
Кунам таъзим мисли нахли бедат.

***

Парастам дилбари ширин забонам,
Зи ҳар чӣ монаму аз ту намонам.
Само бо моҳу хуршедаш чӣ зебост,
Ту шаб маҳ, рӯз хуршеди ҷаҳонам.

***

Баҳори умри ту бошад муборак,
Гули бехори ту бошад муборак!
Кунун, ки рӯзи мавлуди ту бошад,
Дили бедори ту бошад муборак!

***

Баҳори рӯзгорат бехазон бод,
Тану ҷони ту доим дар амон бод!
Бубин ту умри моҳу ахтаронро,
Ва ҷойи зистат рӯйи ҷаҳон бод.

***

Ту бошӣ дилбари бар дил қаринам,
Ту ёри аввалину охиринам.
Зи ту дар умри худ дурӣ наҷӯям,
Туӣ тоҷам, туӣ болонишинам.

***

Худо хайрат диҳат, эй дилбари ҷон,
Ту ҳастӣ, ҷисми ман бедарду дармон.
Бизӣ доим, бизӣ садсолаҳо ту,
Нагардӣ ту зи худ ҳаргиз пушаймон.

***

Ба ҳуснат ишқи беандоза дорам,
Ба васлат беқарору дилфигорам.
Шукуфад муғҷаи дил дар баҳорон,
Шуда борон ба боғи ту биборам.

***

Битобад мисли гул ҳусну ҷамолат,
Далолат медиҳад аз синну солат.
Туро ёд кардаву ҷустам суроғат,
Худо хоҳад, расӣ ту бар камолат.

***

Чӣ сеҳрангезу садранг ишқи дилбар,
Куҷо донем дунёяш саросар?
Ҷамоли ӯ ба дида ҷилва созад,
Латофатҳои ӯ созем азбар.

***

Биё, ҷонам, туро то хуш пазирам,
Туро, ҷонам, ба оғӯшам бигирам.
Бубин чанде, ки пазмони ту ҳастам,
Агар дар дераш кунӣ, танҳо бимирам.

***

Ту охир ҷону ҷонони ман астӣ
Ту ҳам дарду дармони ман астӣ.
Набошад бе ту ному ҳам нишонам,
Ту ному шӯҳрату ҷони ман астӣ.

***

Марав ҷонам, равад рӯҳи равонам,
Зи ҳар чӣ монаму аз ту намонам.
Ту ҳастӣ бар тани бемори ман ҷон
Набошад бар касе сирри ниҳонам.

***

Ҳаво сарду ту ҳастӣ навбаҳорам,
Гули садбарги пур аз баргу борам.
Ту ойӣ, хонаам гардад гулистон,
Ба дидори накӯят зору зорам.

***

Агар пирам, дилам ҳоло ҷавон аст,
Ба мисли рӯди шӯх рӯҳам равон аст.
Нагирам пириро ҳоло ба гардон,
Ки қалби поки ман ойинасон аст.

***

Накардам ман туро ҳайрону сарсон,
Ба ту умре будам гӯё саробон.
Раҳи умри накӯят бехатар бод,
Ки инро ман бихоҳам аз дилу ҷон.

***

Фидои ту бигардад ҷисму ҷонам,
Туро дар зиндагӣ танҳо намонам.
Ту  бошӣ тоҷу тахти ин ҷаҳон,
Ту ҳастӣ дилбари абрӯкамонам.

***

Зи корам борҳо гаштам пушаймон,
Шикастам аҳду паймонро гаҳе, ҷон.
Қасам хӯрдам ба назди ҷону ҷонон,
Пушаймонам, пушаймонам пушаймон.

***

Шавам борон, сару рӯят бишӯям,
Дили ошуфтаатро ман биҷӯям.
Марав аз худ, зи олам меравам ман,
Ба гӯшат ошиқона шеър гӯям.

***

Надорам шиквае аз зиндагонӣ,
Худат феълӣ бади манро бидонӣ.
Гаҳе шӯрам, гаҳе осудаҳолам,
Маранҷ аз ман, ба ҷисми ман ту ҷонӣ.

***

Гирифтори туям, эй ёри ҷонӣ,
Пас аз ман ҳам ту бояд зинда монӣ.
Дилам хоҳад, ки ҳамроҳи ту бошам,
Ки ишқи мо бимонад ҷовидонӣ.

***

Набинад ҳеч кас дарди ҷудоӣ,
Нагӯям бар касе ҳарфи ҳавоӣ.
Ҳама бошад ба ҷуфти хеш содиқ,
Шавем ҳар як ба ёри худ фидоӣ.

***

Дили бечораам дар изтироб аст,
Зи дасти ишқи нокомам кабоб аст.
Намедонам, ки ёри ман куҷо шуд?
Куҷо донад, ки ҳоли ман хароб аст.

***

Ду-се рӯз аст, к-аҳволам хароб аст,
Ду чашми пурхуморам пур зи об аст.
Нагаштам сер зи дидори ёрам,
Дили бечора гар ёбад, савоб аст.

***

Худоё бандаат танҳо набошад,
Агар бошад, зи ин дунё набошад.
Дилам тарс мекафад беҳ ҳеҷ шакке,
Агар дар хона он барно набошад.

***

Зи дарди ишқ сӯзад ҷисму ҷонам,
Ки гӯё рафтааст ҷону ҷаҳонам.
Ба чашмам оламе гардад хароба,
Надонам, бар куҷо ман сар бимонам.

***

Сарам гардад ба мисли чархи гардун,
Зи базми ёру дӯстон монда берун.
Зи кирдорам биранҷид ёри ширин,
Ғами деринаам гардид афзун.

***

Биё ҷонам, ки ҷоят дар дили ман,
Ба ту пешкаш макону манзили ман.
Марв аз ман, ки ҷонам мебарояд,
Агар хорам, ту шав доим гули ман.

***

Шикоят кай барам аз ту, парирӯ?
Ту ҳастӣ дилбари зебову хушрӯ.
Ба гирдад чарх занад сад ошиқи зор,
Худам гардам ба ту дилдору дилҷӯ.

***

Гузашт аз сар баҳори навҷавонӣ,
Куҷо рафту чи шуд бар ӯ, надонӣ.
Фақат донам баҳори гулфишон буд,
Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ...

***

Бубин, умри азизи ман адо шуд,
Надонам, ки пас аз онон чиҳо шуд?
Ки роҳам мебарад бар мулки нестӣ,
Ҳама буду набуди ман куҷо шуд?

***

Биё, ҷонам, каме бо ҳам бигардем,
Дар ин олам каме беғам бигардем.
Мисоли шамъ умри мо шавад кам,
Биё, ки доимо ҳамдам бигардем.

***

Надорам тоқати дурӣ, паризод,
Насиби ту бувад бахти худодод.
Биё як дам лаби дарё нишинем,
Ману туро дигар модар намезод.

***

Ту ҳастӣ ҷони ман, ҷононаи ман,
Миёни дилбарон фарзонаи ман.
Дар ин базми шабона шодмонам,
Ту ҳастӣ шаҳсутуни хонаи ман.

***

Аё, эй дилбари ошуфтаҳолам,
Зи дарду доғи ту ман чун нанолам?
Кӣ рӯзи равшанатро сип-сияҳ кард?
Хабар дорам, худам донам чӣ ҳолам.

***

Пару болам ту ҳастӣ, дилбари ҷон,
Сари фолам ту ҳастӣ, дилбари ҷон.
Туро дар умри худ танҳо намонам,
Сари солам ту ҳастӣ, дилбари ҷон.

***

Набошад ёри мо ранҷидахотир,
Ва ё дар ғайби мо гардад хавотир.
Ба фармони дилаш омода ҳастем,
Насозем мо гуноҳ аз хеш содир.

***

Ғаму андӯҳи дунё бори сар шуд,
Тани ранҷури манро дарди сар шуд.
Набошад ҳеч халосӣ аз чунин бор,
Ки ин рӯзам зи дирӯзам батар шуд.

***

Шаби ҳиҷрон даруни оташам ман,
Азоби ду ҷаҳонро мекашам ман.
Зи ҳолам бехабар он ёри бемеҳр,
Ки баҳраш рӯзу шаб заҳмат кашам ман.

***

Маро бар доми зулфат банда кардӣ,
Ба ишқи поки худ оганда кардӣ.
Кунун аз ту надорам ман ҷудоӣ,
Миёни ошиқон шарманда кардӣ.

***

Аё дилбар, маро девона кардӣ,
Диламро бурдию бегона кардӣ.
Миёни мову дил афтод ҳиҷрон,
Намедонам, ки кай ҷонона гардӣ.

***

Зи лутфат мешавад қалбам гулистон,
Зи ҳуснат мешавад хона нурафшон.
Ту ҳастӣ дилбари фарзонаи ман,
Ту ҳастӣ додаи мулки Зарафшон.

***

Аё дилбар, чаро аз ман гурезӣ,
Гаҳе дилро барӣ, гоҳе ситезӣ?
Ба доми зулфи ту афтодаам ман,
Зи ту тарсам, ки хуни ман бирезӣ.

***

Чаро бераҳмӣ ту, эй дилбари ҷон,
Ба дарди ман намегардӣ ту дармон?
Надонам, дар куҷоӣ, камнамоӣ,
Биё, зудтар ба назди ёри армон.

***

Биё зудтар, гули садбарги боғам,
Бикобию намоӣ то суроғам.
Ғарибу бекасу ҳам нотавонам,
Надорад шӯълае шамъу чароғам.

***

Гаҳе аз ту равам бар шаҳри дигар,
Шавад андӯҳу ғам шояд, ки камтар.
Кашад бар сӯи худ боз ишқи дилбар,
Ҳаёти ман шавад аз буда бадтар.

***

Надорам тоқати аз ту ҷудоӣ,
Набошад ишқи ман пучу ҳавоӣ.
Бубин, ман ҳам ба мислат бандаи ишқ,
Надорам хислати дилбаргадоӣ.

***

Макун ишқи маро ту хору зоре,
Надорам бо касе ман кору боре.
Бубин, доим гирифтори ту ҳастам,
Набошам бар кафи пойи ту хоре.

***

Дилам шайдои шеъри тозаву тар,
Кунам иншо ба васфи ишқи дилбар.
Шавад шевотарин шеъре ба дунё,
Шукуфад қалби ӯ чун лола аз сар.

***

Надонам, ки савоби ман чӣ бошад,
Шудам ошиқ, гуноҳи ман чӣ бошад?
Агар донӣ, бигӯ дилбар, якояк,
Ба ту гӯям, ҷавоби ман чӣ бошад.

***

Зи наклат дафтари қалбат бихондам,
Шунида ҳарфи ту ҳайрон бимондам.
Шудӣ ошиқ, чаро бар ман нагуфтӣ?
Кунун, ҷонам, ба ту уммед бандам.

***

Маро бебода карда ишқи покат,
Фаровард аз само бар рӯи хокат.
Шудам ошиқ, маро маъзур дорӣ,
Бадон, рухсораи ҳамранги нокат.

***

Шабу рӯзон ба роҳат интизорам,
Биё, зудтар ба наздам, гулбаҳорам.
Гули парвардаам ту ҳастию ту,
Шавам борони раҳмат, бар ту борам.

***

Зи ҳар ки монаму аз ту намонам,
Ғарибу бекасу ҳам нотавонам.
Дигар ёру қарине ман надорам,
Ту ҳастӣ сарпарасти ҷисму ҷонам.

***

Ду абрӯят, ду боли орзӯям,
Нигаҳ дорӣ фақат ту обрӯям.
Гумон созам, ману ту як тану ҷон,
Ба ту ҳарфи дурӯғеро нагӯям.

***

Гули рӯят бувад ҳусни баҳорон,
Бубахшад рангу бӯяш резаборон,
Шудам шайдо ба ҳусни дилрабоят,
Зи ишқи ҷонгудозат дил хурӯшон.

***

Азоби ман зи ишқи бебарорам,
Зи сӯзи қалби худ дуде барорам.
Шудам пазмони чашмони хумораш,
Равад аз умри ман фасли баҳорам.

***

Куҷо рафтӣ, куҷо рафтӣ, нигорам,
Зи ҳаҷрат нотавону дилфигорам.
Дилам хоҳад ба назди ман ту бошӣ,
Туро аз ҷони худ боло гузорам.

***

Ба ишқат ҷону тан, ёро, фидо бод,
Ба дарди бедавои ман даво бод.
Набошад зиндагӣ бе ишқи покат,
Ки ёри мо ба ду дунё Худо бод.

***

Ғами ишқат давои дарди ман бод,
Ба ин ранҷи накӯ ҷонҳо фидо бод.
Ба ишқи ёри худ ман зинда ҳастам,
Ба ҳаққи дилбарам садҳо дуо бод.

***

Биё, инак, баҳор омад, гули ман,
Ба деҳқон вақти кор омад, гули ман.
Ниҳоли бахт, ки корида будем,
Биё, инак, ба бор омад, гули ман.

***

Ту ҳам боре намо раҳме ба ҷонам,
Биё, эй дилбарам, танҳо намонам.
Шудам зиндоние дар хонаи худ,
Чу танҳо монда рафтӣ хонадонам.

***

Биё, ки дилбарам, зору низорам,
Агарчӣ зиндаам, по дар мазорам.
Зи дастам буду нобудам бирафта,
Сари роҳат нишаста интизорам.

***

Баҳори бехазони ман ту ҳастӣ,
Ҳамон рӯҳи равони ман ту ҳастӣ.
Агар рӯзе бичӯӣ ту ҷудой,
Хазони ҷовидони ман ту ҳастӣ.

***

Гули зебои рӯяш бахазон аст,
Намоён гирди он рангинкамон аст.
Чӣ зебову чӣ дилкаш дилбари ман,
Ба ҷисми бемадорам ҳамчу ҷон аст.

***

Биё, дилбар, ки имрӯз иди Наврӯз,
Ба базми мо ғарибон шӯъла афрӯз.
Шукуфта ғунчаи дил мисли гулҳо,
Нишинем мо сари сӯҳбат шабу рӯз.

***

Ба шаҳрат омадам, сарсон бигаштам,
Куҷо буд манзилат, пурсон бигаштам.
Надидам рӯйи ту, эй моҳи пурнур,
Зи ҳаҷрат сӯхтам, бирён бигаштам.

***

Дили бечораам дар дасти ту буд,
Дили садпораам дар дасти ту буд.
Намедонам, чӣ кардӣ бо дили ман?
Дили овораам дар дасти ту буд.

***

Куҷо донам, насиби ман ту будӣ,
Кучо донам, ҳабиби ман ту будӣ.
Агар рӯзе намоям бевафоӣ,
Кучо донам, рақиби ман ту будӣ.

***

Биё, эй дилбари хонанишинам,
Рухи бепардаатро сер бинам.
Туро манзил бувад дар хонаи дил,
Бароят даста-даста гул бичинам.

***

Нигоро, ман туро дар хоб дидам,
Даруни киштие дар об дидам.
Чу моҳӣ сар задам дар мавҷи дарё.
Кушода чашми худ Маҳтоб дидам.

***

Рухат чун кулчаи ширмоли модар,
Зи нураш хира тобад шамси Ховар.
Шудам бе бода масти ҳусни рӯят,
Ба ту ошиқ шудам, эй ғунчаи тар.

***

Фаромӯшам макун, эй ёри ҷонӣ,
Зи ҳар чӣ мониву аз ман намонӣ.
Бароят садқа бод ин сар, ки дорам,
Фақат қадри маро худ ту бидонӣ.

## ПИРНОМА

Мубарроӣ зи нуқсонҳо, Худоям,
Худои ростини бовафоям.
Ба Ту бошад инону ихтиёрам,
Агар дорам гунаҳ, деҳ Ту ҷазоям.

***

Худоё, бар Ту иймон оварам ман,
Ба ҳар ҳарфу ҳиҷоят боварам ман.
Касеро кай парастам ғайру Ту ман?
Ҳама ҳоҷат ба наздат мебарам ман.

***

Худоё, Ту ягона дар ҷаҳонӣ,
Ба ҳар кори ҷаҳон Ту нуқта монӣ.
Ту дорӣ қудрати бемислу монанд,
Намонад ҳеҷ чизу кас, Ту монӣ.

***

Ба номи поки Ту хонам намозам,
Намозам тарк ҳаргиз ман насозам.
Расад бар пиру барное савобаш,
Ба сура то шавад як сурае зам.

***

Худои меҳрубон, деҳ ризқу рӯзӣ,
Пагоҳу пешину бегоҳрӯзӣ.
Барои мо куҷо ғамхори дигар,
Чароғи бахти моро худ фурӯзӣ.

***

Накардам ман қазо ҳаргиз намозам,
Агар шахсе кунад, бо ӯ насозам.
Кунад ҳар кас чунин расму амалро,
Кунам ҳар лаҳза ӯро сахт мулзам.

***

Хаёлам мебарад то Каҳкашонҳо,
Чӣ бошад дар замину осмонҳо?
Надорад ин суоли ман ҷавобе,
Вале бошад ба дил садҳо гумонҳо.

***

Агар донӣ, намозхонӣ савоб аст
Ба фармонҳои пайғамбар ҷавоб аст.
Намозашро насозад тарк муслим,
Кунад боре, дар он дунё азоб аст.

***

Парастам дини Ислом аз дилу ҷон,
Бубин, бандай Худоям ман, мусалмон.
Яке насрониву дигар яҳудист,
Бубахшо, эй Худо, бар ман деҳ иймон.

***

Магӯ дигар маро ҳаргиз ту кофир,
Расонад бар ману ту сахт таъсир.
Худо моро мусалмон офарида,
Ҷавоби қатъиям ин аст, тақсир!

***

Биҳамдиллаҳ, мусулмонам, мусулмон,
Шумо ҳам хуб донед, эй ҷанобон!
Ки моро офарида Холиқи пок,
Ба мо тӯҳфа намуд ӯ ҷилди Қуръон.

***

Касе дар манзиле бошад намозхон,
Чароғе ҳар саҳар гардад фурӯзон.
Тамоми хонадон бошад саҳархез,
Бигардад ризқу рӯзияш фаровон.

***

Худат ҳастӣ балогардони мардум,
Барои одамони гашта раҳгум.
Кушо роҳи ҳама бечорагонро,
Нагарданд аз буду нобуд маҳрум.

***

Худовандо, Ту роҳи бехатар деҳ,
Ба солеҳ бандагони худ зафар деҳ.
Расад ҳар як ҷавон бар соли пирӣ,
Ба ӯ умри дарози пурсамар деҳ.

***

Намози ҷумъа дорад файзи дигар,
Савобаш аз ҳама бошад калонтар.
Бишав ҳамроҳи ман дар ин ҷамоъа,
Намози пурсаоберо кун ту азбар.

***

Мусулмонон, инон бар Каъба оред,
Зи фардои худ ар уммед доред.
Худо ҳар гаҳ нигаҳдори шумо бод,
Ҷамолашро шумо пазмону зоред.

***

Мусулмонӣ магӯ ки кори осон
Зи дастат ҳеҷ наафтад ҷилди “Қуръон”,
Ҳама ҳифзаш намоянд ганҷи онро
Намонад дар ҷаҳон бебаҳра аз он.

***

“Намондаст дар ҷаҳон марди мусулмон ”,
Бигӯянд душманон хандида ҳар он.
Кӣ ҳастам ман, агар нестам мусулмон?
Ба дастам бинӣ ту ҳар рӯз Қуръон.

***

Ба охир мерасад роҳи ҳаётам,
Ба дар ангушт зад арзи мамотам.
Гузашт умри азизам мисли тире
Ба дил афтода кайҳо аст мотам.

***

Худо хоҳад, шавӣ пирӣ бадавлат,
Бупарҳезӣ зи кибру ҳам зи савлат.
Мақоми мӯсафедӣ орӣ барҷо,
Набошӣ рӯ ба рӯ бо дарду иллат.

***

Наҷоти мӯсафедон гашта парҳез,
Намояд умри эшон сабзу саррез.
Диҳад умри дубора баҳри онҳо
Худо бахшад гуноҳи ҳар саҳархез.

***

Макун канда намозат, эй мусалмон,
Биёвар ту ба исломи худ иймон.
Бубахшад ҳар гуноҳатро Худованд,
Набигзор аз кафи дастон-т Қуръон.

***

Агар хонӣ шабу рӯзон ту Қуръон,
Шавад бахтат ба мисли моҳ тобон.
Кунӣ азбар тамоми сураҳоро,
Шавӣ бешубҳа доно як мусулмон.

***

Парастад ҳар мусулмон дини Ислом,
Ки дорад шӯҳрату шон, дини Ислом
Набошад дар ҷаҳон ғофил зи Қуръон
Фурӯғи қалби инсон – дини Ислом.

***

Муҳаммад Мустафо пайғамбари мо,
Битобад мисли шамсе бар сари мо.
Расули Акрам аст аҳли ҷаҳонро,
Ба ду дунё бувад ӯ сарвари мо.

***

Муҳаммад сарвари Исломи дин аст,
Расули барҳақе бар муслимин аст.
Ҳама пиру ҷавон худ уммати ӯст,
Муҳаммад сарвари обу замин аст.

***

Ба номат, эй Худо, ҳар як намозам,
Фаромӯш ман туро асло насозам.
Ту худ ҳастӣ нишони ҳар ибодат,
Ту бошӣ лоиқи розу ниёзам.

***

Чӣ ноором буд даври замонат,
Зи сабза бештар барги хазонат.
Ту овардӣ ба олам Сулҳу ваҳдат
Гузошта ҷисму ҷонро ту амонат.

***

Ба мисли шамъ сӯзад ҷисму ҷонам,
Яқин донам, ки то фардо намонам.
Валекин достонам нотамом аст,
Бидеҳ фурсат, ки бар он нукта монам.

***

Ту ҳастӣ раҳнамои сулҳу ваҳдат,
Ту ҳастӣ сарвари шоҳону давлат.
Ту охир беҳтарин ёри Худоӣ,
Ба дил парвардаӣ бахту саодат.

***

Наҷот деҳ одамиро аз ҳалокат,
Наборад бар сари инсон фалокат.
Ҳама аз ҷанги ядрой хавотир,
Насозад одамӣ дар ҷанг тоқат.

***

Ту будӣ марди доно, худшиносе,
Далеру паҳлавону беҳаросе.
Набуда дар дилат кину адоват
Ба ин буд покият равшан асосе.

***

Мапиндорӣ маро аз хона безор,
Гаҳи бинӣ ба кӯча, гаҳ ба бозор.
Пайи коре равам ҳар дам ба ҳар сӯ,
Нашинам як даме дар хона бекор.

***

Худо хоҳад, сари коре бигирам,
Ки ҳоло байни бекорон асирам.
Ғаму дарде бикарда хонанишинам,
Сағире будаму ҳоло кабирам.

***

Бишав мисли дигарҳо марди майдон,
Ба дарди бенавоён гашта дармон.
Ба дунё омадӣ, кори савобе
Бидеҳ анҷому номи неки худ мон.

***

Аё қалбам, гаҳе бар тан асар кун,
Ғаму дарди зиёдам мухтасар кун.
Даме дар зиндагӣ осуда гардам,
Роҳи пешинаатро ту дигар кун.

***

Худат поку худат танҳо, Худоё!
Гуноҳи бандагонатро бубахшо!
Агар кардам хатое, бошам иқрор
Гуноҳи вазнине онро махоно!

***

Надониста кунам ман як гуноҳе,
Ва ё гардам зи сарсонӣ зи роҳе,
Дар ин ҷо айби ман бошад тасодуф,
Ки худ донам, шавад ҳолам тобоҳе.

***

Агар маргам расад, бар хок монед,
Ба маҳфилҳо маро мурда нахонед.
Нагардам аз шумо як лаҳзае дур,
Кунед раҳму зи дар берун намоед.

***

Чӣ безорам зи шахсони мунофиқ,
Намояд хислати онҳо мувофиқ.
Ба як тин мову туро мефурӯшанд,
Нагарданд то қиёмат дӯсти содиқ.

***

Насозам мо ҷудо неку бадонро,
Зи қалби худ барорам он гумонро.
Ҳама фарзандҳои Одам астем,
Баҳам орем аҳли ин ҷаҳонро.

***

Ҳама дар назди Яздон бандагонем,
Ҳама бошандагони як ҷаҳонем.
Миёни одамон фарқе набошад,
Агар фарқе бувад, он дар забонем.

***

Набошад зиндагӣ ҷои фароғат,
Шабу рӯзе кунӣ ту истироҳат.
Бикун ҷаҳде ту андар зиндагонӣ,
Нагардад давлати зоянда ғорат.

***

Магӯ, ки умри мо охир надорад,
Агар гӯӣ, ба яздонат нафорад.
Намонӣ дар ҷаҳон поянда ҳаргиз,
Ба сар тухми аҷал пайваста дорад.

***

Агар аз кори худ гардӣ пушаймон,
Макун такрор, бошад кори ҳайвон.
Чу бад кардӣ, бидон, ки ту гунаҳкор,
Набахшанд он гунаҳро ҳеҷ осон.

***

Машав нону намак ту бо хасисон,
Машав ёри қарин ту бо ҳарисон.
Шавад ҳар луқмаат заҳру зақуме,
Агар хӯрдӣ зи хони он хабисон.

***

Баробар кай бувад бо мо ҳасудон,
Ки ҳар як лоиқи заҳдони зиндон.
Кунанд ҳатто зи фарзандон шикоят
Чӣ ҳайф аст номи инсонӣ ба онон.

***

Адолатпарварӣ бар шоҳ зебад,
Қадам монад зи онҷо гул бирезад.
Агар золим бувад шоҳи замона,
Ба зидди халқи бечора ситезад.

***

Агар аҳде бубастӣ, рав, вафо кун,
Кунад арзу шикоят, ту садо кун.
Бигир аз дасти афроди дилафгор,
Тавонӣ, дардҳошонро даво кун.

***

Надорам тоқати ранҷи ҷудоӣ,
Накардам бар касе ман бевафоӣ.
Агар аҳде бубастам, содиқ астам,
Нагӯям бар касе ҳарфе ҳавоӣ.

***

Ба ту таъзим созам, марди деҳқон,
Ту ҳастӣ қаҳрамону марди майдон.
Зи дастат хони мардум пур зи нон аст,
Ба ту бодо ҳазорон шӯҳрату шон!

***

Гузашта умри мо дар бехудиҳо,
Гаҳе дар буду гаҳ дар нобудиҳо.
Нафаҳмидам, куҷо шуд моҳу солҳо
Набуд холӣ басе аз камбудиҳо.

***

Ту ғамхорӣ ба шогирдон, Муаллим,
Миёни дигарон пурдон, Муаллим!
Кушоӣ ҳар гиреҳи илму ирфон,
Зи қалби ҳар яке ҳолдон, Муаллим!

***

Чӣ осон мерасад даврони пирӣ,
Зи умри рафтаат ибрат нагирӣ.
Бимонад одамӣ дар доми ғафлат,
Кашад бар доми худ дарди асирӣ.

***

Мақоми мо баланд аст у баланд аст,
Ва ному шӯҳрати мо бегазанд  аст.
Надонад ҳар касе таърихи моро
Ба зиндони ҷамолат  басту банд аст.

***

Ҳадиси мову ту ҳаргиз ниҳон нест,
Ҳамон коре, ки мо кардем, гумон нест.
Баҳо бар мо диҳад наслу насабҳо,
Ки бурду бохтҳои мо гарон нест.

***

Наборад бар сарам санги маломат,
Ки бошад ҷисми ман сиҳҳат-саломат.
Маранҷондам ягон мӯру малахро
Надорам тарсу ларзе аз қиёмат.

***

Агар мардӣ, ба кас роҳатрасон бош,
Ту доим дар ғами заҳматкашон бош.
Агар шоҳӣ ва ё як фарди оддӣ,
Ҳамеша дар қатори мардумон бош.

***

Надорам аз касе арзу шикоят,
Напурсам аз касе ҳаргиз ҳимоят.
Ба даст орам дили пиру ҷавонро,
Чаро созам ба аҳди худ ҷиноят?

***

Мусулмонон, маро маъзур доред,
Ба роҳам тухми тӯҳматро накоред.
Агарчанде, ки ман ринди харбот,
Ба панду ҳикмати ман зору зоред.

***

Ҳама фикру хаёлам дарбадар буд,
Ғами олам, ғами одам ба сар буд.
Надоштам ман ягон дам хотири ҷамъ
Умеду орзӯям бесамар буд.

***

Замоне дар ҷаҳон Гулзодае буд,
Гаҳу ногаҳ ба кайфи бодае буд.
Гирифта ибрате аз панди Хайём,
Ба шеър устоду фарди соддае буд.

***

Нададам умри худ беҳуда барбод,
Бикардам зиндагӣ ҳушёру озод.
Биҷустам дурӣ  аз мардони беғам,
Бикардам гӯшаи мулки худ обод.

***

Туфу гуфтам ба ин чархи ҷафокор,
Туфу гуфтам ба ин даври пурозор.
Гаҳе рӯзам сафеду гаҳ сияҳ буд,
Туфу гуфтам ба ин ҳоли гирифтор.

***

Гаҳе сиҳҳат, гаҳе бемор будам,
Гаҳе ҳунёру гаҳ хуммор будам.
Басе пурӣ, басе хорӣ бидидам,
Ба марги ногаҳонӣ зор будам.

***

Ба роҳи охират ҳамроҳ бошем,
Зи қайди раҳравӣ гумраҳ набошем.
Яке бар дигаре дар раҳ асоем,
Ба чашмони сияҳ мо нур пошем.

***

Ману ту дар миёни ғурбат астем,
Ба қавли душмане беҳурмат астем.
Надонем ҳолати душман чӣ бошад?
Ба назди қавми худ боиззат астем.

***

Набошад мактаби ахлоқу одоб,
Набинӣ инчунин мактаб ту дар хоб.
Ҳаёт бошад ба ин мактаб асосе
Чунин ганҷро ту дар боби китоб коб.

***

Бихоҳам, ки шавӣ аз ғам ту озод,
Бинои зиндагиро созӣ обод.
Бикун коре, ки он арзанда бошад,
Бизӣ охир ту ҳам чун одамизод.

***

Аз он ҳарфу ҳиҷоям гаштӣ ношод
Бикун коре, набошӣ кам зи Фарҳод.
Яқин донам, ки аз карда пушаймон
Бикун парвоз мисли мурғи озод.

***

Ба кӣ гӯям аламҳои диламро,
Муммои гарони манзиламро?
Нашуд обду зебо дар ҳаётам
Ба ғорат бурданд обу гиламро.

***

Қаноат кардаам бар обу ноне,
Ва коре доштам вақту замоне.
Кунун олам дигар гашту замон ҳам,
Қаноатро надонад ҷисму ҷоне.

***

Агар бекор гардӣ, хору зорӣ,
Шуда расми замона мардикорӣ.
Фурӯши меҳнатат дар мулки дигар,
Илоҷи дигаре ҳаргиз надорӣ.

***

Насозам нокасеро ман навозиш,
Ва ё шоҳу гадоеро ситоиш.
Чу ёру душманамро мешиносам,
Раво бошад ба ҳар як кор санҷиш.

***

Магӯ, ки шоирон дарде надоранд,
Барои матлабе ҳарфе надоранд.
Зи мо пурсанд андӯҳу ғамонро,
Ғаму дарди замон бар дӯш доранд.

***

Замоне хом будам, пухта гаштам,
Зи роҳи зиндагонӣ пас нагаштам.
Дарахти умри ман пурбор гардид,
Фараҳмандам кунун бо бори киштам.

***

Бихоҳам, ки набошад кулфату ғам,
Яке аз дигаре ҳаргиз мабод кам.
Ҳама халқи ҷаҳон гардад баробар,
Бигардад дар ҳаёт сарсабзу хуррам.

***

Равам ҷое, ки он ҷо ғам набошад,
Нишон аз оламу одам набошад.
Гулистоневу як соҳибҷамоле,
Дилам аз ишқи покаш кам набошад.

***

Дили бемори манро марҳаме нест,
Дар ин ғамхонаам як маҳраме нест.
Намедонам, ба кӣ гӯям сирамро?
Дар ин олам маро як ҳамдаме нест.

***

Бало борад ба сар аз чархи гардун,
Дилу дида зи ҷабраш гашта пурхун.
Нишони дарду ғам гирди тану ҷон,
Бихоҳам, ки равам аз давра берун.

***

Зи мо рӯ тофта айёми равшан,
Ба дида кай битобад ранги гулшан?
Ту гӯӣ дар баҳор фасли зимистон,
Набошад гармие дар ҷисму дар тан.

***

Агар мардӣ, гаҳе мардонагӣ кун
Зи ишқи дилбаре девонагӣ кун.
Ба аҳди додаат умре вафо кун,
Ба базми ошиқон фарзонагӣ кун.

***

Бузургони ҷаҳон ангуштшуморанд,
Ба насли одамӣ кина надоранд.
Агарчӣ дар ҳаёт мушкилкушоянд,
Ҳамеша хешро оддӣ шуморанд.

***

Гуноҳи дигарон сарбори мо шуд,
Хунук дар назди он дидори мо шуд.
Надонам, дар куҷо бошад ҳақиқат?
Ки зидди қонуне гуфтори мо шуд.

***

Куҷо донам, мусулмон ё ки кофир,
Ҳама пиру ҷавон бошад мусофир.
Замин бошад макони кулли мардум,
Ки рӯзе меравем баоҳукми тақдир.

***

Зи ҳадди одамӣ берун нарафтем,
Зи қалби беқарор ҳарфе нагуфтем.
Ба ризқи додааш кардем қаноат ,
Ба боғи зиндагӣ чун гул шукуфтем.

***

Агар афтам, шумо дастам бидоред,
Ба лоқайдӣ паси сарро нахоред.
Расад рӯзе, бигирам дасти ёрон,
Чунин панде ба гӯши худ бидоред.

***

Накардам бар касе арзу шикоят,
Бикардам аз замони худ ҳикоят.
Чӣ хуб буду чӣ бад буд, ман надонам,
Гузашт умри азизи ман ниҳоят.

***

Ғами худ мехурад сардори имрӯз,
Ки гӯё марди майдон гашта пирӯз.
Чӣ донад ҳолу аҳволи дигарҳо,
Шавад бадтар замона рӯз то рӯз.

***

Бидидам сарвару оқил надидам,
Миёни раҳбарон одил надидам.
Набошад ҳеҷ як ғамхори халқаш,
Сухангӯ дидаму омил надидам.

***

Гунаҳ нокарда доим мо гунаҳкор,
Сари мо домо зебандаи дор.
Чунин бошад, бидонӣ, ҳукми сардор,
Кунад қонуни давлат моли бозор.

***

Гумон созӣ, ки мо дарде надорем,
Сару гардан дигарбора нахорем.
Даруни синаи мо кони дард аст,
Ба мисли ашки ғам аз дида шорем.

***

Гаҳе шоду гаҳе мотамсароем,
Аз ин ҷода чӣ гуна мебароем?
Ту гӯӣ, бар масал зиндониёнем,
Суруди ҳузнро гоҳе сароем.

***

Бигӯ, эй дӯстам, аз ман чӣ хидмат?
Бифармо, то намоям хайру ҳиммат.
Ҳама молу манолам аз ту бодо,
Ту бошӣ бар сарам доим саломат.

***

Зи бӯйи бода сархушгаштагонем,
Дар ин олам ҳама саргаштагонем.
Нахӯрда бода аз хумми замона,
Ба оби чашмаи худ ташнагонем.

***

Зи тақдирам нанолам, эй бародар,
Ки дорам хоҳару ҳам чанд додар.
Ҳама дар гирди сар парвона ҳастанд,
Ҳамин бошад дар олам давлати сар.

***

Зи нодон оламе гардад хароба,
Ба мисли қуттиву чархи ароба.
Ба як нуқта занад чархе чу паргор,
Чу ревоче бимонад зери тоба.

***

Худоё, бандаро аз ғам раҳо кун,
Ва қалби пурғамамро пурсафо кун!
Накардам бар касе ҷабру ҷафое,
Ба дарди бедавои ман даво кун!

***

Бихоҳам, бошӣ ту бедарду беғам,
Набошӣ хору зору аз касе кам.
Макун ҳаргиз ҳавас бар моли дунё,
Дар ин дунё бизӣ сарсабзу хуррам.

***

Шавӣ халқи азизам, хонаобод,
Бигардӣ доимо аз ғусса озод.
Ба ту бахти накӯ гардид муяссар
Сари сахти ту доим дар амон бод.

***

Худо кай медиҳад умри дубора?
Набошад солу моҳаш бешумора.
Биё, ҷонам, ба қадри зиндагӣ рас,
Пиёда мешавад рӯзе савора.

***

Набошад нони гарме чун зағора,
Ки ҳарду аз хамири як тағора.
Ба тамъу бӯй бошад фарқи онҳо,
Биё, ҷонам, ба ту гӯям дубора.

***

Гумон созӣ, ки ман бечора ҳастам,
Ба даври пириам бекора ҳастам,
Бубин, ҳам қалам бошад ба дастам
Камар бар касби худ дубора бастам.

***

Маро ҳаргиз дигар танҳо намонед,
Маро, гар дӯстед, душман наҳонед.
Тамоми умри ман сарфи шумо шуд,
Шумо афкори манро хуб донед.

***

Шумо аз баҳри ман беҳтар зи ҷонед,
Маро ҷону ҷигар бояд бихонед.
Намоям хизмати халқу Ватанро,
Шумо бечорагонро посбонед.

***

Басо шахси дилозорӣ, бародар,
Агар чӣ бо ту ҳастам ман баробар,
Гаҳе беҳурматӣ ту менамоӣ,
Бипарронӣ ҳушамро гоҳе аз сар.

***

Бикун кори савобе баҳри инсон,
Ҳама рафторро аз рӯйи иймон.
Намонад як касе дилмонда аз ту,
Туро то дӯст доранд аз дилу ҷон.

***

Барои ҳар яке ту ҷону ҷонон
Агар дорӣ ба дил ту дину иймон.
Надеҳ ту бар касе як заррае ғам,
Чунин бошӣ ҳақиқӣ ту мусулмон.

***

Магӯ, ки меравӣ рӯзе аз олам,
Агарчи будаӣ ту нақши одам.
Машав садди раҳи дуру дарозам
Барои кору борам фурсате кам.

***

Ҳама асрори олам мо надонем,
Китоби зиндагиро мо нахондем.
Ҳама кори ҷаҳон гашта муаммо,
Ҳали ин масъала бар кӣ бимонем?

***

Ҳама дорад ҳуқуқи зиндагонӣ,
Кӣ инро худ зи ман беҳтар бидонӣ.
Чаро баъзе ба ҷони мо кунад қасд?
Ту фикри бикри ӯ ҳаргиз надонӣ.

***

Макун коре, агар бошад табоҳӣ,
Марав ҷое, агар бошад гуноҳе.
Бикӯш бар зиндагии софу беғаш,
Биандеш аз Қиёмат гоҳ-гоҳе.

***

Агар ҳофиз туӣ, созу наво кун,
Ба ҳаққи шоирон доим дуо кун.
Нависам беҳтарин шеъру ғазалро,
Ба мардум хондаву шӯре бапо кун.

***

Ба қадри одамӣ дар зиндагӣ рас
Дар ин маврид надорам бо касе баҳс.
Нафаҳмад мурдае бонги Азонро
Бувад ин панди зинда баҳри ҳар кас.

***

Набошад файзи шаҳр андар биёбон,
Биёбон бошадаш мавтан ба ҳайвон.
Ҳама илму адаб хоса ба шаҳр аст
Ба ин дода баҳо аҳли бузургон.

***

Чӣ буда дар бисотам, бар ту гуфтам
Рубоӣ, шеъру дубайтӣ бисуфтам.
Агар хоҳӣ, бихон ту дафтари ман
Расад вақташ ба хоки тар биуфтам.

***

Макун бовар ту бар марди қаландар,
Нагардад ӯ ба ту ёру бародар.
Ба сад гулах агар оташ намонад,
Бисӯзад манзили худро саросар.

***

Ба чашми фозилон олам гулистон,
Ҳама дашту биёбон ҳамчу бӯстон.
Набошад оламе ҳаргиз хароба,
Замин дар назди онҳо ҷаннатистон.

***

Бикун бовар ба таълими муаллим,
Ба мову ту диҳад ҳар рӯза таълим.
Ҳама ҳарфу ҳиҷояш аз китоб аст,
Агар гӯшу ҳушӣ, гардӣ ту олим.

***

Баромад ин саҳар хуршеди иқбол,
Баровард қалби беморам пару бол.
Бишуд оғози касбу кори пешин,
Шудам аз меҳнати имрӯза хушҳол.

***

Биафзояд маро пайваста корам,
Намонад дар сари роҳе, ки борам.
Зи он шодам, ки мӯҳтоҷи  касе не
Зи касбу кори худ дар ифтихорам.

***

Ғулом он кас бувад, к-ӯ бесавод аст,
Зи дасти дигарон пурдарду дод аст.
Наёбад дар ҳаёт мавқеъи худро,
Тамоми умри ӯ бар дасти бод аст.

***

Нахобанд оқилон дар рӯзи равшан,
Ба мисли нахли хушки боғу гулшан.
Ҳамеша дар такопӯ аз пайи кор,
Шавад ободу зебо мулки кӯҳан.

***

Ҳама безор з-афроди дилозор,
Ки гӯӣ, ҳар яке даллоли бозор.
Якеро созаду сӯзад дигарро,
Чунин инсон надорад номусу ор.

***

Мабар ҳоҷат ба назди нокасон ту,
Макун қарзу қавола аз хасон ту.
Мадад пурсидан аз нокас хато аст,
Ки ин пандро ба дигарон расон ту.

***

Шукӯҳу нангу ному одамӣ чист?
Агар дорад чунин хислат, бигӯ кист?!
Сазовор аст ба ин ном марди комил,
Ҷавоби мо бувад бар кист, бар чист.

***

Худованди карим, бар мо назар кун,
Гумони бад зи қалби мо бурун кун.
Зи фармони Ту мо бурун нарафтем,
Бикун раҳму ҷазои худ дигар кун.

***

Намозу ҳам ниёзатро бидонем,
Ҳама амри Туро пайваста хонем.
Аз иҷрояш дигар мо сар натобем,
Зи амрат як қадам берун намонем.

***

Ба сӯят дидаи уммед бандем,
Дили саршори меҳр аз Ту накандем.
Ҳама иймон ба Ту оварда, бахшой,
Ба ҳоли кофирон дониста хандем.

***

Бидонам дӯзаху ҳам ҷаннати Ту,
Умедвор қалби мо аз ҳиммати ту.
Раҳо кун мушкили мо дар қиёмат,
Насиби мо бигардад раҳмати ту.

***

Худовандо, бидеҳ ҷо дар паноҳат,
Ки бошем аз ҷазо дур дар фароғат.
Ту қодир дар ҳама давру замонҳо,
Вуҷуди мо бикун дур аз разолат.

***

Ҳамеша номи Ту вирди забонам,
Мурувватҳои Ту дар мағзи ҷонам.
Насозам ман Туро як дам фаромӯш,
Бигирӣ ҷонам ар, як дам намонам.

***

Аҷаб бахшандаӣ, Парвардигорам,
Умеди мағфират ман аз ту дорам.
Агарчӣ бегунаҳ ҳаргиз набудам,
Ба раҳму шафқатат умедворам.

***

Қадамҷоят ибодатгоҳи мо шуд,
Расулонат бубин, ҳамроҳи мо шуд.
Ба роҳи Ҳақ ҳама сардодагонем,
Ҳама амрат чароғи умри мо шуд.

***

Ту бошӣ Холиқи ҳар ҷони зинда,
Ҳама инсон ба наздат буда банда.
Ҳуқуқи зиндагӣ додӣ ба инсон,
Худат меъмору олам офаранда.

***

Асосӣ зиндагонӣ дини Ислом,
Ба инсон муждагонӣ дини Ислом.
Дилу дида зи ту гардад чароғон,
Саводи бандагонӣ, дини Ислом

***

Машав ғарра ба молу давлати худ,
Бишав оқил, бигард аз савлати худ.
Сароб аст давлату ҳам савлати ту,
Расад рӯзе, ту донӣ иллати худ.

***

Ту фахри тоҷиконӣ, эй Имомам,
Бузурги ҳар замонӣ, эй Имомам.
Шиносад кай туро аҳли замона?
Порастори забонӣ, эй Имомам!

***

Ту кардӣ тоҷикиро лафзи ҷаннат,
Ба халқат чӣ қадар кардӣ ту хидмат.
Надорам қудрате, васфат сароям,
Бигаштӣ баҳри мо ту рамзи ҳиммат.

***

Ҳавас дорам ба ту, Имоми Аъзам,
Кунад таъзим ба ёдат насли одам.
Бувад қонун барои мо хитобат,
Нагардад эътиборат заррае кам.

***

Ту будӣ раҳбари  поки аҳолӣ,
Куҷое гар равӣ, ҷои ту холӣ.
Бубин, бозор шуд маҷлиси аҳбоб,
Надорӣ чун дигарҳо қарзи молӣ.

***

Зи ту омӯхтем асли шариат,
Зи ту омӯхтаем роҳи тариқат.
Бишуд машҳур ба олам дини Ислом,
Зи ту омӯхтем дарки ҳақиқат.

***

Касу нокас набошад ёри ҷонӣ,
Дар олам бешумор аст ёри нонӣ.
Набошад арраву ранда баробар,
Ки бояд фарқи ҳар дуро бидонӣ.

***

Насозад шоире даъвои шӯҳрат,
Кунад рӯзу шабон пайваста меҳнат.
Қалам аз дасти он ҳаргиз наафтад,
Ки бошад беҳтарин сарбози миллат.

***

Ту донӣ дарду озори диламро,
Ту донӣ ҳам суроғи манзиламро.
Чаро аз баҳри дилпурсӣ наоӣ?
Худат парвардаӣ хоку гиламро.

***

Ҷаҳон рӯзе зи мову ту бимонад,
Касе моро дигар бора нахонад.
Агар номи накӯ аз худ бимонем,
Ҳамон дам қадри моро пас бидонад.

***

Напояд моли дунё, эй бародар,
Равад рӯзе, зи дастат он саросар.
Шавӣ бечораву танҳову мискин,
Бимонӣ дар Ватан ҳам дар паси дар.

***

Набинад ҳеч кас умри дубора,
Нагардад кӯдаке дар гоҳвора.
Бикун коре, пушаймонӣ наорад,
Ба вақти марг кай ёбӣ ту чора?

***

Ба инсон давраи пирӣ ғамангез,
Зи бад будан ба рӯзи нек парҳез.
Ба чашмат бад намояд дӯсту душман,
Ба дарди бедаво гардӣ саҳархез.

***

Зи маҷрои ҳаёт берун нарафтам,
Ки ҷое дакка хӯрдам, то наафтам.
Басе роҳи дарозу пурхатар аст,
Сари роҳе вале ҷое нахуфтам.

***

Чаро ҳаргиз надорӣ сабру тоқат,
Надорӣ бар касе меҳру садоқат?
Нагардӣ бар касе ёру бародар,
Ба дил мепарварӣ ҷаҳлу адоват.

***

Ба ту ҷангу ҷадал гардида одат,
Ба сар рӯзе биборад санги офат.
Бипарто одати деринаатро,
Шавӣ рӯзе ту ҳам побанди кулфат.

***

Бикун хизмат ба аҳли мӯсафедон,
Ба аҳли нотавону ҳам ғарибон.
Ҳама мӯҳтоҷ бар имдоди моянд,
Туро ҳам дӯст доранд аз дилу ҷон.

***

Намонад дар ҷаҳон як одами зор,
Зи дасти одаму олам шуда хор.
Ҳама бар ӯ кунем имдоду ёрӣ,
Набинад аз хасе ӯ дарду озор.

***

Гузашта фасли гул, хушкида боғҳо,
Ба ҷои боғу бӯстон монда доғҳо.
Ба гӯш ояд фиғони булбули зор,
Панаҳ ҷуста ҳама дар кунҷи роғҳо.

***

Кушо ҳиммат ба рӯйи хони неъмат,
Ки борад бар сарат борони раҳмат.
Магӯ, ки дигарон некӣ надонанд,
Зи ту бегона гардад дарду офат.

***

Агар мардӣ, зи некӣ даст мабардор,
Зи ҳоли мардумон бошӣ хабардор.
Зи худбин дур бош, эй марди хушном,
Набошад то касе дар зиндагӣ хор.

***

Худо гӯ, ки зи по ҳаргиз намонӣ,
Ғарибу бенаво худро надонӣ.
Зи сахтиҳои роҳат бохабар бош,
Гумон созӣ,  ки худ баҳри дамонӣ.

***

Зи бозиҳои қисмат бохабар бош,
Ба базми ошиқон балоназар бош.
Набошад ҷоми май олудаи заҳр,
Зи макри душманонат боҳазар бош.

***

Ба ту роҳи сафед, эй нури дида,
Нидои қалбҳои мо шунида.
Бирав дар хидмати Модар Ватан бош,
Ба қадри обу хоки он умри расида.

***

Гузашт давру ба дасти ман асо дод,
Барои аз ҷаҳон рафтан дуо дод.
Вале дил мисли сабза пурумед аст,
Барои зистан фурсат Худо дод.

***

Надорам ман умед аз умри монда,
Ки ҷисму ҷони манро дард ронда.
Гумон созам, ки ризқам канда гардад,
Барои зистан фурсат намонда.

***

Гузашт умру зи қисмат ман нанолам,
Сипоси ин ҳама ризқи ҳалолам.
Каму камбудиеро ман надидам,
Хабар дорад ҷаҳон аз ҳолу молам.

***

Ҳаёт пайваста мегардад фаровон,
Шуда кишвар саросар боғу бӯстон.
Ҳама саргарми кору меҳнат астанд,
Бидида чашми мо гардад дурахшон.

***

Зи карда кай шавӣ охир пушаймон,
Шикастӣ сад карат ту аҳду паймон.
Зи кайфи бода мегардӣ чу Маҷнун,
Ки Лайлоят шавад ҳайрону гирён.

***

Қаду қомат ба мисли кӯҳи Помир,
Ки ахлоқат ба мову дигарон сир.
На коҳиву на дони гандумӣ ту,
Ба суди оламе кай ҷӯӣ тадбир?

***

Надорад сӯҳбатат як зарра маъно,
Ки лол монд ба наздат марди доно.
Шабу рӯзе ба ман, ки ҳарза гӯӣ,
Дилам ғаш мешавад аз ҳарфи беҷо.

***

Агар хонам шабу рӯзон чу Қуръон,
Куҷо созӣ ҷазои ман ту осон?
Гуноҳи ҳар киро бар худ нависанд,
Ҳақиқатро шунав аз ҳарфи эшон.

***

Намонӣ дар ҷаҳон ту ҷовидона,
Ба мисли раҳгузар меҳмони хона.
Зи манзил меравӣ рӯзе, чӣ чора,
Наёбӣ бахри мондан ту баҳона?!

***

Магӯ, ки ман ғами дунё надорам,
Магӯ, ки дидаи бино надорам.
Ба сар дорам ҳама ғамҳои олам,
Зи иғвои рақибон беқарорам.

***

Бародар бо бародар гар насозад,
Ба сози дигарон пайваста бозад,
Набошад сулҳу осоиш дар олам,
Ки ҷисму ҷони манро ҳам гудозад.

***

Илоҳо, ғам набинӣ, эй писарҷон,
Ба бахтам дилнишинӣ, эй писарҷон!
Дуоят мекунам, гардад иҷобат:
Ба тахти бахт шинӣ, эй писарҷон!

***

Ба дунё қавму миллатҳои бисёр,
Яке тобеъ, дигар гардида сардор.
Гузорад пойи худро бар сари тахт,
Дигарҳо хору зоранду гирифтор.

***

Сару савдои ман кай мекушояд?
Ба моли ман харидоре наояд.
Бихоҳам, ки китобамро фурӯшам,
Ғазалхоне зи модар кай бизояд?

***

Расид аз роҳи дуре фасли пирӣ,
Зи умри рафта бояд панд гирӣ.
Ба сони тир ҷаста аз камонаш,
Расида бар нишон, гашта асире.

***

Бигаштам дар дили дашту биёбон,
Бимонда нақши по бар реги тафсон.
Бирафта аз сарам умри ҷавонӣ,
Шудам аз умри рафта ман пушаймон.

***

Хусумат бар касе ҳаргиз надорем,
Ва тухми кинаро ҳар ҷо накорем.
Наорад тухми кина бори дилхоҳ,
Ба аҳди худ бидон, ки устуворем.

***

Аё, дил, беқарорӣ, беқарорӣ,
Ба ҳоли зори ман раҳме надорӣ.
Чӣ аҳволе, хабар ҳаргиз нагирӣ,
Гаҳе ҷонро зи ҷисмам мебарорӣ.

***

Заифу нотавонам, эй Худованд,
Раҳо кун дасту поямро ту аз банд.
Бидонӣ, сарнавишти ман чунин аст,
Намо қалби маро дубора хурсанд.

***

Ба олам омадӣ, ҳукри Худо кун,
Барои рафтагон арзи дуо кун.
Машав ғофил, ки рӯзи рафтанат ҳаст,
Ба ҳар кори накӯ фурсат ҷудо кун.

## МОДАРНОМА

Аё Модар, ба ман ҷон офаридӣ,
Ки худ ранҷу азоб арзон харидӣ.
Ба наздат қарздорам, Модари ҷон,
Зи умрат пораеро ту буридӣ.

***

Аё Модар, ба ту сад офаринҳо,
Куҷо бошад дар олам ту баринҳо?
Ба поят сар фарорам аз дилу ҷон,
Ту беҳӣ, беҳтарӣ аз беҳтаринҳо.

***

Адо созӣ ту фармони Худоро,
Бидодӣ дар ҷаҳон садҳо даҳоро.
Ту охир насли одам офаридӣ,
Ба ҳар як медиҳӣ асли баҳоро.

***

Маранҷон Модари чун мушти парро
Макун дар зери по ту тоҷи сарро.
Бароят ҷони худро ӯ фидо кард,
Куҷо дидӣ чунон меҳри падарро?

***

Ғаматро доимо Модар бихӯрад,
Умеди худ зи ту ҳаргиз набуррад.
Ба сар дорад фақат ғамҳои фарзанд,
Биёбад луқмае, танҳо нахӯрад.

***

Ҳаёти мо ба дӯши модарон аст,
Барои зиндагӣ беҳад гарон аст.
Ҳама буду набуди рӯзгорон
Чу меросе ба дӯши модарон аст.

***

Насиҳатҳои Модар гӯш медор,
Зи ҳарфе, ки бигӯяд, баҳра бардор.
Магӯ, ки ҳарзаҳои беҳудаст он,
Расад рӯзе, шавад бисёр даркор.

***

Ба мисли ҷаннат аст оғӯши Модар,
Нарафта аз хаёли ман саросар.
Чу дорад лаззати ҳар ду ҷаҳонро,
Мадеҳ аз дастат ин ҷаннат, бародар.

***

Бикӯш, Модар зи ту ҳаргиз наранҷад,
Туро аз тахти дил сад бор санҷад.
Агар аз ту бимонад қалби модар,
Дигар дар оламат ҳаргиз нағунҷад.

***

Барои модарат ҷонро фидо кун,
Дили озурдаи ӯро даво кун.
Нагардад сер аз дунёи фонӣ,
Зи доми ғам варо зудтар раҳо кун.

***

Набинам ман туро олудаи ғам,
Набинам заррае аз ҷамъият кам.
Ту ҳастӣ Модари фарзанди инсон,
Биист бар аҳди худ содиқ ва маҳкам.

***

Аё Модар, ба ёдат гиря кардам,
Садоям хаста шуд, хуб нола кардам.
Бирафтӣ аз ҷаҳон, раҳмат наёмад,
Сари ҷону ҷигарҳо сила кардам.

***

Бирафтию ҷаҳони ман хароб аст,
Умеду орзӯ пучу сароб аст.
Намонд ҷое ба базми зиндагонӣ,
Дилам аз дарду ғам охир хуноб аст.

***

Надорам тоқати дурӣ-ҷудоӣ,
Намедонам, ки ту ҳозир куҷоӣ?
Надорад манзилат роҳи баромад,
Набошад бар ту ҳам роҳи раҳоӣ.

***

Аё Модар, ту кони меҳру шафқат,
Ту дорӣ байни мардум шону шӯҳрат.
Туро чун модари худ дӯст доранд,
Ба кирдори ҳама созӣ ту диққат.

***

Аҷаб ғампарварӣ, эй Модари ҷон,
Ба моён сарварӣ, эй Модари ҷон.
Ҳама пиру ҷавон фарзанди туянд,
Ту, Модар, дилбарӣ, эй Модари ҷон.

***

Ғами олам, ғами одам насибат,
Ҳама хешу ҳама дарвеш ҳабибат.
Бани одам ба як чашм бинӣ, модар,
Зи шармаш мешавад дӯст он рақибат.

***

Ту охир бахри моён Модар астӣ,
Чу шамси пурҷилои Ховар астӣ.
Зи ту гарм аст ҳастии азизон,
Барои ҳар яке болу пар астӣ.

***

Дуоят баҳри мо пушту паноҳ аст,
Ба ҷисму ҷони мо боди сабоҳ аст.
Кушояд сад гиреҳ аз зиндагонӣ,
Вагарна ҳоли мо доим табоҳ аст.

***

Набоши ту даме, олам хароб аст,
Дили пурғам ба ёди ту кабоб аст.
Марав, Модар, зи манзил ҷойи дигар,
Ду чашми равшанам чоҳи пуроб аст.

***

Зи олам монаму аз ту намонам,
Зи ту беҳтар касеро ман нахонам.
Ту ҳастӣ ҷисми манро ҷони ширин,
Аё Модар, зи ту ҳаргиз намонам.

***

Шавам садқа ба мӯйи сап-сафед,
Ба рангу рӯи зарди барги бедат.
Куҷо шуд ҳусни зебову латофат?
Накандӣ аз ҷаҳон банди умедат.

***

Сағирию кабирӣ, Модари ҷон,
Ба дунё беназирӣ, Модари ҷон.
Агарчӣ ҳукми ту бар мо раво аст,
Ба неку бад асирӣ, Модари ҷон.

***

Аё Модар, ба ту пирӣ асар кард,
Ғами фарзанд туро ҳам дарди сар кард.
Зи умри рафтаат парво надорӣ,
Ғами олам куҷо аз сар бадар кард.

***

Мани пиронасарро мепарастӣ,
Зи меҳри кӯдакиям ту нарастӣ.
Ба наздат ман ҳанӯзам нотавоне,
Агар пирӣ, ту ғамхори ман астӣ.

## ТАБИАТНОМА

Чӣ фасли дилкушо ҳастӣ, баҳорон,
Ба ҳар дарде даво ҳастӣ, баҳорон.
Ту фасли дилрабоӣ чун арӯсон,
Ба чашми мо зиё ҳастӣ, баҳорон.

***

Ба фасли қаҳратон гаштӣ музаффар,
Зи файзат оламе гашта мунаввар.
Ба ҳуснат қудсиён ошиқ бигаштанд,
Гирифта бӯйи гул ҳастӣ саросар.

***

Табиат мешавад ҳар лаҳза дигар,
Гаҳе барфу гаҳе борон шавад сар.
Ки рангу вазъи имрӯзи замона
Дили моро ба ваҳм орад саросар.

***

Зимистон омада дар мулки хуррам,
Талотум мекунад сармо дамодам.
Ба хотир фасли тобистон биёяд,
Замини кишт шавад шодобу хушнам.

***

Чӣ ҳусни дилкушо дорад зимистон,
Ба ҳар дарде даво дорад зимистон.
Агарчӣ шаб дарозу рӯз кӯтоҳ,
Ба гӯши дил наво дорад зимистон.

***

Биборад қад ба қад як барфи заррин,
Ба мисли ҷогаҳе нармасту паррин.
Барои қитъае ҷойгоҳи хоб аст,
Бубинад ҳар шабе як хоби ширин.

***

Магӯ, ки барф сард асту ҷафокор,
Барои мову ту бошад шифокор.
Зи оби тозааш ту баҳра бардор,
Ки рӯзе мешавад бар ҳама даркор.

***

Макун аз фасли дай бар ман шикоят,
Кунам онро ба мисли тан ҳимоят.
Аз он бошад фаровонӣ зи ҳосил,
Туро созам ба фасли хуш ҳидоят.

***

Зимистон бошадаш даврони таътил,
Ҳама фориғ бувад аз кору таҳсил.
Ту ҳам, шоир, даме қомат бикун рост,
Шавад ҳар як муродат нек ҳосил.

***

Ҳаво софу мусаффо оби дарё,
Таҷассум кардааст он ҳусни дунё.
Табиат гаштааст зебою зебо,
Барои мову ту фасли тамошо.

***

Ба ҳар кӣ медиҳӣ нону намак ту,
Расӣ бар қадри ҳар хӯша, сарак ту.
Ба азмат пур бишуд нондони мардум,
Расонӣ аз зафарҳо хуш дарак ту.

***

Чӣ форам ҳаст боди навбаҳорон,
Гирифта оламеро лолазорон.
Тамоми ҷону ҷонвар зинда гардад
Шавад ҷои тамошо боғу бӯстон.

***

Шавад тӯйи табиат дар баҳорон,
Шавад хуррам замин аз оби борон.
Ҷаҳон пӯшад ба тан пераҳони сабз,
Ҷило бахшад ба он хуршеди тобон.

***

Шикасти қимати гул дар баҳорон,
Ба сар гулдаста доранд он дарахтон.
Табиъат рангу бӯи тоза дорад
Чу ҳар лаҳза биборад резаборон.

***

Баҳор омад, замин пурлола гардид,
Найи чӯпонӣ ҳам пурнола гардид.
Бишуд иди бузурги сабзаву гул,
Дилам бар ишқи дилбар вола гардид.

***

Баҳор омад, ба роҳаш дида медӯз,
Ба ишқаш меҳри тобон дар табу сӯз.
Бихезад оламе аз хоби нозаш
Расонад муждае аз  Иди Наврӯз.

***

Ту гӯӣ, оламе бозори гул шуд,
Дили бадмасти мо хуммори гул шуд.
Нишоти тоза дорад рангу бӯяш,
Парирухсори мо хушдори гул шуд.

***

Ба соҳил кай бигунҷад оби дарё?
Занад худро ба сангу кӯҳу саҳро.
Зи ишқи фасли гулҳо гашта Маҷнун
Гирифта раҳ ба сӯи мулки Лайло.

***

Ба шохи ҳар гуле як булбуле ҳаст,
Ба ҷисми булбуле дон, як диле ҳаст.
Дили булбул ба гул шайдову ошиқ,
Барои ошиқон хуш манзиле ҳаст.

***

Дамад ҷон дар танам чун сабзаи тар,
Ба ҳар сӯ барфи гул борад саросар.
Баҳор омад, бикун бовар, бародар,
Бигирем зиндагии тоза аз сар.

***

Дарахтони сари раҳ салла бастанд,
Гули ранга ба сар гулдаста бастанд.
Ҷаҳон пур шуд зи рангу бӯйи онҳо,
Ба фасли нозанин дилбаста гаштанд.

## ДЕҲҚОННОМА

Зи меҳнат мешавад олам фаровон,
Биёбӣ шӯҳрату шаъни намоён.
Ту охир зодаи Бобои деҳқон,
Бикун коре, нагардӣ сад пушаймон.

***

Ту ҳастӣ қаҳрамону марди майдон,
Расида шуҳратат бар гӯши Кайҳон.
Биёбӣ бахти худ аз хоки тира,
Ки ҷои кори ту буд пахтамайдон.

***

Замин кони зар асту кони тилло,
Ки нархаш дар ҷаҳон аз ҳар чӣ боло.
Заминро на хариву на фурӯшӣ,
Замин мулкест, номаш моли дунё.

***

Ҳама хоҳад ки тухми некӣ корад,
Ҳамон тухме, ки корад, ҳосил орад.
Мабодо мақсад ар ҳосил нагардад,
Ба соли дигаре ҳосил биёрад.

***

Ба меҳнат умри ту гардида моил,
Зи хоки тира рӯёнӣ ту ҳосил.
Ту донӣ сирри пинҳони заминро
Ту бошӣ бо замин ҳамрозу ҳамдил.

***

Зи тафти қалби гармат дона рӯяд,
Зи оби сарди борон дида шӯяд.
Шавад ҳосил фаровон фасли гармо,
Гурусна аз пайи ту чора ҷӯяд.

***

Ба майдони ҷасорат гар дароӣ,
Гиреҳи зиндагиро мекушоӣ.
Агар созам ба ту ман раҳнамоӣ,
Ба чашми оламу одам намоӣ.

***

Ало, деҳқон, ба васфат шеър гуфтам,
Равону содаву озода суфтам.
Ба ту фаҳмо бувад ҳар ҳарфи шеърам,
Ба мушкилкорҳо ҳаргиз на ҷуфтам.

***

Чу фарзанде заминро мепарастӣ,
Ба гирдаш гардиву ҳаргиз нарастӣ.
Дар он дидӣ умеду ҳосилатро,
Кунун маъмуру соҳибдавлат астӣ.

## МУНДАРИҶА

САБАҚИ САБКИ ХУРОСОНӢ ..........................................3

### ХОКИ НИЁГОН

Ватан ........................................................................12
Ӯзбекистон...............................................................13
Садоқат ба Ватан .....................................................14
Ҳусни ҷаҳон Бухоро................................................15
Соҳиби давлат шудем .............................................17
Насли Сомонӣ..........................................................18
Мулки нозанинам ....................................................19
Бо номи ту сар мекунам...........................................20
Эй Бухоро, шод бош! ...............................................21
Ниёише барои мардуми Ватан ...............................22
Хуршеди Истиқлол...................................................23
Забонам – давлатам .................................................24
Лаъли Бадахшон........................................................25
Мадҳи Ватан ............................................................27
Бухорои шариф .........................................................28
Шавгон ......................................................................29
Муҳоҷир ...................................................................30
Диёрам Тоҷикистон ..................................................34
Тоҷикистон................................................................35
Шаҳри шариф ...........................................................37
Зарафшон ...................................................................39
Ифтихори миллат ......................................................40
Дилу ҷонам, Бухоро!.................................................41
Яъс ва умед ................................................................42
Ёди Бухоро.................................................................43
Дуруд аз Бухоро.........................................................44
Давлати Сомониям....................................................45

### БУЗУРГОНИ БУХОРО

Имом ал-Бухорӣ ........................................................48
Имоми аллома.............................................................51
Шоири ошиқ: Абдураҳмони Мушфиқӣ ...................52
Шавкати Бухорой .......................................................54
Сайидои Насафӣ.........................................................57
Имлои Бухорой..........................................................60

Ёди Шоҳин.......................................................................63
Ғами шоир.......................................................................66
Шеъри шоир умри ӯст: .........................................................67
Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ....................................................67
Муҳаммадҷон Раҳимӣ ..........................................................71
Мухтор Ашрафӣ: санъаткори шӯҳратёр..................................73
Бонуи тоҷик – Қаҳрамони Ӯзбекистон ....................................75
Исмоили Сомонӣ.................................................................79

## ҲАМЗАМОНУ ҲАМЗАМИНУ ҲАМЗАБОН

Дареғи умри рафта.............................................................82
Шифокор.........................................................................83
Муаллими мо....................................................................84
Манзараҳои ҷавонӣ.............................................................85
Барги сабз .......................................................................87
Ҷустем вафо.....................................................................88
Паёме ба Шералӣ ...............................................................89
Ҳоҷатбарор .......................................................................90
Дағдағаи шавҳар.................................................................91
Шабҳо нахобам...................................................................92
Бозии қисмат......................................................................93
Қасри адолат......................................................................94
Тӯҳфаи бебаҳо ...................................................................97
Ҳақиқат ............................................................................98
Табиби машҳур...................................................................100
Сарвати мо .......................................................................101
Ормон...............................................................................102
Соҳибони мулк ..................................................................103
Кохи нур...........................................................................104
Тан бидеҳ .........................................................................105
Нури дида..........................................................................106
Мусулмони ҳақиқӣ.............................................................107
Арзиши китоб....................................................................108
Хидматгор.........................................................................109
Ибрати ҳама .....................................................................110
Раҳнамо ...........................................................................111
Вазифаи ҷавонон...............................................................113
Умри гузарон ....................................................................114
Номард .............................................................................115
Фахрия..............................................................................116

Қадри инсон ........................................................................117
Мероси Падар ......................................................................118
Зинаҳои зиндагӣ ..................................................................119
Қадри китоб ........................................................................120
Мурғи дастомӯз ...................................................................121
Иди устодон ........................................................................122
Меҳри устод ........................................................................123
Бо сабақҳои шумо ...............................................................124
Ҳофизи шӯрангез ................................................................125
Гулаки зебо .........................................................................126
Рӯзи хуҷаста ........................................................................127
Қадри вақт ..........................................................................128
Огоҳ бош .............................................................................129
Орзӯи соли навӣ ..................................................................130
Дар васфи модар .................................................................131
Чир-чирак ............................................................................132
Рамзи муҳаббат ...................................................................133
Худ ба худ ..........................................................................134
Марсия ...............................................................................135
Бонуи маърифат .................................................................136
Дар меҳмонӣ .......................................................................139
Таассуф ..............................................................................140
Пас, куҷо шуд? ....................................................................141
Ишқи табиӣ .........................................................................142
Бинокорӣ .............................................................................146
Мактабам ............................................................................147
Шер ва шоир .......................................................................148
Хабарнигори доно ...............................................................149
Эй бародар! .........................................................................150
Арӯсу домод ........................................................................150
Олими пурдон .....................................................................151
Майзада ..............................................................................152
Ғофилон ..............................................................................154
Ҳукми тақдир ......................................................................155
Таваллуди шоир .................................................................157
Механизатор .......................................................................158
Фалсафаи танбал ................................................................160
Ҳирси дунё .........................................................................162
Шабнам ...............................................................................163
Ба ҳама ибрат .....................................................................164

Тифли гирёнам ҳанӯз ........................................................165
Дареғо, мерасад рӯзи ҷудоӣ... ..............................................166

## ҒАЗАЛИЁТ

Ғамхор хоҳар мешавад........................................................168
Суруди наврӯзӣ..........................................................................169
Боли илҳом..................................................................................170
Марҳам аст..................................................................................171
Номи нек ....................................................................................172
Дилбари соҳибҷамол..................................................................173
Рисолати зиндагӣ ......................................................................174
Дарахти умр ...............................................................................175
Ишқи сӯзон .................................................................................176
Модар .........................................................................................177
Рисолати пирӣ ............................................................................178
Андеша........................................................................................179
Пайванди ҷон...............................................................................180
Биё ..............................................................................................181
Овора гаштам... ..........................................................................182
Ёри меҳрубон...............................................................................183
Ошиқи зор...................................................................................184
Меҳмони Самарқанд...................................................................185
Дар ишқи ёр ................................................................................186
Қонуни нонавишта......................................................................187
Моҳи дамида...............................................................................188
Сайри Исфара .............................................................................189
Қанди порсӣ-тоҷикӣ ..................................................................190
Дар васфи забон .........................................................................191
Дунё шудам.................................................................................192

## ЁДИ САБЗИ ИШҚ

Орзӯ ...........................................................................................194
Шоми пурозор ............................................................................195
Давои дард .................................................................................196
Пазмон шудам.............................................................................197
Дарди ишқ...................................................................................198
Он нигаҳ......................................................................................199
Интизорӣ.....................................................................................200
Ёри зардӯз...................................................................................201
Ишқи пок ....................................................................................202

Ёри вафодор ........................................................................203
Ҳамсарат ман .......................................................................204
Шайдои ту ...........................................................................205
Ишқи баҳорӣ .......................................................................206
Ҷону ҷаҳонам .......................................................................207
Парӣ .....................................................................................208
Сӯзу сози ишқ .......................................................................208
Дарди ишқ ............................................................................209
Шамси тобон ........................................................................210
Ҳамсари дилдода ..................................................................211
Хоби бад ...............................................................................212
Даъвои ман ..........................................................................213
Гули одам .............................................................................214
Бовар бикун .........................................................................215
Дилбари зебо ........................................................................216
Ҷонам туӣ .............................................................................217
Аҳду вафо .............................................................................218
Тақдир ..................................................................................219
Ҷони манӣ ............................................................................220
Эй ёри дилнавозам ...............................................................221
Ту дар куҷоӣ? .......................................................................222
Дилбарам ..............................................................................223
Дуои ошиқ ............................................................................224
Интизорӣ ..............................................................................225
Марҳами ҷон .........................................................................226
Беқарор .................................................................................227
Риштаи ҷон ..........................................................................228
Аз парӣ зеботарӣ ..................................................................229
Аз дар даро ..........................................................................230

## ТАБИАТИ ВАТАН

Соли нав ...............................................................................232
Каромати табиат ..................................................................233
Пайки баҳор .........................................................................234
Наврӯзи гулрез .....................................................................235
Баҳори пурфайз ....................................................................236
Мулки дилрабо .....................................................................237
Оғози баҳор ..........................................................................238
Наврӯзаки гулрезон ..............................................................239
Шикорчиён ...........................................................................241

Хазина ......................................................................242
Омад баҳорон ...........................................................243
Тӯйи замин.................................................................245
Иди баҳор...................................................................246
Арзи ман ....................................................................247
Файзи баҳорон...........................................................248
Тӯҳфа ба Меҳргон .....................................................249
Мӯъҷизаи наврӯзӣ......................................................250
Иди ҷаҳонӣ ................................................................251
Баҳори деҳқон ............................................................252
Тамошо.......................................................................253
Оби Раҳмат.................................................................254
Наврӯзи ҷонона .........................................................255
Арзи вафо...................................................................256
Аввали баҳор .............................................................257
Суруди наврӯзӣ..........................................................258
Ҷашни Наврӯз муборак! ...........................................259
Фасли файзрез ...........................................................260

## ГУЛЧИН АЗ КИТОБҲОИ ПЕШИН

Доғи ҷанг ..................................................................262
Тахти ман ..................................................................263
Баҳори ту, Бухоро!....................................................266
Кистам ман?...............................................................269
Нури хонадон.............................................................272
Кишвари зебои ман ...................................................273
Дар ситойиши Модар................................................276
Дар иди Модар...........................................................277
Самарқанду Бухоро ...................................................279
Меҳрангез ..................................................................281
Эҷодкори забонам .....................................................283
Забони модарӣ ...........................................................285
Ҳама фарзанди Модарем ..........................................286
Кистам ман?...............................................................289
Адаб  ва ғазаб ............................................................290
Доғи ҳаҷр ..................................................................292
Ҷони ширинам, биё!..................................................293
Салом, мактаб! ..........................................................294
Саъдии бузург............................................................295
Носири Бухорой .......................................................296

Ба пири ғазал – Ҳофиз ........................................................297
Шоирон ..............................................................................298
Пайрав Сулаймонӣ ............................................................299
Қадри забон .......................................................................301
Душанбе ............................................................................302
Суғдиён .............................................................................303
Ифтихори ман туӣ .............................................................304
Шоири ширинзабон ...........................................................305
Хонаи моҳ .........................................................................306

## ЧАҲОРПОРАҲО

Бухороснома ......................................................................308
Меҳанннома .......................................................................311
Ҷилваҳои табиат ...............................................................321
Дарднома ...........................................................................322
Ёрнома ...............................................................................339

## ДУБАЙТИҲО

Чакомакҳои Бухоро ...........................................................346
Ёдгори Оли Сомон .............................................................352
Ишқнома ............................................................................362
Пирнома .............................................................................384
Модарнома .........................................................................414
Табиатнома ........................................................................419
Деҳқоннома .......................................................................423

**Адабий-бадиий нашр**

# АСАД ГУЛЗОДА БУХОРИЙ

# КУЛЛИЁТ

## 4-ЖИЛД

**Шеърлар, ғазаллар, тўртликлар**

*Тожик тилида*


Муҳаррир *Э. Муҳаммадиев*
Бадиий муҳаррир *А. Ақилов*
Техник муҳаррир *Б. Ирисбоев*
Мусаҳҳиҳ *Д. Исмоилова*
Саҳифаловчи *З. Расулов*

Нашриёт лицензияси. № 2013-975f-3c5e-dle5-f4f3-8537-2366
Босишга 16.03.2022 йилда рухсат этилди.
Бичими 84x108 $^{1}/_{32}$. Ҳажми 27,0 б,т. Адади 250 нусха.
Шартнома № 150. Буюртма № 41.

"Yosh avlod matbaa" нашриёти, 100190, Тошкент шаҳри,
Чилонзор тумани., Чилонзор кўчаси 1-а уй.

"Adad Plyus" МЧЖ босмахонаси.
Тошкент ш. Чилонзор тумани, Бунёдкор кўчаси, 28-уй.



Шоир ва рӯзноманигори маъруф Асад Гулзодаи Бухороӣ дар соли 1935 дар деҳистони Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро ба дунё омадааст. Таҳсилоти миёнаро дар мактаби зодгоҳаш фаро гирифта ва дар солҳои 1954-1958 дар донишкадаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Омӯзгории шаҳри Душанбе таҳсили илм кардааст.

Солҳои 1958-1968 дар мактабҳои ноҳияи Пешкӯ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс дода ва як муддат ба унвони директор, мудири умури таълимии мактаб ифои вазифа намудааст. Аз соли 1968 ба унвони корманди бахши барномаҳои радиошунавонии вилояти Бухоро, пас аз он то соли 1995 ба унвони сардабири радиожурнали "Насриддин дар Бухоро" кор кардааст.

Беҳтарин намунаҳои ашъори Асад Гулзода дар маҷмӯаҳои шеърии ӯ бо номҳои "Насими Бухоро" (Бухоро, "Бухоро", 2001), "Хати пешона" (Душанбе, "Суруш", 2003), "Шукуфаҳои Бухоро" (Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2004), "Нафаси баҳор" (Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2007), "Намози рӯи барг" (Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2007), "Арзи сипос" (Бухоро, "Бухоро", 2012), "Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1" (Тошканд, "Янги нашр", 2017), "Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 2" (Тошканд, "Янги нашр", 2018), "Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 3" (Тошканд, "Янги нашр", 2019), дар маҷмӯаҳои дастҷамъии "Мурғобӣ чӣ мекобад?", "Лафзи ширин", "Каҳкашони орзӯ", "Гули мурод", "Гулистони адаб", "Фариштагони форсигӯ", "Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон: қарни бистум то кунун", "Тазкираи адабиёти бачаҳо", дар китобҳои дарсии хонишу забони модарии синфҳои ибтидоӣ, адабиёти синфи 11-и мактабҳои тоҷикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар саҳифаҳои матбуоти даврии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Эрон ба чоп расидаанд.

ISBN-978-9943-22-298-4